ISSN 2790-7198

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ**
**ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО**

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ**
**СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ**

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN**
**INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS**
**OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES**

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№ 3 (19), 2024**

**Душанбе - 2024**

**Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир;
**Ҳабибов Абдураҳмон** – котиби масъул.

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** – президенти АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, узви вобастаи АМИТ
**Фарҳод Раҳимӣ** – академики АМИТ;
**Муҳаммад Абдурраҳмон** – узви вобастаи АМИТ;
**Акбар Турсон** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Ҳабибулло Раҷабов** – доктори илмҳои филологӣ;
**Тоҷиддин Мардонӣ** – доктори илмҳои филологӣ;
**Санавбар Воҳидова** – доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо Искандаров** – доктори илмҳои таърих;
**Турсунмурод Турсунов** – доктори илмҳои таърих;
**Шамсиддин Каримов** – доктори илмҳои сиёсӣ;
**Раҳмон Улмасов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҳисайн Исайнов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Баҳовиддин Ҷумъаев** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Фирдавс Муқаддасзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Субҳиддин Зиёев** - номзади илмҳои филологӣ.

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати берунӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, забон ва адабиёти кишварҳои хориҷа ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 305/МҶ – 97 санаи 26 июли соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

**Индекси обунавӣ: 77731**

Дар асоси фармоиши Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 270/м аз 29 ноябри соли 2022 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст.

Маҷалла дар Индекси русии иқтибосоварии илмӣ (РИНЦ) ба қайд гирифта шудааст.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72.
Сомонаи мо: **https://www.osiyoavrupo.tj/majalla.**
E-mail: **kotibi_ilmi.amit.ioa@mail.ru**

Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2024 – № 3 (19). ISSN 2790-7198.

**Хайдарзода Рустам Джура** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Рахмонзода Азимджони Шерали** – заместитель главного редактора;
**Хабибов Абдурахмон** – ответственный секретарь.

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

**Хушвахтзода Кобилджон –** президент НАНТ, доктор экономических наук, член-корреспондент НАНТ;
**Фарход Рахими** – академик НАНТ;
**Мухаммад Абдуррахмон** – доктор политических наук, член-корреспондент НАНТ;
**Акбар Турсон** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Хабибулло Раджабов** – доктор филологических наук;
**Тоджиддин Мардони** – доктор филологических наук;
**Санавбар Вохидова** – доктор исторических наук;
**Косимшо Искандаров** – доктор исторических наук;
**Турсунмурод Турсунов -** доктор исторических наук;
**Шамсиддин Каримов**– доктор политических наук;
**Рахмон Ульмасов** – доктор экономических наук;
**Хисайн Исайнов** – доктор экономических наук;
**Баховиддин Джумъаев** – доктор экономических наук;
**Фирдавс Мукаддасзода** – доктор экономических наук;
**Субхиддин Зиёев -** кандидат филологических наук.

**Haidarzoda Rustam Jura** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief Editor;
**Habibov Abdurahmon** – Executive Secretary.

## EDITORIAL TEAM

**Khushvakhtzoda Qobiljon** – President of NAST, Doctor of economic sciences, corresponding member of the NAST;
**Farhod Rahimi** – Academician of the NAST;
**Muhammad Abdurahmon** – doctor of political sciences;
**Akbar Turson** – Academician of the NAST, doctor of philosophy sciences;
**Habibullo Rajabov** – doctor of philology sciences;
**Tojiddin Mardoni**– doctor of philology sciences;
**Sanavbar Vohidova** – doctor of historical sciences;
**Qosimsho Iskandarov** – doctor of historical sciences;
**Tursunmurod Tursunov** – doctor of historical sciences;
**Shamsiddin Karimov -** doctor of political sciences;
**Rahmon Ulmasov** – doctor of economic sciences;
**Hisain Isainov** – doctor of economic sciences;
**Bahoviddin Jumaev** – doctor of economic sciences;
**Firdavs Muqaddaszoda** – doctor of economic sciences;
**Ziyoev Subhiddin -** candidate of philology sciences.

# МУНДАРИҶА

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ҳайдарзода Р.Ҷ.** Геостратегия ва геополитикаи Президенти Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ 7
**Искандаров Қ.** Вазъияти занон дар Афғонистон: аз Амонуллохон то Толибон 15
**Раҳмонзода А.Ш., Ҳайдарзода Р.Ҷ.** Шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28
**Шамолов А.А.** Манфиатҳои кишварҳои Аврупо дар Осиёи Марказӣ. Иштироки Осиёи Марказӣ дар низоми амнияти байналмилалӣ 44
**Мадимарова Г.** Таъсири ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон ба муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалии он 49
**Раҳмонзода А.Ш.** Сиёсати хориҷӣ хамчун соҳаи фаъолияти давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ 58
**Зиёев С.Н., Мурувватиён С.Ш.** Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои террористиву экстремистӣ 67
**Каримов Ш.Т., Сангов Ш.Б.** Заминаҳои идеологии пайдоиш ва рушди механизмҳои муколамаи мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 82
**Маликов К. К. Басиров Б.С**. Дипломатияи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ 88
**Дороншоева Н.Ш.** Таҳқиқи ҷанбаҳои сиёсии муносибатҳои ШМА ва Канада дар доираи созмонҳои байналмилалӣ 98
**Ашуров А.** Омӯзиши Осиёи Марказӣ дар тадқиқоти муҳаққиқони муосири Франсия (охири асри XX - ибтидои асри XXI) 107
**Абдумуминзода С.** Аҳамияти ҳамкориҳо ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи китобдорӣ: вазъият ва дурнамо 117
**Қамаров А.З.** Дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ 127
**Бедилзода Ҳ.К.** Нақши Созмони Ҳамкориҳои Шанхай дар мубориза ба таҳдидҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта дар минтақа 134
**Файзуллаева Н.Н.** Аз таърихи рушди робитаҳои дипломативу сиёсӣ ва иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Осиёи Марказӣ 146
**Раҳимов Ф.** Сиёсати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар самти Афғонистон 152
**Давлатова Ф.Г., Амриев С.А.** Дурнамои рушди робитаҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ 162
**Талбаков С.И.** Самтҳои асосии робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Гурҷистон: ҳолат ва дурнамо 171
**Ашуров А.** Самтҳои асосии ҳамкориҳои дуҷонибаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар қаринаи равандҳои геосиёсӣ ва геофарҳангии муосир 181
**Шарипов Ш.** Иштироки ҶМЧ дар сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва хатҳои баландшиддати барқи дар Тоҷикистон 192
**Хоҷаев Ҳ.Ҳ.** Хусусиятҳои муқовимат бо тундгароии динӣ дар шароити имрӯза 198

## ШАРҚШИНОСӢ 208

**Одинаев А.С.** Пандномаи «Сад калима»-и Рашидуддин Ватвот - муаррифгари адабиёти тоҷик дар ҷаҳон
**Олимов Ф.С.** Достонҳои кутоҳи қатарӣ инъикосгари ҳаёти иҷтимоии мардуми Қатар 216

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ 225

**Нематова П.** Моделҳои иқтисодии муваффақи Чин ва имконоти татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо
**Қурбонзода Ф.** Саҳми Русия дар лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон 233
242

# СОДЕРЖАНИЕ

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Хайдарзода Р.Дж.** Геостратегия и геополитика Президента Таджикистана в период независимости **7**

**Искандаров К.** Положение женщин в Афганистане: от Аманулла-хана до Талибана **15**

**Рахмонзода А.Ш., Хайдарзода Р.Дж.** Формирование и развитие международных отношений Республики Таджикистан **28**

**Шамолов А.А.** Политика Евросоюза в Центральной Азии: стратегия, безопасность, перспективы **44**

**Мадимарова Г.** Влияние глобальных инициатив Таджикистана на его региональные и международные отношения **49**

**Саидов Н.Ш.** Перспективы развития сотрудничество Таджикистана и Германии в рамках модели “Центральная Азия и Германия (С5+1)” **58**

**Раҳмонзода А.Ш.** Внешняя политика как область деятельности государства в международных отношениях **67**

**Зиёев С.Н., Мурувватиён С.Ш.** Предотвращение присоединения молодежи к террористическим и экстремистским группам **82**

**Каримов Ш.Т., Сангов Ш.Б.** Идейные предпосылки возникновения и развития диалоговых механизмов органов власти и институтов гражданского общества в Республике Таджикистан **88**

**Маликов К. К. Басиров Б.С**. Современная дипломатия в глобализирующемся мире **98**

**Дороншоева Н.Ш.** Политические аспекты взаимоотношений США и Канады в рамках международных организаций **107**

**Ашуров А.** Изучение Центральной Азии в современных французских исследованиях (конец XX – начало XXI века) **117**

**Абдумуминзода С.** Значение международного сотрудничества и инициатив Таджикистана в библиотечной сфере: ситуация и перспективы **127**

**Камаров А.З.** Перспективы развития научно-культурного сотрудничества Республики Таджикистан с арабскими странами **134**

**Бедилзода Х.К.** Роль Шанхайской Организации Сотрудничества в борьбе с террористической и экстремистской угрозой в регионе **146**

**Файзуллаева Н.Н.** Об истории развития политических и экономических отношений Южной Кореи со странами Центральной Азии **152**

**Рахимов Ф.** Политика Китайской Народной Республики в отношении Афганистана **162**

**Давлатова Ф.Г., Амриев С.А.** Перспективы развития экономических отношений между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовская Аравия **171**

**Талбаков С.И.** Основные направления двусторонних отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Грузия: состояние и перспективы **181**

**Ашуров А.** Основные направления двустороннего сотрудничества между Республикой Таджикистан и Французской Республикой в контексте современных геополитических и геокультурных процессов **192**

**Шарипов Ш.** Участие КНР в строительстве дорог, тоннелей и линий электропередач Таджикистана **198**

**Ходжаев Х.Х.** Особенности борьбы с религиозным радикализмом в современных условиях **208**

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Одинаев А.С.** «Сто назиданий» литературный труд Рашидуддина Ватвата, связующай Таджикистан с мирам **216**

**Олимов Ф.С.** Катарские рассказы, отражающие общественную жизнь катарского народа **225**

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Нематова П.** Успешные экономические модели Китая и возможности их применения в условиях Таджикистана: ситуация и перспективы **233**

**Курбонзода Ф.** Вклад России в инвестционные проекты Таджикистана **242**

# CONTENTS

## INTERNATIONAL RELATIONS

**Haidarzoda R.J.** Geostrategy and geopolitics of the President of Tajikistan in the independent period **7**
**Iskandarov Q.** The Status of Women in Afghanistan: from Amanullah Khan to the Taliban **15**
**Rahmonzoda A.Sh., Haidarzoda R.J.** Formation and development of international relations of the Republic of Tajikistan **28**
**Shamolov A.A.** Interests of European countries in Central Asia. Participation of Central Asia in International Security **44**
**Madimarova G.** The Impact of Tajikistan's Global Initiatives on Its Regional and International Relations **49**
**Saidov N.Sh.** Development prospects cooperation between Tajikistan and Germany within the framework of the “Central Asia and Germany (C5+1)” model **58**
**Rahmonzoda A.Sh.** Foreign policy as a field of state activities in international relations **67**
**Ziyoev S.N., Muruvvatiyon S.Sh.** Preventing youth from joining terrorist and extremist groups **82**
**Karimov Sh.T., Sangov Sh.B.** Ideological prerequisites for the emergence and development of dialogue mechanisms of government bodies and civil society institutions in the Republic of Tajikistan **88**
**Malikov K.K., Basirov B.S.** Modern diplomacy in a globalizing world **98**
**Doronshoeva N.** Political Aspects of the USA and Canadian Relations within the Framework of International Organizations **107**
**Ashurov A.M.** Studying Central Asia in modern french studies (late XXth – early XXIst century) **117**
**Abdumuminzoda S.** The importance of international cooperation and initiatives of Tajikistan in the library sphere: situation and prospects **127**
**Kamarov A.Z.** Prospects for the development of scientific and cultural cooperation of the Republic of Tajikistan with the Arab countries **134**
**Bedilzoda H.** The role of the Shanghai Cooperation Organization in combat the terrorism and extremist threat in the region **146**
**Faizullaeva N.N.** From the history of the development of diplomatic, political and economic relations of South Korea with Central Asia **152**
**Rahimov F.** Policy of the People's Republic of China towards Afghanistan **162**
**Davlatova F.G., Amriev S.A.** Prospects for the development of economic relations between the Republic of Tajikistan and the Kingdom of Saudi Arabia **171**
**Talbakov S.I.** The main directions of bilateral relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Georgia: state and prospects **181**
**Ashurov A.** Main directions of bilateral cooperation between the Republic of Tajikistan and the French republic in the context of modern geopolitical and geocultural processes **192**
**Sharipov Sh.Sh.** Participation of the People's Republic of China in the construction of roads, tunnels and high-voltage power lines in Tajikistan **198**
**Khodzhaev Kh.Kh.** Features of the fight against religious radicalism in modern conditions **208**

## ORIENTAL STUDIES

**Odinaev A.S.** “Hundred wisdoms” of Rashiduddin Vatvot - the representative of Tajik literature in the world **216**
**Olimov F.S.** Qatarian short stories reflect the social life of the people of Qatar **225**

## WORLD ECONOMY

**Nematova P.M.** Successful economic models of China and possibilities of their application in Tajikistan: situation and perspectives **233**
**Qurbonzoda F.** Russia's contribution to Tajikistan's investment projects **242**

***МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

# ГЕОСТРАТЕГИЯ ВА ГЕОПОЛИТИКАИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

**ҲАЙДАРЗОДА РУСТАМ ҶӮРА**
директори Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори илмҳои фалсафа

*Дар мақола саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва татбиқи геостратегия ва геополитикаи кишвар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гашт. Ба ақидаи муаллиф, Тоҷикистон дар Авруосиё аз мавқеи махсуси геополитикӣ бархурдор аст ва бояд аз чунин имконият ба манфиати миллии худ истифода намояд.*

*Табдил додани Тоҷикистон ба як кишвари бузурги транзитӣ дар қаринаи татбиқи лоиҳаҳои глобалӣ ва минтақавӣ дар самти вусъат додани долонҳои нақлиётӣ ва тиҷоратӣ ба мисли “Як камарбанд - як роҳ” ба маҳфуз доштани мавқеии калидии кишвари мо дар Авруосиё мусоидат хоҳад кард.*

*Муаллиф таъкид менамояд,ки ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон, хусусан дар масъалаҳои марбут ба истифодаи самараноки манбаҳои обӣ дар ҷаҳон ва татбиқи дипломатияи олӣ, яке аз унсурҳои муҳими геостратегияи кишвари мо маҳсуб меёбанд*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Президент, низоми муносибатҳои байналмилалӣ,ҷомеаи ҷаҳонӣ, геостратегия, геополитика, геофарҳанг, манфиатҳои миллӣ, дипломатияи обӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти мудирияти муваффақонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати хориҷӣ ба дастовардҳои беназир ноил шуд, яъне мамлакати мо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба давлати калидӣ ва таъсиргузори низоми муносибатҳои байналмилалӣ мубаддал гардид.

Сиёсати дилхоҳ давлати муосир дар асоси назардошти неруи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва фарҳангӣ сохта мешавад. Дар навбати худ дар татбиқи сиёсати хориҷии ин ё он давлат чунин омилҳо, ба мисли мавқеи геополитикӣ ва геостратегӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, зарфияти геоиқтисодӣ ва геофарҳангии он нақши бориз доранд. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки принсипҳои асосиашро андешаҳои фалсафӣ-сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд, бо назардошти омилҳои гуфташуда бунёд гардидааст. Тоҷикистон дар натиҷаи татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта муносибати дӯстонаро бо 192 давлати дунё, ки соҳибистиқлолии моро шинохтанд, ба роҳ монда, бо зиёда аз 180 мамлакати ҷаҳон робитаи дипломатӣ барқарор намудааст, ки натиҷаи сиёсати муваффақи хориҷии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Роҳбари давлат сиёсати хориҷии мамлакатро бо назардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон, таҷрибаи давлатдорӣ ва таъриху фарҳанги миллати тоҷик, таҷрибаи давлатдории кишварҳои муваффақи дунё, тамоюлҳои муосир дар фазои геополитикӣ ва геоиқтисодиву геофарҳангии ҷаҳон хеле дурандешона ва дурбинона амалӣ менамояд. Албатта, дар ин қарина ҳар минтақа ва ҳар давлати дунё таҷрибаи сиёсӣ, тамоюли иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангии хос дорад, ки дар раванди иртиботи хориҷии байнидавлатӣ ба инобат гирифта мешавад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хориҷии давлатамонро, пеш аз ҳама, аз сохтани фазои дӯстона ва равобити мутақобили судманд бо ҳамсоякишварҳо бо назардошти мавқеи геостратегии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд.

Геостратегияи Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ аз ҳифзи манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон бо назардошти мавқеи ҷуғрофии мамлакати мо иборат аст. Дар навбати худ манфиатҳои геополитикии Тоҷикистон аз ҳадафҳо ва вазифаҳое иборатанд, ки давлати мо дар дурнамои дуру наздик барои худ бобати амалисозии манфиатҳои миллӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ муқаррар намудааст. Албатта, ҳангоми иҷрои вазифаҳои гузошта геостратегияи дилхоҳ давлат вобаста ба тағйирёбии вазъият дар ҷаҳон дар ҳолати таҳаввулот қарор мегирад. Аз ин рӯ, геостратегияи давлатро ҳам бо назардошти ҳолати кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам дар қаринаи таърихи рушди давлатдории миллӣ бояд амалӣ намуд. Таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баръало исбот мекунад, ки танҳо тавассути иртибот бо қаринаи таърихӣ метавон геостратегияи давлатро ҳамчун падидаи маҷмуӣ татбиқ намуд. Маҳз мавқеи ҷуғрофии давлат стратегияи онро дар самтҳои гуногун ва дар қаринаи сиёсати хориҷиаш дар арсаи ҷаҳонӣ муқаррар менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 21 декабри соли 2021 иброз намуда буданд, ки «мизони асосии усули «дарҳои кушода», ки мо дар сиёсати хориҷии худ пеш гирифтаем, амалӣ кардан ва пешбурди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад.

Имрӯз Тоҷикистон узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ буда, дар сиёсати хориҷӣ ба хотири рушди минбаъдаи муносибатҳо бо тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон омодаи ҳамкорӣ мебошад. Мамлакати мо ҳоло дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд дорад»[1].

Дар ҳақиқат дар натиҷаи заҳмати шабонарӯзии роҳбарияти давлат Тоҷикистон ба мамлакати амн ва босубот табдил гардидаст. Мо мутмаинем, ки ин фазои сулҳу оромӣ дар ҷумҳурии мо дар заминаи расидан ба Ваҳдати миллӣ ва иттиҳод дар атрофи Пешвои миллат имконпазир гардидааст. Тоҷикистон дар натиҷаи татбиқи барномаҳо ва бузурглоиҳа дар қаринаи ҳадафҳои миллии стратегӣ аз таъсири равандҳои манфии глобалӣ — ба мисли бухрони амиқ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ, рақобати шадиди геополитикӣ ва геоиқтисодии абарқудратҳо як навъ маснуияти сиёсӣ ва иқтисодӣ пайдо намудааст. Албатта, ин падидаи манфии номбаршудаи ҷаҳонӣ ба равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатҳои минтақаи мо низ бетаъсир нахоҳад монд. Дар ин росто Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2023 барҳақ изҳор доштанд, ки «вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии мамлакат тадбирҳои иловагӣ андешем»[2].

Дар ҳақиқат вазъи геополитикӣ ва геоиқтисодии ҷаҳон рӯз ба рӯз мураккабтар мешавад ва он ба дилхоҳ кишвари дунё таъсир хоҳад кард. Аммо дар ҳолати мавҷудияти як Сарвари оқил ва дурандеши миллӣ ҳар давлат метавонад худро аз таъсири манфии тамоюлҳои глобалӣ ҳифз намояд. Хушбахтона, Тоҷикистон бо сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист бо нақшофарони ҷаҳонӣ, ба мисли Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Федератсияи Русия ва ҳам қудратҳои минтақавӣ, аз қабили Ҳиндустон, Эрон, Арабистони Саудӣ, Покистон ва Туркия муносибати дуҷонибаи мутақобили судмандро дар асоси назардошти манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба роҳ монад.

Дар ин радиф, албатта, хизмати Пешвои миллат дар эъмору таҳкими муносибатҳои стратегии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин вижагиҳои худро дошта, хеле назаррас аст. Ин кишвар имрӯз ба дуюмин иқтисоди ҷаҳон мубаддал гардида, соҳиби ғоя/лоиҳаи универсалии ҳамгироии глобалӣ — «Як камарбанд — як роҳ» мебошад.

Чин соли 2013 бузурглоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ»-ро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ кард. Консепсияи «Як камарбанд – як роҳ» ҳамчун ташаббуси байналмилалии Чин барои беҳбуд бахшидан ва эҷоди роҳҳои нави тиҷорат, нақлиёт, инчунин долонҳои иқтисодии кишварҳои Осиё, Аврупо ва Африқо, рушди муносибатҳои тиҷоратии байни кишварҳои Авруосиё равон шудааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 апрели соли 2019 дар Чин дар Анҷумани дуюми байналмилалии «Як камарбанд – як роҳ» оид ба ҳамкории байналмилалӣ чунин иброз доштанд: «Бо назардошти воқеияти нави ҷаҳонӣ ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» саривақтӣ ва серталаб аст, зеро он манфиатҳои иқтисодии бисёр кишварҳоро инъикос ва муттаҳид мекунад. Дар

ниҳоят, ҳадафи асосии ин ташаббус ҳавасмандгардонии рушд ва шукуфоии умумӣ дар асоси принсипҳои муштараки бартариҳои ҳар ҷониб ба манфиати умумии ҳамаи давлатҳои воқеъ дар роҳи абрешим мебошад»[3].

Тоҷикистон бо назардошти геостратегияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва инчунин вобаста ба он, ки дар яке аз чорроҳаҳои калидии Авруосиё воқеъ аст, метавонад пули пайвасткунандаи Чин ва кишварҳои дигари ҳамсояи минтақа бошад. Ҷониби Тоҷикистон мутмаин аст, ки ин бузурглоиҳаи Чин ба бунёди долони нақлиётӣ, энергетикӣ ва тиҷоратӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Иттиҳоди Аврупо ва ба таври васеъ барои амиқтар кардани ҳамкории иқтисодии даҳҳо давлати Авруосиё ва густариши ҳамкории илмию техникӣ байни онҳо равона шудааст.

«Рушди Осиёи Марказӣ дар даҳсолаҳои наздик, ба назари ман, пеш аз ҳама, аз он вобаста хоҳад буд, ки кишварҳои минтақа то чӣ андоза тавонистаанд дар шароити ҷаҳони сеқутба сиёсат ва стратегияи нави хориҷиро таҳия кунанд; дуюм, дар бораи он, ки онхо ба процессхои деглобализацияи иктисодиёти чахон то чӣ андоза зуд мутобик шуда метавонанд; саввум, аз таҳияи механизмҳои муборизаи муассир бо террористони ангезаи мазҳабӣ, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ аз ислом истифода мекунанд ва дар Афғонистони ҳамсоя ҷамъ мешаванд»[4,168 169]

Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки хизмати Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эъмори Созмони ҳамкории Шанхай хеле назаррас аст. Дар ин замина ибтикори Роҳбари давлат дар мавриди табдили «Панҷгонаи Шанхай» ба Созмони ҳамкории Шанхайро таъкид кардан муҳим аст. 5 июли соли 2000 дар Душанбе, дар ҷаласаи сарони Панҷгонаи Шанхай Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи раисӣ ба нақши ин созмон баҳои баланд дода, идеяи табдили Панҷгонаи Шанхайро ба платформаи минтақавии бисёрфунксионалии ҳамкории байналмилалӣ-Созмони ҳамкории Шанхай пешниҳод карданд. “Дар ин замина бояд гуфт, ки дар шаклбандии нави низоми равобити байналмилалӣ мавқеи БРИКС, ки дар он нақши пешбаранда ба Русия ва Чин тааллуқ дорад, тақвият хоҳад ёфт”[5,674].

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Сарвари сиёсии аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда ва бонуфузи глобалӣ буда, на танҳо дар муайян кардани рӯзномаи сиёсати байналмилалӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои доғи глобалӣ қодир ҳастанд. Сарвари маҳбуби мо бо назардошти он ки ҷаҳон ба минбарҳо ва ғояҳои нави байналмилалӣ барои муколама ниёз дорад, дар таҳким ва рушди ояндаи Созмон саҳми арзанда гузоштаанд. Ба андешаи мо, Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) имрӯз маҳз ба чунин минбари муколамаи сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст, ки дар ин амал албатта, саҳми Тоҷикистон низ ҳаст. Ин созмон, ки аз ҷумла бо саъю кӯшиш ва ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Авруосиё таъсис ёфта, дар муддати кӯтоҳи таърихӣ мушкилоти муайяни минтақаро ҳал намудааст, имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ эътибор ва нуфуз

пайдо намудааст. Аз ин рӯ, бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз Созмони ҳамкории Шанхай аз созмони минтақавӣ ба сохтори байналмилалии сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Аммо вазъи мураккаби имрӯзаи ҷаҳон тақозо мекунад, ки созмонҳо ё сохторҳои нисбатан ҷавони байналмилалӣ, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай ва BRICS+ ба ҳам пайваста, сохтори нави байналмилалии дорои аҳамияти ҷаҳонӣ ба вуҷуд оваранд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистон таҳти роҳбарии дурандешонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз барои ҳамкорӣ бо BRICS (Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин, Африқои Ҷанубӣ) таваҷҷуҳ дорад ва ин тамоюл ба авлавияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон табдил меёбад

“Ба андешаи мо, BRICS+ аз минбари муколама ва машваратӣ бо мусоидати аъзои он солҳои наздик бояд ба субъекти мукаммали қабули қарорҳои ҷаҳонӣ табдил ёбад. Ҳамчунин зарур аст, ки бо иштироки фаъолонаи Тоҷикистон раванди ҳамгирой ва ба ҳам мутобиқсозии Созмони ҳамкории Шанхай ва BRICS + доир шавад ва шаклбандии нави низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар самти мубодила ва интиқоли сармоя, мол ва технология ба анҷом расад. Созмони ҳамкории Шанхай ва BRICS + бо пуштибонии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон ҳоло метавонад ба ин раванд шуруъ кунад”[6].

Пешвои миллат ҳамчун Сафири башардӯсти сатҳи олӣ ба илми муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуми нав – «дипломатияи об»-ро ворид намудаанд, ки дар он тамоми ташаббус ва ғояҳои минбаъда оид ба истифодаи захираҳои об дар ҷаҳон гирд оварда шудаанд. Кулли ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон, аз қабили Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015», Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар рушди соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ саҳми арзанда гузоштаанд.

Имрӯз маҳз Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон сарварии сиёсӣ ва ҳамзамон масъулияти худро дилпурона нишон дода, барои муттаҳидсозии минбаъдаи саъю кӯшиши тамоми ҷонибҳои манфиатдор, бахусус пешвоёни сиёсии ҷаҳонӣ дар қабул ва татбиқи тадбирҳо барои таъмини идоракунӣ ва истифодаи устувори захираҳои об шароит фароҳам меорад. Гурӯҳи байналмилалии дӯстони об, ки бо ибтикори Тоҷикистон таъсис ёфтааст, имрӯз ҳудуди 50 кишвари аъзоро муттаҳид намуда, дар баррасии мушкилоти об ва қабули қарорҳои дахлдор дар доираи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ саҳми мусбат мегузорад. Ба шарофати хизматҳои хоси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон имрӯз худро ҳамчун нақшофари муҳимми ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти об дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ муаррифӣ мекунад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тақсими одилонаи захираҳои об ба тамоми ҳамсоягони худ саҳм гузоштааст, зеро зиёда аз 60%-и захираҳои оби Осиёи

Марказӣ дар ҳудуди мамлакати мо ҷамъоварӣ мегардад. Тоҷикистон масъулияти глобалии худро барои сарнавишти минтақаи Осиёи Марказӣ ҳис карда, ҳамзамон Хазинаи байналмилалии наҷоти Арал ва ду комиссияи онро таъсис дод, ки барои баррасии муҳимтарин масъалаҳои оби фаромарзӣ дар минтақа замина фароҳам меоранд.

Бар асоси ин ақидаҳо бо масъулияти баланд изҳор менамоем, ки ташаббусҳои пешниҳодкардаи Сарвари давлатамон оид ба об ва дастгирии онҳо дар сатҳи байналмилалӣ на танҳо обрӯйи Пешвои миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, балки Тоҷикистонро низ дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ боло бурдаанд. Ин иқдом ба ҳамкории минбаъда ва татбиқи дипломатияи об дар ҷаҳон таъсири мусбат мерасонад.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Пешвои сиёсии аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда ва бонуфузи глобалӣ буда, на танҳо дар муайян кардани рӯзномаи сиёсати байналмилалӣ, балки барои ҳалли масъалаҳои доғи глобалӣ қодир ҳастанд. Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, ки соли 2017 ба давлати мо сафар карда буд, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд дод.

Моҳи декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар иҷлосияи 77-ум Қатъномаи «2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххҳоро», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён гузоштааст, якдилона қабул кард. Иқдоми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 153 кишвари аъзои ин созмон дастгирӣ карданд. Қабули чунин қатъномаи муҳим ва муфид барои ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ мояи ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон гардид.

Бар асоси ин қатънома 21 март Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо ва соли 2025 — Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон шуда, ҳамчунин тасмим дар Созмони Милали Муттаҳид дар бораи таъсиси Хазинаи байналмилалии мақсаднок барои саҳмгузорӣ дар ҳифзи пиряххо ва баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряххо дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе ба тасвиб расид. Ин иқдоми Пешвои миллат воқеан ҳам барои инсоният ва сайёраи мо аҳамияти бузург дорад, зеро он ба ҳифзи табиату захираҳои об, ҳаёти инсоният дар маҷмуъ дар сайёраи мо нигаронида шудааст. Захираҳои маҳдуди об дар ҳавзаҳои дарё рақобатро байни кишварҳо боз ҳам шадидтар мекунанд. Дар ин шароит зиддияте, ки бо нарасидани об алоқаманд аст, байналхалқӣ мегардад ва оқибатҳои эҳтимолии муборизаи байни давлатҳоро дар ин ҳолат пешгӯӣ кардан хеле душвор аст.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сиёсати муосири идоракунии манбаҳои об ва роҳу усулҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи ҳалли мушкилоти марбут ба истифодаи об ниёз дорад. Ҳоло омӯзиши амиқи масъалаҳои ҳалли мушкилоти об, сиёсати одилонаи марбут ба манбаҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ, дарки нақш ва таъсири он ба равандҳои муосири геополитикии минтақа хеле мубрам ва муҳим аст.

Ҳадаф аз ибрози ин нуктаҳо, пеш аз ҳама, равшанӣ андохтан ба мазмуну моҳияти ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои об, истифодаи самаранок ва оқилонаи он мебошад, ки ба назари мо, ба ҳалли яке аз мушкилоти асосии башарият, яъне раҳо шудан аз буҳрони об нигаронида шудааст.

Соли 2024 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари сулҳофар боз як ташаббуси нави глобалиро ба самъи ҷаҳониён расониданд. Ташаббуси шашуми глобалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи бо Қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид эълон намудани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид 24 сентябри соли 2024 садо дод.

Ҳамин тариқ, бо итминони комил таъкид менамоем, ки геостратегия ва геополитикаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ, аз як тараф ба ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва таҳкими мавқеи байналмилалии мамлакати мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардида, аз тарафи дигар, ба ҳалли мушкилоти масоили глобалии олам тамаркуз мекунад. Аз ин ҷо аст, ки Тоҷикистон имрӯз ҳамчун давлати ташаббускор ва саҳмгузор дар таъмини амнияти Авруосиё эътироф шудааст. Минбаъд низ мардуми тоҷик таҳти сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу субот ва ҳалли масоили доғи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ саҳм мегузорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».Манбаи электронӣ //https:www.president.tj/event/missives/22558[Санаи дастрасӣ:16.11.2024]
2. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».Манбаи электронӣ//https:www.president.tj/event/missives/36370 [Санаи дастрасӣ: 17.11.2024]
3. Раҳмон Э. Суханронӣ дар мизи мудаввар дар доираи Форуми дуюми байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ».Манбаи электронӣ//https: www.president.tj/event/foreign_trips/18137 [Санаи дастрасӣ:18.11.2024]
4. Хайдаров Р.Дж. К вопросу о развитии стран Центральной Азии в период трехполярного мира // Известия Института философии,политологии и права им.А.Баховаддинова НАНТ.-№1.-2023.-С.168-174
5. Хайдаров Р. Дж. Новые геополитические тенденции в евразийском пространстве в контексте формирования трехполярного мира // Постсоветские исследования. 2022; 7(5):667-676.
6. Ҳайдарзода Р.Ҷ. Геостратегия ва геополитикаи Президенти Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. Манбаи электронӣ//https:khovar.tj /2024/11/

geostrategiya-va-geopolitikai-prezidenti-to-ikiston-dar-davroni-so-ibisti-lol-ba-r-zi-prezident-bahshida-meshavad/ [Санаи дастрасӣ:18.11.2024]

## GEOSTRATEGY AND GEOPOLITICS OF THE PRESIDENT OF TAJIKISTAN IN THE INDEPENDENT PERIOD

The article discusses the contribution of the President of the Republic of Tajikistan in the formation and implementation of the country's geostrategy and geopolitics in the international community. According to the author, Tajikistan enjoys a special geopolitical position in Eurasia and should use this opportunity for its national interest.

Transforming Tajikistan into a major transit country in the context of the implementation of global and regional projects in the direction of expanding transport and trade corridors such as "One Belt - One Road" will help preserve the key position of our country in Eurasia.

The author emphasizes that Tajikistan's global initiatives, especially in matters related to the effective use of water resources in the world and the implementation of high diplomacy, are considered one of the important elements of the geostrategy of our country.

**Keywords:** Tajikistan, President, system of international relations, world community, geostrategy, geopolitics, geoculture, national interests, water diplomacy

## ГЕОСТРАТЕГИЯ И ГЕОПОЛИТИКА ПРЕЗИДЕНТА ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье рассматривается вклад Президента Республики Таджикистан в формирование и реализацию геостратегии и геополитики страны в международном сообществе. По мнению автора, Таджикистан занимает особое геополитическое положение в Евразии и должен использовать эту возможность в своих национальных интересах.

Превращение Таджикистана в крупную транзитную страну в контексте реализации глобальных и региональных проектов в направлении расширения транспортных и торговых коридоров типа «Один пояс – один путь» будет способствовать сохранению ключевого положения нашей страны в Евразии.

Автор подчеркивает, что глобальные инициативы Таджикистана, особенно в вопросах, связанных с эффективным использованием водных ресурсов в мире и реализацией водной дипломатии, считаются одним из важных элементов геостратегии нашей страны.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Президент, система международных отношений, мировое сообщество, геостратегия, геополитика, геокультура, национальные интересы, водная дипломатия.

**Маълумот оид ба муаллиф**: **Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра -** доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

**About the author: Haidarzoda Rustam Jura** - Doctor of Philosophy, Director of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

**Сведения об авторе: Хайдарзода Рустам Джура -** доктор философских наук, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: 937308787. E-mail: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

# ВАЗЪИЯТИ ЗАНОН ДАР АФҒОНИСТОН: АЗ АМОНУЛЛОХОН ТО ТОЛИБОН

**ҚОСИМШО ИСКАНДАРОВ**

сарходими илмии Шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих

*Дар мақола вазъияти занони Афғонистон дар сад соли охир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Гуфта мешавад, ки дар ин давра барои навсозӣ ва ё модернизатсияи ҷомеаи суннатӣ кӯшишҳои зиёде анҷом шудааст, аммо ин кӯшишҳо ҳама ноком шудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳими навсозии кишвар ҳамеша таъмини ҳаққу ҳуқуқи занон ба таҳсил ва кор, дигар хадамоти иҷтимоӣ будааст. Дар ибтидои асри XX баъд аз ноил шудан ба истиқлоли сиёсӣ дар соли 1919 шоҳи ҷавон Амонуллохон дар баробари кӯшиши амалӣ намудани ислоҳот дар дигар соҳаҳо ба масъалаи таъмини ҳаққу ҳуқуқи занон таваҷҷуҳи зиёд намуд.*

*Неҳзати занон аз таъсиси мактаби духтарона бо номи Мастурот дар соли 1920 ва ҳафтаномаи "Иршоди насвон" дар соли 1921 оғоз шуд. Ин ҳафтанома барои таълими занони Афғонистон таъсис шуд.*

*Дар кори ҷалби духтарон ба таҳсил ва таъмини ҳуқуқи онҳо Малика Сурайё ва пдараш- маорифпарвари машҳури Афғонистон Маҳмуди Тарзӣ кору фаъолияти густурдаро анҷом медоданд. Аммо неҳзати занон бо сарнагунии Амонуллохон дар соли 1929 шикаст хурд.*

*Муаллиф зикр намудааст, ки фақат дар солҳои 50-60-уми асри гузашта ҳаракатҳои занон ва рушанфикрон барои таъмини ҳуқуқи онҳо оғоз гардид, аммо бо омадани Толибон аз нав дари мактабу корхонаҳо ба рӯйи онҳо баста шуд ва қоидаҳои сахтгиронае ба муқобили занону духтарон вазъ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *занон, неҳзати занон, ҳиҷоб, бурқа, ҳуқуқи духтарон ба таҳсил, Амонуллохон, толибон, мактаб*

Афғонистон як кишвари суннатист, ки дар он қавму қабилаҳои зиёде бо анъана ва расму русуми хоси худ зиндагӣ карда, дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт қарор доранд. Барои навсозӣ ва ё модернизатсияи ин ҷомеаи суннатӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи навини он кӯшишҳои зиёде анҷом шудааст, аммо ин кӯшишҳо ноком шудаанд. Охирин кӯшиши модернизатсияи ҷомеаи Афғонистон дар 20 соли охир бо кӯшиши кишварҳои Ғарбӣ бо раҳбарии ИМА роҳандозӣ гардид ва он ҳам мисли давраҳои гузашта муваффақият пайдо накард ва гузашта аз он, пайомади он ба қудрат расонидани як гурӯҳи радикалию террористии муҷаҳҳаз бо идеологияи омехта аз исломи мактаби Девбандӣ ва расму суннатҳои қабилавии паштунӣ мебошад. Занон дар Афғонистони дар низоми толибонӣ аз ҳуқуқҳои оддии худ маҳруманд.

Ин вазъият дар ибтидои асри XX ҳам дар Афғонистон вуҷуд дошт, аммо баъд аз ноил шудан ба истиқлоли сиёсӣ дар соли 1919 шоҳи ҷавон Амонуллохон дар баробари кӯшиши амалӣ намудани ислоҳот дар дигар соҳаҳо ба масъалаи таъмини ҳаққу ҳуқуқи занон таваҷҷуҳи зиёд намуд.

Масъалаи ҳуқуқи занон дар Афғонистон бори нахуст дар охири асри XIX, дар замони ҳукмронии амир Абдурраҳмонхон (1880 - 1901) матраҳ шуда буд. Абдурраҳмонхон нахустин амири Афғонистон буд, ки барои тавсеаи ҳуқуқи занон дар ин кишвар талошҳои муайян анҷом дод. Аз ҷумла, дар мавриди издивоҷи иҷборӣ маҳдудиятҳо ҷорӣ намуда, синни никоҳро боло бурд ва ба занон ҳуқуқи ташаббуси талоқ дод. Илова бар ин, дар замони ӯ, занон ҳуқуқи мерос гирифтани амволи падар ва шавҳарро гирифтанд.

Ба гуфтаи муаррихи амрикоӣ Нэнси Хэтч Дюпре, ҳамсари амир Абдураҳмонхон Бобоҷон дар ин тасмимгириҳои амир саҳм доштааст. Дюпрӣ дар китоби худ «Занони Афғонистон» қайд мекунад, ки «вай (Бобоҷон-Қ.И.) аввалин маликаи афғон буд, ки бо либоси аврупоӣ, бе бурқа[1] ба назди мардум баромад, аспсаворӣ мекард, ба санъати ҷанг ва сиёсат шавқ дошт”[3].

Баъди вафоти Абдурраҳмон писараш Хабибулло (1901 — 1919) роҳи навсозии мамлакатро давом дод. Дар давраи подшоҳии ӯ мактабҳо барои духтарон, аз ҷумла мактаби дорои барномаи таълимии забони англисӣ кушода шуданд. Қобили зикр аст, ки ин иқдоми амир, гарчанде бисёр маҳдуд буд, боз ҳам боиси эътирози шадиди пешвоёни қабоил ва руҳониён шуд, ки онро мухолиф ба арзишҳои суннатӣ арзёбӣ карданд.

Баъд аз ба подшоҳӣ расидани шоҳзода Амонуллохон аввалин кори ӯ эълони Истиқлолияти сиёсии кишвар буд, ки дар моҳи августи соли 1919 бо имзои

[1] Бурқа порчаи матоест, ки занони мусулмонро аз сар то пой мепӯшонад ва дар баробари рӯйи онҳо пардае нафис ё тӯре дорад.

созишнома байни Ҳинди Бритониёӣ ва Афғонистон дар Равалпиндӣ машруъияти ҳуқуқӣ пайдо намуд.

Баъд аз ин, Амонуллохон ба ислоҳоти васеъ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ даст зад, ки яке аз барномаи муҳимми сиёсати ӯ тағйири вазъияти занон ва пуштибонӣ аз неҳзати занон маҳсуб мешавад.

Неҳзати занон аз таъсиси мактаби духтарона ва ҳафтаномаи "Иршоди насвон" дар соли 1921 оғоз шуд. Ин ҳафтанома барои таълими занони Афғонистон таъсис шуда буд ва мудири масъули он Асмо Расмия, машҳур ба Бибиарабӣ, ҳамсари шоир ва маорифпарвари машҳури Афғонистон Маҳмуди Тарзӣ буда, сардабирии онро Рӯҳафзо, маъруф ба Муншия, ҳамсари Ҳабибулло Тарзӣ ба уҳда дошт.

Мақсади асосии неҳзати занон дар ин давра «фароҳамоварии ҳуқуқ ва озодиҳои занон дар арсаҳои таълим ва тарбия, ҳаққи таҳсил ва ҳаққи кор, озодии баён ва фаъолиятҳои сиёсӣ ва маданӣ ва сафарҳои таҳсилии занон ба хориҷи кишвар ва дар маҷмуъ талош барои бедории занон буд»[9]. Ҳамаи дастовардҳои неҳзати занон ба фаъолиятҳои Малика Сурайё[2], ҳамсари подшоҳ Амонуллохон ва духтари Маҳмуди Тарзӣ вобастагии зич доштанд. Таваллуди малика дар хориҷ аз кишвар ва тарбияи ӯ дар як хонаводаи таҳсилёфта, аз як тараф ва аз тарафи дигар, издивоҷи ӯ бо шоҳи тараққихоҳи Афғонистон мусоидат намуда буд, то малика барои тағйири вазъияти занони Афғонистон фаъолиятҳои арзанда анҷом диҳад.

Подшоҳ Амонуллохон воқеан баъд аз ба даст овардани Истиқлоли кишвараш барои боло бурдани нақши занон ҳамчун шаҳрвандони баробарҳуқуқ дар равандаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус дошт.

Коршиносон ба ин назаранд, ки ҳам Амонулохон ва ҳам малика Сурайё дар фаъолияти худ аз андешаҳои Маҳмуди Тарзӣ дар бораи озодии занон аз маҳдудиятҳои занситезона илҳом мегирифтанд. Маҳмуди Тарзӣ ҳанӯз дар саҳифаҳои рӯзномаи "Сироҷу л ахбори Амония", ки дар солҳои дар Кобул нашр мешуд, ба масъалаи боло бурдани нақши зан дар ҷомеа, фаро гирифтани он ба таҳсил, саҳм додани ӯ дар ҳама корҳо дар баробари мардон мақолаҳои ҷолиб ба нашр мерасонд ва аз шумораи ҳафтуми он сар карда, як бахшеро барои муаррифии занони машҳури ҷаҳон ихтисос дода буд.

Дар ҳамон шумораи ҳафтуми соли аввали нашри рӯзнома дар мақолае зери унвони " Зарурати пешрафти занон. Номварони занони ҷаҳон" чунин навишта буд: "Ҳеҷ давлат ва ҳеҷ миллате нест, ки аз ибтидои зуҳури худашон олим, доно, боахлоқ, тавонгари санъаткор ба дунё омада бошанд. Агар таърихи Аврупоро бихоҳем, ҳамин ақвоми фарангӣ, ки дар ин вақт ба тавонгарӣ ва санъатгарӣ ва

[2] Малика Сурайё, дар хонавода як нависанда ва сиёсатмадори номдори афғон, ки ҳам падар ва ҳам падаркалонаш, ҳамагӣ шоир, нависанда, ҳунарманд ва ҳунардӯст ва равшанфикр буданд, 24 ноябри соли 1899 дар Димишқ ба дунё омадааст. Дар соли 1905 бо хонаводаи худ ба Афғонистон баргашт ва дар соли 1913 бо шоҳзода Амоноллхон издивоҷ кард.

доногӣ худашонро барои нашри миллият ва таҳзиби олам маъмури махлуқ мепиндоранд, пеш аз чанд аср ба ҳоли ваҳшат ва бадавият ба сар мебурданд. Дар вақте ки дар асри хулафои Аббосӣ дар тойифаи занони исломия басе шоираҳо, адибаҳо, санъатгарҳо мавҷуд буд, занони Аврупоӣ, балки мардонашон низ, аз “алиф” то “ё” -ро намедонистанд ва ҷуз “пашмресӣ” чизеро ҳам намедонистанд. Ҳол он ки дар ин вақт, занонашон ба дараҷае расидаанд, ки дар корҳо ва умуроти давлатӣ рушд ва лаёқати худашонро исбот карда, даъвои гирифтани мақомоти олияро доранд”[6, с.406]. Ба қавли Маҳмуди Тарзӣ як мард ва як зан ҷудо- ҷудо инсон гуфта намешаванд, балки як зан ва як мард як ҷо як инсон гуфта мешавад . Яъне як инсонро, ки ду ним кунед ними он зан ва ними он мард аст. Зеро бақо ва ҳаёти навъи инсон ба вуҷуди ҳар дуи онҳо қоим ва доим аст, на бар як фарди онҳо. Тарзӣ бовар дошта, ки “ агар онҳоро (занонро -Қ.И.) аз ҳаққи таълим ва тарбият маҳрум бидорем, гӯиё нисфи вуҷуди худаморо бекор ва маътал гузоштем” [6, с.407].

Зери таъсири ҳамин андешаҳои падараш малика Сурайё яке аз мубориэони сарсупурдаи таъмини ҳуқуқи занон гардид. Ӯ дар вохуриҳои худ бо занону духтарон бисёр бо ҳаяҷон ва бо эҳсос аз пешравии занони ҷаҳон ва аҷибмондагии занони Афғонистон суҳбат мекард ва духтаронро ба фарогирии дониш даъват мекард. Ба қавли Мирғулом Муҳаммад Ғубор дар яке аз чунин вохуриҳо вақте бо эҳсос аз ақибмонадагию бечорагӣ ва бесаводии занони Афғонистон сухан мегуфт “занон аз дард бигристанд ва 50 нафар дар ҳамон маҷлис худашонро дар хидмати маориф ва таъсиси аввалин мадрасаи занона гузоштанд”[2,с.790]. Дар соли 1920 бо ҳамкории шавҳараш аввалин мактаби занонаро ба номи “Мастурот” дар Кобул ҷиҳати омӯзиш ва парваришу такомули маънавии занони Афғонистон поягузорӣ кард.

Дар ин мактаб дар авввал беш аз 40 нафар духтарони Кобул ба дарс хондан шуруъ карданд. Дар соли 1921 малика Сурайё ва модараш бо пули шахсии худ дувумин мактаби духтаронаро таъсис намуданд, ки он дар сатҳи литсей буд, ки баъдан номи “Исмат”-ро гирифт. Ҳамин тавр, баъд баъд аз таъсиси ин мактабҳо дар фаъолиятҳои фарҳангии занон руҳи тоза дамида буд ва дар барномаҳои ислоҳоти давлат фасли “умед ва зиндагӣ” боз гардид.

Амонуллохон ҳам барои ташвиқи мардум ба фиристодани духтаронашон ба мактаб 25 нафар хоҳарони нотании худро, ки ҳама фарзандони падараш буданд, ба мактаби духтаронаи Кобул фиристод[1,с.161].

Фаъолияти Амонуллохон ва малика Сурайё дар самти таъмини ҳуқуқи занон, ба корҳои иҷтимоӣ ҷалб намудани онҳо махсусан баъд аз бозгашт аз сафари тӯлонии хориҷӣ хеле шиддат гирифт. Баъд аз сафар ба Аврупо ва боздид аз Туркияю Эрон подшоҳ дар як ҳолати яъсу ноумедӣ қарор гирифта буд, зеро вазоифи ниҳоят бузургеро дар навсозии Афғонистон эҳсос мекард. Дар ин шароит, ӯ бо пайравӣ аз усулҳои диктатории Ризошоҳ ва Мустафо Камол, ки барои ҷаҳиши якбора ба қарни 20 истифода мекарданд, тасмим гирифт рӯйхати

ислоҳотро, аз ҷумла дар бахши занон васеъ сохта ва агар зарур шавад суръати навсозиро афзоиш диҳад. Яке аз рӯноманигорони рӯзномаи «Daily Mail», ки Амонуллохонро дар ин сафар ҳамроҳӣ мекардааст, навишта буд: "Ӯ чунон ҷиддӣ мубталои вируси Ғарб шуда буд, ки дигар андозаро эҳсос намекард"[5,с.148].

Баъди бозгашт аз сафар амир Амонуллохон бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ суҳбат ороста, аз таассуроташ бо ҳаяҷон нақл мекард. Ба қавли афғоншиноси машҳури аврупоӣ Вартан Григорян боре Амонуллохон ин таассуроташро аз дидаҳояш дар Аврупо дар муроҷиат ба миллат чунин иброз дошта буд: "Мардуми хубам! Ба сахтӣ метавонам ба шумо иқдоми аз худгузаштагиамро ба кишвар ва шумо баён кунам. Ман аксари чизҳои Аврупоро дидаам, хушҳол хоҳед шуд, ки бидонед. Ҳар ҷо ба гармӣ аз ман истиқбол шуд, аммо шахси худам набудам, ки дар авҷи муфтахар мешудам, балки миллати афғон буд, ки ғарқ дар шодӣ мешуд. Ҳадафам аз ин мусофират он буд, ки рози тавсеаи тааҷҷубовари Аврупоро ба сурати тамом ва камол биомӯзам. Ақидаи ман он аст, ки васоили муносиб барои пешрафти худ таҳия кунем, содиқона орзу дорам, ки шоҳиди пешрафти кишварам дар ҳама заминаҳо бо хезиш ва ҷаҳиш бошем... мутмаинтарин роҳ барои тавсеа он аст, ки тамоми талоши худро ба кор бубарем, то писарону духтарон таҳсил карда, бар тибқи стандарти рӯз тарбият кунем. Маҷбурем бигӯем, ки бузургтарин рози тавсеаи кишвари мо дур андохтани ақоид ва анъаноти куҳна ва фарсуда ва ба қавли маъруф ҳаракат бо замон аст.. бояд ба дигар кишварҳо нишон бидиҳем, ки дигар мардуми ҷоҳиле нестем ва мусаммам ҳастем, ки рӯйи пойи худ, бидуни такя ба дигарон истода шавем"[11,с.252].

Ба навиштаи муаллифи китоби "Афғонистон дар масири таърих" Мирғулом Муҳаммад Ғубор "Дар ҳамон тобистони соли 1928 "Анҷумани ҳимояти насвон" ташкил шуд, як мактаби тадбири манзили занона бо муаллимии муаллимони ҷарманӣ (олмонӣ) ва туркӣ таъсис гардид"[2,с.799].

Амонуллохон дар моҳи августи соли 1928 дар Пағмон Луйя Ҷирга даъват намуда, барномаи нави ислоҳот ва дигаргуниҳоро пешниҳод намуд.

Дар назар гирифта шуда буд, ки дар ин Ҷирга занон ҳам ширкат кунанд ва аз номи онҳо хоҳари Амонуллохон- Куброҷон баромад кунад. Ҳамчунон интизор мерафт, ки малика Сурайё занони " бузургсол ва зиёӣ" -ро
аз Қандаҳор ҷамъ мекунад, то баъдан дар бораи Ҷирга бо занони ин шаҳр суҳбат кунанд. Фазои ҳоким дар Қандаҳор барои Амонуллохон он қадар муносиб набуд. Баъзе аз қандаҳориҳо вакилони худро таҳдид карда буданд, ки "агар ба тарафдорӣ аз рафъи ҳиҷоб ва таҳсили занон овоз диҳанд, кушта хоҳанд шуд[5,с.150].

Ҷаласаи Луйя Ҷирга 28 август дар театри тозабунёди Пағмон ба кор оғоз намуд ва дар он беш аз 1 ҳазор вакил иштирок намуданд.
Амонулло Луйя Ҷиргаро бо масъалаи ҳуқуқи занон оғоз кард ва вақте эълон кард, ки аввалин гурӯҳи духтарони ҷавонро барои таҳсил ба хориҷи кишвар, ба Туркия фиристодааст ҳама ҳайрон шуданд.

Амонулло пораеро аз Қуръон қироат кард, ки дар он ба мардон бисёрзанӣ, яъне доштани 4 занро бо шарти риояти муносибати баробар ба онҳо иҷозат медиҳад. Аммо зимни ин изҳор намуд, ки ин кор тақрибан як ормони номумкин аст ва барои ин ҳеҷ кас наметавонад аз як зан зиёд дошта бошад. Ояндаи пешрафти мамлакат аз модарон вобаста аст, ки чӣ тавр метавонанд насли ҷавонро тарбия кунанд.

На наш взгляд, налаживание работы непосредственных и косвенных диалоговых площадок способно преодолеть взаимное недоверие органов власти и представителей общественности, снять напряжение в столкновении интересов для перехода на уровень отношений поиска взаимных вариантов консенсуса вместо использования стратегии избегания. Чаще всего в процессе поиска механизма преодоления недоверия отечественные эксперты приходят к тому, что всё зависит непосредственно от людей, как исполнителей своих обязанностей, как профессионалов и личностей. Но, к сожалению, как правильно отмечено Исаевой Е.А., на данном этапе деятельность диалоговых площадок не может быть признана эффективной. Согласно проведенному на территории субъектов Российской Федерации исследованию [6,41], подавляющее большинство опрошенных (74%) оценили реальную работу диалоговых механизмов в своем регионе не более, чем на 2 балла (по пятибалльной шкале). Экспертные интервью выявили в качестве причин низкой эффективности работы диалоговых площадок следующие факторы: набор в качестве их членов «своих» и «псевдообщественников», т. е. лиц, лояльных региональной власти и не занимающихся реальным отстаиванием гражданских прав. Такая же критическая ситуация и в Таджикистане, если не считат ее еще хуже.

Организация и проведение ежегодных региональных Гражданских форумов с привлечением федеральных экспертов и последующей реализацией рекомендаций итоговых резолюций в рамках работы площадок форума по

развитию региона — значимый показатель наличия межсекторного партнерства. В условиях реализации поставленных в итоге проведения форума задач, в том числе публичного отчета органами власти, членами Общественных палат о проделанной работе, подобные площадки становятся рычагами влияния. Диалоговой площадкой, способной координировать решение общих проблем, могут стать местные, городские Гражданские форумы с приглашением органов власти и экспертов из регионального центра. Распространение подобной практики дает множество преимуществ, решающих задачи обучения активистов, внедрения в регулярный диалоговый процесс с конкретным результирующим выходом. В Таджикистане в этом направлении стало доброй традицией проведение ежегодных Национальных Флрумов НПО Таджикистана, где наиболее активные НПО сраны совместно с представителями органов власти, частного смектора и международных организаций обсуждают насушные проблемы дальнейшего развития гражданского общества и его институтов в стране, тем самым налаживая деловые отношения и укрепляя доверия между государством и обществом через определенные диалоговые механизмы.

Тем не менее, таким образом, фиксируется проблема, связанная со степенью структурированности и развития третьего сектора, профессиональной подготовленности его представителей. Через профессиональных общественников, лидеров НКО, готовых и способных бесплатно взять на себя роль посредников между государством и третьим сектором, сегодня осуществляется государственная политика, направленная на развитие гражданского общества. Одной из ключевых площадок, которая призвана объединять в себе последних, например, является Общественная палата РФ. На сентябрь 2014 года нормативные акты о создании палат были приняты во всех субъектах России. В Таджикистане, как уже выше отмечалось, достаточно активно и эффективно функционирует Общественный Совет. Отрадно отметить, что в В Таджикистане более и менее успешно стали практиковать и создание общественных советов при министерств и других государственных органах. На сегодняшний день действуют 15 советов по различным вопросам. В отдельных Советах на республиканском уровне участие гражданского общества отражено частично через прогосударственные и/или непрофильные организации гражданского общества. В то же время существует возможность усиления участия гражданского общества в советах через общественные приемные Уполномоченного по правам человека на местах [19]. Применяются и общественные слушания и привлечение гражданских активистов при принятие принципиально значимых документов. Так, при принятии новой редакции Налогового Кодекса, например, активно принимали участие НПО, СМИ и предприниматели страны, подготавливая более 1000 замечаний и предложений к данному законопроекту. А недавний инцидент с дополнениями и изменениями к действующему Закону РТ об общественных объединениях, когда Правительство инициировало ужесточение правил по грантам и другим видам финансовой поддержки НПО извне, можно считать большим успехом гражданского общества страны и хорошим примером плодотворного диалога

между государством и ОГО. В результате совместных усилий эти изменения и дополнения были приняты в такой форме, что устраивало обеих сторон. Теперь таджикские НПО не обязаны получать разрешение и пройти регистрацию при получении грантов, как это было заложено в проекте, а должны только ставить в известность Минюст после его получения через электронную почту (уведомительный характер послания). А самое главное, в этих изменениях и дополнениях отсутствует понятие «иностранные агенты» [14] . В 2014 году Национальная ассоциация НПО Таджикистана (НАНПОТ) инициировала серии круглых столов со всеми официально зарегистрированными политическими партиями Таджикистана с целью улучшения социального партнерства между НПО и политическими партиями, рассматривая их в том числе как дополнительный внутренний источник по реализации совместных программ и проектов. На сегодняшний день подписаны Меморандумы о социальном партнёрстве каждой из этих партий. НАНПОТ планирует проведение такой же программы и с представителями малого и среднего бизнеса страны. Ожидается, что такой подход будет способствовать активному привлечению местных ресурсов в решении данной проблемы и более устойчивому развитию НПО в Таджикистане.

На самом деле, сегодня в Таджикистане создано большое количество общественных организаций, которые играют важную роль в политической системе в целом, и в публичном пространстве в частности. Данные организации составляют основу гражданского общества страны. Среди них НПО являются одним из наиболее развитых и эффективных институтов гражданского общества в Таджикистане. На начало 2023 года в стране официально зарегистрировано около 3000 НПО. Результаты недавно проведенных Национальной ассоциацией НПО Таджикистана (НАНПОТ) совместно с Национальным законодательным центром при Президенте РТ показывают, что в Таджикистане существуют 17372 некоммерческих организаций, из них 5440 являются учреждениями, которые в основном являются государственными, а остальные 11 932 организации являются негосударственными и их называют организациями гражданского общества (ОГО) [8,14-15]. Сегодня они функционируют во всех сферах общественной и государственной жизни страны. Основные направления их деятельности по формированию гражданского общества многообразны, они выполняют очень важную связующую роль между обществом и властными структурами, бизнесом и СМИ, другими институтами. НПО проводят значительную работу по правовому просвещению населения и правовой защите прав и свобод граждан, содействуют законотворческому процессу, осуществляют мониторинг прав человека, ведут просветительскую работу в области прав человека и их защите, создают общественные приемные, обеспечивающие бесплатной юридической помощью и психологической поддержкой всех нуждающихся и т.д. Главная проблема в деле совершенствования данной многогранной деятельности НПО заключается в том, что этот комплекс мероприятий еще не являются скоординированной системой, позволяющей гарантировать реализацию гражданами своих прав. Однако они

чрезвычайно важны для осознания гражданами своих свобод и прав, повышения чувства собственного достоинства, повышения гражданской инициативы, для защиты своих прав. И такие формы работы в будущем необходимо поддерживать и расширять.

В Таджикистане есть определенная политическая воля в понимании сути данной проблематики. Все больше и больше институтов и государственных структур начинают сотрудничать с НПО и другими институтами гражданского общества. Есть хорошие примеры такого обоюдно выгодного сотрудничества и на национальном и на местном уровне. Более того, Президент страны на своем очередном Послании к парламенту [15] особо подчеркнул значимость и важность гражданского общества и его институтов в успешном решении социально-экономических проблем и устойчивого развития Таджикистана в перспективе. На самом высоком уровне многократно утверждается мысль о том, что в Таджикистане нет альтернативы демократическому пути развития страны и построению гражданского общества. Проведенный в декабре 2017 года Парламентские слушания о состоянии гражданского общества в Таджикистане является хорошим примером и подтверждением возможного сотрудничества государства с НПО по улучшению правовой среде и эффективного социального сотрудничества в целом и в рамках Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, в особенности. Все это в конечном итоге способствует дальнейшему развитию и укреплению демократических основ таджикского общества и имеет принципиальное значение, особенно в сегодняшних условиях ограничения этих свобод в постсоветском пространстве [9, 23].

**Выводы**

Вышеизложенное должно получить определенное оформление в виде положений и выводов, которые, на наш взгляд, могут быть следующие:

- Основным признаком западного общества является то, что в нем впервые в истории появилась возможность для формирования человека как индивидуализированной личности не в порядке исключения, а в массовых масштабах. В этом смысле, западное общество резко отличалось от «традиционных» (восточных) цивилизаций, в которых интересы индивидов и групп всегда были опосредованы государством, подчинены ему;
- Соотношение и соперничество государства и гражданского общества была и остается главной дилеммой их становления и развития. При этом в истории становления и развития этого тандема можно выделить этапы, где принцип паритета и форма мирного сосуществования уступали место принципу приоритета и форме экспансии по отношению другому. В историческом плане равновесие скорее исключение, чем правило;
- Гражданское общество невозможно понять без его соотношения с государством, властью. Соотношение государства и гражданского общества это лишь позднее – современное – выражение общесоциологического закона, который заключается в организации всякого человеческого общества с начала его

зарождения до наших времен на основе системы властеотношений. Общество всегда построено на основе властеотношений вождя, старейшин племени и его членов, позже как соотношение государственной власти и человека, различных его сообществ и форм деятельности;

• Наличие вышеназванных аспектов говорит о состоявшемся зарождении гражданского общества в Таджикистане, где сфера его различных институтов, таких как диалоговые механизмы представляет важнейшее направление его развития. Однако, это только все же начало процесса, еще слабого, не обретшего необратимую силу, и в этом определенная специфика первого этапа появления и дальнейшего развития гражданского общества в Таджикистане;

• В Таджикистане, к сожалению, недостаточно развиты и не в полной мере используются возможности диалоговых механизмов, способствующие снижению негативной гражданской активности и повышению позитивной в обществе. На самом деле, диалоговые механизмы в нашей стране находятся все еще в процессе институционализации. Внесение корректив в современную модель межсекторного взаимодействия в связи с появлением новых форм гражданского участия способно оказать положительное влияние на эффективность диалога и уровень политической культуры в целом.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Гаджиев К.С. Концепция гражданского общества: идейные истоки и основные вехи формирования //Вопросы философии. 1991. №7.
2. Гражданское общество: истоки и современность. Научная ред. И.И. Кальной. Санкт-Петербург, 2000.
3. Долинский А.В. Дискурс о публичной дипломатии // Международные процессы. – 2011а. – Том 9. № 1 (25). – С. 63-73.
4. Гадышев С.А.Современные подходы к определению публичной политики // Гуманитарный вектор.2010. №3 (27).
5. Исаева Е.А., Палагичева А.В. Современные тенденции развития диалоговых механизмов власти и общества на территории субъектов РФ // Среднерусский вестник общественных наук. 2016.Том 11. №6.-С.179-181.
6. Исаева Е.А. К вопросу о динамике развития регионального законодательства, закрепляющего диалоговые механизмы власти и общества и взаимосвязи с протестной активностью // Вестник Ярославского государственного университета им. П.Г. Демидова. Серия Гуманитарные науки. – 2015. – № 1 (31).
7. Каримов Ш.Т. Становление и развитие гражданского общества в Таджикистане. Душанбе, 2023. – 371с.
8. Каримов Ш.Т. Роль НПО в формировании гражданского общества в Таджикистане. Автореферат дисс.… Доктора политических наук. Душанбе, 2015.
9. Каримов Ш.Т. НПО как институт гражданского обществ в Таджикистане (на тадж.яз.). Душанбе, 2010. -289с.
10. Конституция Республики Таджикистан. 1994. - Ст.8.

11. Лебедева М.М. Публичная дипломатия в урегулировании конфликтов // Международные процессы. – 2015. –Том 13. № 4 (43).

12. Матузов Н.И. Гражданское общество: сущность и основные принципы //Правоведение. 1995. №3; Володын А.Г. Гражданское общество и модернизация в России. Истоки и современная проблематика // Политические исследования. 2000. №3.

13. Никовская Л.И., Якимец В.Н. Проблема состоятельности институтов публичной политики в контексте менеджментапубличных ценностей // Каспийский регион: политика, экономика, культура. – 2015. – № 3(44).

14. Поправки к Закону "Об общественных объединениях" (подписаны Президентом 8 августа 2015 ) . http://www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?Rgn=124936

15. Послание Президента Таджикистана Эмомали Рахмона Маджлиси Оли (Парламенту) Республики Таджикистан: декабрь 2017г.

16. Смольников В.Г. Проблемы формирования гражданского общества \\ Социально-политические науки, 1991. №4.

17. Харкевич М.В. Формы публичной дипломатии и типы государств. // Политика и Общество. – 2016. – № 9. – С.1244-1255. DOI: 10.7256/1812-8696.2016.9.16271

18. http://ombudsman.tj/ru/kabulgohhoi_chamiyati/activities_of_public_reception.php

## ЗАМИНАҲОИ ИДЕОЛОГИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ МЕХАНИЗМҲОИ МУКОЛАМАИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба заминаҳои идеологии пайдоиш ва рушди механизмҳои муколамаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба ақидаи муаллифони мақола, дар Тоҷикистон имконоти механизмҳои муколама, ки ба коҳиши фаъолиятҳои манфии шаҳрвандон ва афзоиши нақши мусбати онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунанд, ҳанӯз пурра инкишоф наёфтаанд ва ба таври бояду шояд истифода намешаванд. Механизмҳои муколамаи ҳамкориҳо дар кишвари мо то ҳол дар сатҳи институтсионализатсия ва такомули баъдӣ қарор доранд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳокимияти давлатӣ, сиёсати ҷамъиятӣ, механизмҳои муколамаи ҳамкорӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

## IDEOLOGICAL PREREQUISITES FOR THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF DIALOGUE MECHANISMS OF GOVERNMENT BODIES AND CIVIL SOCIETY INSTITUTIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the issues of ideological prerequisites for the emergence and development of dialogue mechanisms of government and civil society institutions in the Republic of Tajikistan. According to the article's authors, in Tajikistan, the possibilities

of dialogue mechanisms that help reduce negative civic activity and increase positive ones in Tajik society are underdeveloped and are not fully used, and the dialogue mechanisms of cooperation in the country are still in the process of institutionalization.

**Keywords**: civil society, state power, public policy, dialogue mechanisms of cooperation, civil society institutions.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Каримов Шамсиддин Турсунматович -** доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Интситути омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**Сангов Шуҳрат Баҳриддинович** - унвонҷӯи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Интситути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

**Сведения об авторах: Каримов Шамсиддин Турсунматович -** главный научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы, доктор политических наук. shamskarimov14@gmail.com

**Сангов Шухрат Бахриддинович -** соискатель отдела политических проблем и международных отношений Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинва НАНТ. sshukhrat@mail.ru

**About the authors: Karimov Shamsiddin Tursunmatovich** - Doctor of Political Sciences, Chief Researcher of the Department of US and Canadian Studies of the Institute of Asian and European Studies of the National Academy of Sciences.

**Sangov Shukhrat Bakhriddinovich** - Ph.D. Candidate of the Department of Political Problems of International Relations of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

## ДИПЛОМАТИЯИ МУОСИР ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

**МАЛИКОВ К.К.**
**БАСИРОВ Б.С.**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Мақолаи мазкур ба падидае, ки имрӯз аҳамияти мубрам дорад, яъне дипломатияи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст.*

*Қайд карда мешавад, ки зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ тамоми низоми муносибатҳои байналмилалӣ тағйир ёфт. Нақши дипломатияи ғайрианъанавӣ меафзояд ва абзорҳои дипломатии муосир аз ҷониби кишварҳои пешрафта дар арсаи байналмилалӣ самаранок татбиқ карда мешаванд. Дипломатияи муосир бештар оммавӣ шуд ва аудиторияи чандмиллиарднафарӣ дар раванди қабули қарорҳо оид ба бисёр масъалаҳои банйлмилалӣ ва сиёсати хориҷии кишварҳо ҷалб карда мешаванд.*

*Натиҷагирӣ карда мешавад, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамоми низоми муносибатҳои байналмилалиро тағйир дода, аксари кишварҳои муосирро водор*

*кардааст, ки консепсияи сиёсати хориҷии худро тағйир диҳанд ва абзорҳои нави ғайрианъанавиро дохил кунанд. Зеро абзорҳои нави дипломатияи ғайримуқаррарӣ як воситаи бениҳоят муассир барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати хориҷии давлатҳо гардидаанд ва аз ҷониби бисёре аз кишварҳои пешрафта хеле моҳирона ва самарабахш истифода мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *дипломатияи анъанавӣ, дипломатияи ғайрианъанавӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, рақамисозӣ, сиёсати хориҷӣ.*

Низоми дипломатии классикӣ, ки аз нимҷазираи Италиё сарчашма мегирад, сиёсати хориҷии кишварҳоро ба як шохаи мустақили идораи давлатӣ ҷудо мекард. Аммо, имрӯз ҷаҳони муосир ва низоми дипломатии классикӣ зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба куллӣ тағйир меёбанд. Тағйироти ба амал омада, дар тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосир дигаргунӣ ворид сохта, фазои муносибатҳоро байни қитъаҳо, кишварҳо, созмонҳо, корхонаҳо ва ҳатто шаҳрвандон пурзур мекунад ва яке аз тамоюлҳои рушди асосии ҷомеаи муосир мегардад.

Марҳилаи сифатан нави таърихӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳони муосир шуруъ мешавад, ки низоми сиёсати хориҷии кишварҳоро тадриҷан иваз мекунад. Сиёсати хориҷии кишварҳо мақоми пештараи худро гум мекунад. Фарқият байни сиёсати берунӣ ва дохилӣ аз байн меравад. Мушкилотҳое, ки пеш ба сиёсати дохилии давлатҳо мансуб мешуданд, имрӯз аксар вақт дар арсаи ҷаҳонӣ ҳалли худро меёбанд. Дар арсаи байналмилалӣ таҳдидҳои амниятии нав пайдо мешаванд, дар пешгирӣ ва ҳалли моҷароҳои сиёсӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар баробари кишварҳо, нақши ниҳодҳои ғайридавлатӣ меафзояд.

Инчунин, рушди ҷомеаи рақамӣ, яъне технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташкил, танзим ва амалишавии дипломатияи муосир таъсири ҳалкунанда ва афзоянда пайдо карданд. Бояд зикр кард, ки нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва интернет дар давраи муосир ҳамчун воситаи муошират хеле бузург шудан дорад ва шумораи истифодабарандагони ин раванд рӯз то рӯз зиёд мешавад. Тибқи гузориши солонаи Global Digital 2021, дар аввали соли 2021 дар саросари ҷаҳон 4,66 миллиард нафар аз интернет ва технологияҳои рақамӣ истифода мекард, ки нисбат ба соли 2020 316 миллион нафар ё 7,3 фоиз зиёд аст [1, 1].

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз ҷомеаи муосири ҷаҳониро фаро гирифтаанд, сарҳади миллӣ ва байнидавлатиро қабул надоранд ва таъсири дигаргунсозанда дошта, ба яке аз абзорҳои асосии кишварҳо дар амалисозии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бо дурнамоии хеле ҷаззоб табдил ёфтаанд.

Дар баробари ин, шумораи акторҳо дар арсаи ҷаҳонӣ зиёд шуданд, ки хусусияти хоси низоми навини муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад ва дар баробари акторҳои анъанавӣ, яъне кишварҳо созмонҳои бузурги

ғайридавлатӣ, корпоратсияҳои фаромиллӣ (трансмиллӣ), ташкилотҳои қарзӣ ва молӣ ва ҳатто гурӯҳҳои террористӣ низ аъзои низоми ҷаҳонӣ шудан доранд.

Ҳамин тариқ, тамоми омилҳои номбаршуда сабаб мешаванд, ки дар дипломатияи анъанавӣ усулу самтҳои нави фаъолият пайдо шаванд. Дипломатияи анъанавӣ аз чаҳорчӯбаи фаъолияти анъанавӣ берун рафта, ба ҳамкорӣ бо акторҳои нав дар арсаи ҷаҳонӣ ниёз пайдо мекунад. Дар натиҷаи истифодаи усулу абзорҳои нав дар фаъолияти акторҳо дар соҳаи дипломатия як навъ симбиоз (ҳамзистӣ) ба амал меояд. Оиди ин омил таърифи пешниҳодкардаи пажуҳишгарон Т. Принсен ва М. Фигнер қобили таваҷҷӯҳ аст. Онҳо мегуянд: «дипломатия дигар сиёсати анъанавии давлатӣ нест, балки маҷмуи муносибатҳо байни акторҳои ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ дар арсаи байналмилалӣ мебошанд» [5, 42].

Мураккабии низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ, хусусияти глобалӣ пайдо намудани аксари мушкилиҳои дохилӣ, ба ҳам омехта шудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварҳо сабаби он мегарданд, ки дар давраи муосир дипломатияи анъанавӣ ба дипломатияи бисёрҷониба мубаддал гардад.

Илова бар ин, рушди босуръати илмиву технологӣ ва иттилоотӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX оғоз шуд, ба сар задани раванди ҷаҳонишавӣ оварда расонд, ки то ҳол давом дорад ва ин падида тақрибан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосир, аз он ҷумла равобити байналмилалиро фаро гирифтааст,

Дар натиҷа, ҳамкорӣ байни акторҳо дар арсаи ҷаҳонӣ тадриҷан шабакавӣ (интернетӣ) шуда истодааст. Намудҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ, яъне дипломатӣ пайдо шуда, бештар дар амал истифода мешаванд, ба мисоли: дипломатияи омма, парадипломатия, дипломатияи рақамӣ, дипломатияи илмӣ, дипломатияи иқтисодӣ, дипломатияи иҷборӣ ва ғайра. Барои муайян намудани дараҷаи таъсири намудҳои нави дипломатӣ ба раванди равобити байналмилалӣ, ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард.

Дипломатияи омма «public diplomacy» ҳамчун абзор аввал дар ИМА пайдо шуд ва дар сиёсати хориҷии ин кишвар ҷои мафҳуми таблиғотро гирифт. Ин таҷрибаро дигар давлатҳои дунё низ тадриҷан азхуд карданд ва имрӯз аксари кишварҳо аз ин абзор дар амалисозии сиёсати хориҷии худ фаъолона истифода мебаранд. Дипломатияи омма дар давраи муосир дар ташаккули симои мусбати (image) кишварҳо нақши бузургро мебозад. Ин намуди дипломатия муколамаро бо қишрҳои ҷомеа дар назар дорад, ки дар он на танҳо намояндагони кишварҳо (кормандони сохторҳои давлатӣ), ҷомеаҳои тиҷоратӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ, илмиву фарҳангӣ, балки шахсиятҳои гуногуни қишрҳои ҷомеа низ метавонанд, иштирок намоянд. Яъне як низоме, ки ба сохторҳои давлатӣ имкони муколама ҳам бо қишрҳои гуногуни ҷомеаи худ ва ҳам бо ҷомеаи хориҷиро фароҳам меоварад.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи дипломатияи омма на танҳо дар таблиғот ва пахши иттилооти мусбӣ оиди кишвар мебошад, балки ҳамчунин иштироки

фаъолонаи қишрҳои гуногуни ҷомеа дар таҳия ва қабули қарорҳои ҳукуматӣ оид ба сиёсати хориҷӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба обрӯи кишвар низ мебошад.

Дар асл, чи тавре, ки амалия нишон медиҳад, дипломатияи омма ба як абзори хеле муҳими самарабахши муосири давлатӣ табдил ёфтааст ва дар амалисозии сиёсати хориҷии кишварҳо фаъолона ва моҳирона истифода мешавад. Ин абзори муосир, умуман дар ба мақсад расидани давлатҳо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Дипломатияи оммаро дар марҳилаи нави таърихӣ метавон як абзори мустақили сиёсати хориҷии кишварҳои муосир номид, ки ба як формати бисёр таъсиргузори ҳамкории кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ табдил ёфтааст ва ба ҷомеаи хориҷӣ тариқи барномаҳои иттилоотӣ, табодули таълимӣ, лоиҳаҳо дар соҳаи фарҳанг, варзиш ва ғайра таъсир мерасонад. Имрӯз ин абзори самарабахши татбиқи сиёсати хориҷӣ аз тарафи кишварҳо хеле моҳирона, фаъолона ва мунтазам истифода мешавад.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ иштироки субъектҳои зердавлатӣ, яъне минтақаҳои кишварҳои низоми федеративӣ доштаро дар муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ муайян ва фаъол гардонидааст. Ин равандро пажуҳишгарон дар илми сиёсатшиносӣ парадипломатия ном мондаанд.

Дар баробари дигар акторҳо, минтақаҳои кишварҳои федеролӣ, вилоятҳо ва шаҳрҳо тибқи доираи муқарраршуда аз тарафи давлат дар амалисозии робитаҳои байналмилалӣ ва иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ нақши фаъол мебозанд.

Пажуҳишгарони амрикоӣ П. Солдатос, Ҷ. Кинкайд ва И. Фрай ин самтро омӯхта, се намуди парадипломатияро муайян карданд:

1. Парадипломатияи минтақавии байнисарҳадӣ, ки алоқаҳои расмӣ ва ғайри расмии минтақаҳо ва вилоятҳои ҳамсоякишварҳоро дар бар мегирад;

2. Парадипломатияи трансминтақавӣ, ки муносибатҳои байни ширкатҳо ва ҳукуматҳои минтақавӣ ва вилоятии ду кишварро фаро мегирад;

3. Парадипломатияи глобалӣ, ки алоқаҳои расмии сиёсии ҳукуматҳо ва дигар алоқаҳои расмии сохторҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалиро дар бар мегирад [4, 19].

Субъектҳои парадипломатии номбаршуда чунин вазифаҳоро иҷро менамоянд:

а) ташаккул ва амалисозии барномаҳои байналмилалии минтақаҳо ва вилоятҳо;

б) ҷалби сармояи хориҷӣ;

в) рушди ҳамкориҳои байнисарҳадӣ;

г) ифтитоҳи дафтарҳо ва намояндагиҳои субъектҳои парадипломатӣ дар хориҷа [3, 103].

Дар ҷаҳони муосир ин абзори таъсиргузор дар баробари дигар намудҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ, яъне дипломатӣ хеле фаъол мебошад ва бахше аз сиёсати хориҷии қариб тамоми мамлакатҳои муосир аст. Ин намуди

дипломатияи муосир ба алоқамандӣ пайдо намудани субъектҳои гуногуни кишварҳои сохтори федеролӣ дошта муосидат мекунад, ки дар натиҷа ба рушди иқтисодиёту фарҳанг оварда мерасонад.

Дар даҳсолаи охир иттилоотишавии ҷомеа хеле рушд карда, ба марҳилаи сифатан нави таърихӣ расид. Ҷомеаи иттилоотӣ ном гирифт ва ангезандаи тараққиёти тамоми соҳаҳои ҷомеаи муосир шуд ва дар ин замина абзори нави дипломатӣ, яъне дипломатияи рақамӣ пайдо шуд [2, 312].

Дар ин низоми муносибатҳои байналмилалӣ абзори нав, яъне дипломатияи рақамӣ дар баробари дигар абзорҳои ғайрианъанавӣ ҷойи муайяни худро гирифт. Бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ, фаъолияташ ба самти ҳамкорӣ бо аудиторияи бисёрнафараи хориҷӣ нигаронида шуда, афзалияташ дар баробари дипломатияи анъанавӣ дар он аст, ки имкони муоширaт бо аудиторияи чандинмиллиардиро дар режими онлайнии дарозмуддатро медиҳад.

Раванди рақамикунонии муносибатҳои байналмилалӣ, аксари кишварҳои муосирро маҷбур сохт, ки умуман, консепсияи сиёсати хориҷии худро зери таъсири ин раванд, тағйир бидиҳанд. Чунки дипломатияи рақамӣ, дар шароити муосир дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба як абзори муассири ниҳоят самаранок табдил ёфтааст, ки имкон барои ҷамъоварии иттилоот ва ба таври оҷил пешниҳод намудани онро бо суръати баланд ба аудиторияи ҷаҳонӣ фароҳам меоварад. Ин раванд аз тарафи сохторҳои давлатӣ ҳам дар татбиқи сиёсати дохилӣ ва ҳам дар сиёсати хориҷӣ хеле моҳирона истифода мешавад. Воситаҳои анъанавӣ ба мисоли телевизион, радио ва расонаҳои чопӣ манбаи хабарии дуюмдараҷа шудаанд [2, 314].

Имрӯз, аккаунтҳои аксарияти сарони давлатҳо, вазоратҳои хориҷии кишварҳо дар аксари шабакаҳои иҷтимоӣ ба мисоли Facebook, Твиттер ва шабеҳи онҳо пешниҳод ва фаъолона истифода мешаванд. Барои мисол, Twitter-аккаунти собиқ президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Д. Трамп дар фазои интернетӣ дар миёни роҳбарони мамлакатҳо фаъолтарин буд ва истифодабарандагони зиёд дошт. Ва ин сабаб шуд, ки мафҳуми «твиттер-дипломатия» (twiplomacy) ҳамчун як намуди дипломатияи рақамӣ пайдо шавад.

Рушди дипломатияи рақамӣ тамоми низоми муносибатҳои байналмилалиро тағйир дод. Сохторҳои давлатие, ки сиёсати хориҷиро амалӣ месозанд, метавонанд тавассути ин абзори муосир, яъне дипломатияи рақамӣ ниёзҳои глобалии худро қонеъ кунанд. Дар муносибатҳои байналмилалӣ, дар оянда дипломатияи рақамӣ нақши бузургро хоҳад бозид.

Абзори нави дигар, ки хеле таъсиргузор аст, дипломатияи илмӣ буда, дар арсаи байналмилалӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ рӯз то рӯз маъмул ва фаъолона истифода мешавад.

Сатҳи таъсири кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ аз мавқеи рушди технологӣ ва инноватсионӣ муайян карда мешавад. Мафҳуми дипломатияи илмӣ ҳамкории

илмиро ҳамчун абзори муосир, ки барои барпо ва беҳтар намудани муносибатҳо дар тамоми соҳаҳои илм байни кишварҳо мусоидат мекунад, дар назар дорад.

Дипломатияи илмӣ дар таҳия ва қабул кардани лоиҳаҳои сиёсии кишварҳо моҳирона истифода мешавад. Мақсад аз истифодаи ин абзор дар такмили усулҳои кории сохторҳои давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ ва истифода аз донишҳо ва дастовардҳои илмӣ барои баланд бардоштани сифати қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад.

Дипломатия илмӣ, инчунин, барои дастгирӣ ва рушди ҷомеаи илмӣ, ҳамкориҳо, пажуҳишҳои илмӣ дар ҳудуди кишварҳо нақши бузург мебозад.

Дар доираи корӣ, ин абзори муҳими муосир барои ба ҳадаф расидан аз бисёр усулҳо истифода мекунад ва муҳимтаринашон инҳоянд: стратегӣ, амалиётӣ ва ёрирасон.

Воситаҳои стратегии дипломатияи илмӣ аз ҳуҷҷатҳои барномавии консептуалии сиёсӣ иборат аст, ки дар таҳия ва омодасозии санадҳои давлатӣ ба мисли барномаи амнияти давлатӣ ва ё ҳамкориҳо дар самти илмиву техникии байналмилалӣ истифода мешавад.

Абзори амалиётӣ дар доираи татбиқи дипломатияи илмӣ — ин воситаҳое ҳастанд, ки барои амалӣ намудани дипломатияи илмӣ истифода мешаванд. Воситаҳои гуногуни абзори амалиётӣ мавҷуданд, ба мисли: шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба оиди ҳамкориҳо дар самтҳои илмӣ-пажуҳишӣ, илмӣ-техникӣ, илмӣ-таълимӣ ва ғайра.

Воситаҳои ёрирасонии дипломатияи илмӣ ба ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи дипломатияи илмӣ равона карда шудааст. Ин абзор аз чорабиниҳои таълимии кормандони дипломатӣ ва пажуҳишгарони соҳаи сиёсати хориҷӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, ин абзори нави ғайрианъанавии самарабахш дар татбиқи ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ дар соҳаҳои номбаршуда тавассути сохторҳои дипломатии кишварҳо фаъолона ва мунтазам истифода мешавад.

Дар марҳилаи ҳозираи таърихи сиёсат, аз он ҷумла сиёсати байналмилалӣ зери таъсири иқтисод хеле иқтисодӣ шуда ва инчунин, баръакс иқтисодиёт низ сиёсӣ карда шуд. Ин ҳолат баёнкунандаи алоқамандии сиёсат ва иқтисод дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дипломатияи иқтисодӣ як падидаи табиӣ дар муносибатҳои муосири байналмилалӣ буда, далели рӯз то рӯз зиёд шудани нақш ва ҳадафи омилҳои иқтисодӣ дар муносибатхои байналмилалӣ мебошад. Далелҳои муътамад вуҷуд доранд, ки дар аксари кишварҳо фаъолияти зиёди сохторҳои дипломатӣ ба масъалаҳои иқтисодӣ бахшида мешаванд.

Дар ҳоли ҳозир, дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун абзори дипломатӣ, ҷузъи таркибии сиёсати хориҷии мамлакатҳои муосир ва фаъолияти байналмилалии онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Маҳз сиёсати хориҷии кишвар ҳадафҳо ва вазифаҳои дипломатияи иқтисодиро муайян мекунад, ки маҷмуи фаъолияти иқтисодии кишвар бо истифода аз воситаҳо, инчунин шаклҳо ва усулҳои иқтисодӣ

иборат буда, барои татбиқи сиёсати хориҷии мамлакат моҳирона истифода мешавад.

Дипломатияи муосири иқтисодӣ – ин як фаъолияти муштарак, мунтазаму пайвастаи бисёрҷанбаи давлат ва соҳибкорон барои татбиқи сиёсати миллии иқтисодии берунӣ бо мақсади ба даст овардани манфиатҳои бештари давлатӣ мебошад.

Мақсади асосии дипломатияи иқтисодӣ таъмини манфиатҳои миллӣ ва муҳаё намудани бартариҳо дар соҳаи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, таҳкими рақобатпазирӣ ва амнияти иқтисодии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Вазифаҳои асосие, ки дипломатияи иқтисодӣ амалӣ мекунад, инҳоянд: амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ; таъмини шароитҳои баробар ва бидуни табъиз барои ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонӣ; ҳимоя ва ташвиқи манфиатҳои тиҷоративу иқтисодии соҳибкорони ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ; мусоидат намудан ба ҷалби маблағгузории хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ.

Ҳамин тариқ, дипломатияи иқтисодӣ, ба монанди дипломатияи анъанавӣ, як қисми таркибии сиёсати хориҷӣ ва инчунин фаъолияти байналмилалии кишвар маҳсуб ва мунтазам истифода мешавад.

Идеяҳои дипломатияи иҷборӣ дар санадҳои муҳими Ассамблеяи СММ, Шурои амнияти СММ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва аксари мамлакатҳо оиди таҳримҳо ва муайян кардани дараҷаи масъулияти тарафҳои даргир барои вайронкунии ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона дар муноқишаи мусаллаҳона инъикос ёфтааст.

Аммо, ҳукумати ИМА ихтироъкор, дорандаи патент ва дорандаи ҳуқуқи моликияти зеҳнии дипломатияи иҷборӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ, дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дипломатияи иҷборӣ кӯшиш барои тағйир додани рафтори номатлуби субъект тавассути таҳдиди зурӣ ё истифодаи воқеии қувва мебошад. Ба истилоҳи дигар, дипломатияи иҷборӣ ин стратегияи дипломатӣ буда, ба таҳдиди зурӣ ва ё истифодаи қувва такя мекунад, вале инро амалӣ намекунад. Ва ё агар лозим бошад, ба таври намунавӣ, дар шакли амалиёти хеле маҳдуди ҳарбӣ, барои нишон додани қатъият ва омодагӣ барои гузаштан ба сатҳи баланди амалиёти низомӣ, дар ҳолати зарурӣ истифода мешавад.

Дипломатияи иҷбориро метавон ҳамчун стратегияи сиёсӣ-дипломатӣ, ки ҳадафаш таъсир расондан ба иродаи рақиб мебошад, ҳисобид. Ҳадаф аз он иборат аст, ки душман водор шавад, ки ба талабот мувофиқат кунад ва ба созиши беҳтарини имконпазир гуфтушунид кунад.

Ҳамин тариқ, ҷаҳони муосир ва низоми дипломатии классикӣ зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Шумораи акторҳо дар арсаи байналмилалӣ зиёд шуд, яъне дар баробари актори классикӣ –кишварҳо,

созмонҳои бузурги ғайридавлатӣ, ба мисли: созмонҳои байналмилалӣ; корпоратсияҳои фаромиллӣ; ташкилотҳои қарзӣ ва молӣ низ аъзои низоми ҷаҳонӣ шуданд. Омилҳои номбаршуда сабаб шуданд, ки дар баробари дипломатияи анъанавӣ усулу абзорҳои нави дипломатӣ эҷод шавад.

Низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ, хусусияти нави глобалии бо суръати баланди рушдёбанда пайдо карда, дар давраи муосир дипломатияи анъанавиро ба дипломатияи бисёрҷониба мубаддал гардонд.

Дар низоми корӣ сохторҳои давлатӣ ва дипломатӣ дар арсаи байналмилалӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ абзорҳои нав фаъолона ва моҳирона истифода мешаванд, ки натиҷаи хеле самарабахш, баланд ва зуд медиҳанд.

Илова бар ин, раванди ҷаҳонишавӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, аксари кишварҳои муосирро маҷбур сохт, ки умуман, консепсияи сиёсати хориҷии худро зери таъсири ин раванд, тағйир диҳанд. Чунки ин дигаргуниҳои нави дипломатӣ, дар шароити муосир ба як абзори муассири ниҳоят самаранок табдил ёфтаанд, ки аз тарафи сохторҳои давлатии мамлакатҳо фаъолона ва мунтазам истифода мешаванд.

Абзорҳои нави дипломатӣ ҷойи муайяни худро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ гирифтанд. Бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ, фаъолияти сохторҳои давлатии кишварҳо ба самти ҳамкорӣ бо аудиторияи бисёрнафараи хориҷӣ нигаронида шуда, дар баробари дипломатияи анъанавӣ имкони муошират бо аудиторияи чандинмиллиардиро ба даст оварданд.

Хусусияти хоси дипломатияи бисёрҷониба, яъне истифодаи мунтазами абзорҳои нав новобаста аз он, ки дидгоҳҳои зиёду мухолиф вуҷуд доранд, қобилияти ҳамкории кишварҳоро баланд бардошта, мавқеъҳои зиёд ва гуногуни давлатҳоро ба як натиҷаи дилхоҳи комилан ғайричашмдошт оварда расонд.

**АДАБИЁТ:**


1. Исследовательский центр компании «Делойт в СНГ». Доклад «Тенденции монетизации контента в Интернете. Медиапотребление в России 2019». Москва, сентябрь2019. URL: https://www2.deloitte.com. (рӯзи муроҷиат: 18.11.2023с.).

2. Маликов Қ.Қ. Падидаи дипломатияи рақамӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ. Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. № 1 (45), Душанбе, 2023. С.312.

3. Цыганок Н.А. Специфика реализации внешнеполитических функций российского региона // Вестн. Башк. ун-та. – 2009. – № 2. С. 623.

4. Kaiser R. Paradiplomacy and Multivel Governance in Europe and North America: Subnational Governments in International Arenas // Participation. – 2003. – Vol. 27, № 1. P. 17–19.

5. Princen T. and Finger M. (eds) Environmental NGO’s in World Politics: Linking the Local and the Global. - London: Routledge, 1994. C. 42.

## СОВРЕМЕННАЯ ДИПЛОМАТИЯ В ГЛОБАЛИЗИРУЮЩЕМСЯ МИРЕ

Статья посвящена актуальному на сегодняшний день феномену, современной дипломатии в глобализирующемся мире.

Отмечается, что под влиянием глобализации изменилась вся система международных отношений. Возрастает роль нетрадиционной дипломатии и, соответственно меняется её инструментарий, которые эффективно внедряются на практике ведущими государствами на международной арене. Современная дипломатия стала более публичной и в процесс принятий решений по многим внешнеполитическим вопросам втянута многомиллиардная аудитория.

Сделан вывод о том, что процесс глобализации внес изменения в систему международных отношений и вынудил большинство современных стран изменить концепцию своей внешней политики. Потому что новые инструменты нетрадиционной дипломатии стали чрезвычайно эффективным инструментом реализации внешнеполитических целей государств и очень умело используется многими развитыми странами.

**Ключевые слова:** традиционная дипломатия, нетрадиционная дипломатия, международные отношения, цифровизация, внешняя политика.

## MODERN DIPLOMACY IN A GLOBALIZING WORLD

The article is devoted to a phenomenon that is relevant today, modern diplomacy in a globalizing world.

It is noted that under the influence of globalization the entire system of international relations has changed. The role of non-traditional diplomacy is increasing and, accordingly, its tools are changing, which are effectively being implemented in practice by leading states in the international arena. Modern diplomacy has become more public and a multibillion-dollar audience has been drawn into the decision-making process on many foreign policy issues.

It is concluded that the process of globalization has brought changes to the system of international relations and forced most modern countries to change the concept of their foreign policy. Because new tools of unconventional diplomacy have become an extremely effective tool for realizing the foreign policy goals of states and are very skillfully used by many developed countries.

**Keywords:** traditional diplomacy, non-traditional diplomacy, international relations, digitalization, foreign policy.

**Маълумот оид ба муаллифон: Маликов Қобилшо Куканович** – н.и.с., дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. Тел.: +992 008-55-44-03, m.koba@mail.ru

**Басиров Бахтиёр Саторович** – муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: (+992) 907-58-78-88. **E–mail:** basir_bbs@mail.ru

**Сведения об авторах: Маликов Кобилшо Куканович** – к.п.н., доцент кафедры международных отношений Таджикского национального университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: +992 008-55-44-03, m.koba@mail.ru

**Басиров Бахтиёр Саторович** –старший преподаватель кафедры международных отношений, Таджикский национальный университет, Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 907-58-78-88. **E–mail:** basir_bbs@mail.ru.

**About the authors: Malikov Kobilsho Kukanovich** – c.p.s., associate professor of the Department of international relations, Tajik National University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) +992 008-55-44-03, m.koba@mail.ru

**Basirov Bakhtiyor Satorovich** - Tajik National University, senior teacher of the Department of international relations. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 907-58-78-88. E-mail: E–mail: basir_bbs@mail.ru

# ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ МУНОСИБАТҲОИ ШМА ВА КАНАДА ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**ДОРОНШОЕВА НЕКБАХТ ШОҚОСУМОВНА**
номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Муаллиф дар мақола масъалаҳои марбут ба ҷанбаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалии Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ва Канадаро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ мавриди тадқиқи илмӣ ва баррасӣ қарор додааст. Қайд гардидааст, ки муносибатҳои ин ду кишвар ҳамчун яке аз наздиктарин ва устувортарин ҳамкориҳои байналмилалӣ арзёбӣ мегарданд. Мақола таъсири таърихӣ, арзишҳои муштарак ва ҳамкориҳоро дар арсаҳои гуногун, аз ҷумла амнияти миллӣ, савдо, ҳифзи муҳити зист ва мубориза бо тағйирёбии иқлим таҳлил мекунад. Ҳамчунин, таваҷҷуҳи хос ба созишномаҳои калидии байналмилалӣ, аз ҷумла НАФТА, Созишномаи ШМА-Канада-Мексика ва ҳамкориҳои доимӣ дар доираи NORAD дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *ШМА, Канада, муносибатҳои байналмилалӣ, созмонҳои минтақавӣ, ҳамкорӣ, Созишномаи НАФТА, Созишномаи ШМА-Канада-Мексика,* Арктика.

Муносибатҳои байналмилалии байни ШМА ва Канада намунаи беназири ҳамкориҳои устувор ва судманди ду давлати ҳамсоя мебошанд. Ин муносибатҳо

таърихи чандинсола доранд ва бар асоси арзишҳои умумӣ, вобастагии тарафайн дар соҳаҳои гуногун ва робитаҳои наздики фарҳангӣ бунёд шудаанд. Таҳқиқи ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ин муносибатҳо имкон медиҳад, ки мо хислати ҳамкориҳои онҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ ва нақши муҳими онҳоро дар сиёсати минтақавӣ ва глобалӣ амиқтар фаҳмем.

Тибқи маълумоти Департаменти давлатии ШМА, тӯлонитарин сарҳади байналмилалии ҷаҳон байни Амрико ва Канада мебошад, ки 5,525 мил (тақрибан 8,891 километр)-ро ташкил медиҳад ва дорои 120 гузаргоҳи сарҳадии заминӣ мебошад. Муносибати дуҷонибаи ин ду давлат яке аз наздиктарин ва васеътарин робитаҳо ба ҳисоб меравад. Ҳар рӯз тақрибан 2,6 миллиард доллар молу хизматрасонӣ байни ин ду кишвар савдо мешавад. Харитаи роҳ барои шарикии навшудаи ШМА-Канада, ки 23 феврали соли 2021 нашр шуд, умқи робитаҳои ду давлатро нишон медиҳад. Он нақшаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои давлатӣ барои мубориза бо пандемияи COVID-19 ва дастгирии рушди умумии иқтисодии ШМА ва Канадаро муқаррар мекунад. Ин роҳнамо барои шарикии муштарак дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, такмили амнияти ҷаҳонии тандурустӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи мудофиа ва амният ва тасдиқи ӯҳдадориҳои муштарак ба гуногунрангӣ, баробарӣ ва адолат равона шудааст.

Бо такя ба таърих ва ҷуғрофияи муштараки худ, ду кишвари дар сатҳҳо гуногун зич ҳамкорӣ мекунанд, аз ҷумла дар мубориза бо пандемияи COVID-19, барқарорсозии ҳамаҷониба ва устувори иқтисодӣ, муқовимат ба мушкилоти глобалии иқлим, амнияти миллӣ ва сарҳад, масъалаҳои байналмилалӣ, бӯҳрони афюн, ҳифзи муҳити зист ва савдои озод [18].

Тибқи маълумотҳои Ҳукумати Канада [8], Сафорати Канада дар Вашингтон қарор дошта, консулгариҳои генералӣ дар Атланта, Бостон, Чикаго, Даллас, Денвер, Детройт, Лос-Анҷелес, Майами, Миннеаполис, Ню-Йорк, Сан-Франсиско ва Сиэтл мебошанд. Ба ғайр аз ин Канада дар Амрико 3 дафтари тиҷоратӣ ва 14 консулҳои фахрӣ дорад. Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Амрико бошад, дар шаҳри Оттава ҷойгир буда ва дар тамоми шаҳрҳои Канада консулгариҳои генералӣ дорад.

Чуноне ки Президенти ШМА Ҷо Байден қайд кардааст, Штатҳои Муттаҳида аз Канада дӯсти беҳтарин ва шарики наздиктар надорад. Дар тӯли 150 соли охир ин ду кишвар яке аз муносибатҳои наздиктарин ва густаришёфтаро эҷод кардаанд. Дар як рӯз тақрибан 2,6 миллиард доллар мол ва хидматҳо аз сарҳади муштараки ду кишвар, ки тӯлонитарин сарҳади заминӣ дар ҷаҳон аст, мегузарад, ки ин нишондиҳандаи афзоиши 20%-ро дар соли 2022 [9] нисбат ба соли гузашта нишон медиҳад. Ин тиҷорат миллионҳо ҷойҳои корӣ дар ҳар ду тарафи сарҳадро дастгирӣ мекунад.

Агар суханҳои Сарвазири Канада Ҷастин Трюдо таҳлил кунем, вай доимо дар баромадҳояш [7] таъкид мекунад, ки Штатҳои Муттаҳида шарики доимии Канада мебошад. Дар суханрониҳои худ Трюдо борҳо қайд кардааст, ки ШМА ва

Канада дар асоси арзишҳои муштарак, ба монанди демократия, ҳуқуқи инсон ва ҳамкориҳои амниятӣ дар баробари чолишҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла мубориза бо тағйирёбии иқлим ва таъмини амният дар минтақаи Арктика ҳамкорӣ мекунанд.

Оид ба вазъияти имрӯзаи ҷаҳон бошад, Трюдо инчунин изҳор дошт, ки Канада ва ШМА бояд дар баробари таҳдидҳои афзояндаи Чин якҷоя истодагарӣ кунанд ва дар суханрониаш дар парлумони Канада дар соли 2023 таъкид кард, ки аҳамияти ҳамкорӣ ва такя ба арзишҳои муштарак ин ду кишварро муттаҳид месозад. Вай инчунин ҳамкории ин ду давлат аз талошҳои муштарак барои ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва арзишҳои демократиро дар баробари таҳдидҳо, аз ҷумла дар Украина изҳор намуд.

Бжезинский дар китоби худ менависад, ки Амрико танҳо бо ду давлат - Мексика ва Канада ҳамсарҳад мебошад. Бо вуҷуди муносибатҳои хуб бо ҳарду ҳамсоя, Мексика барои Амрико таҳдиди воқеӣ ба шумор меравад, ки асоси онро ноустувории сиёсӣ ва иқтисодии Мексика ташкил медиҳад. Агар дар сарҳади тӯлонии байни Канада ва Амрико вазъият асосан ором бошад, сарҳади Амрикову Мексика ба як макони хушунат ва ташаннуҷи этникӣ, қочоқи маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва инчунин манбаи шиддати сиёсӣ мубаддал гаштааст. Агарчи дар равандҳои иқтисодӣ ҳарду кишвар ба Амрико вобастагӣ доранд, ММД-и ҳарду кишвар тақрибан баробар аст, тақрибан 15% коргарони мексиканӣ дар Амрико кор мекунанд, дар ҳоле ки ҳиссаи аҳолии Мексика, ки камбағалона зиндагӣ мекунад, ду маротиба бештар аз ҳиссаи аҳолии Канада мебошад. [1-саҳ.157]

Бояд қайд кард, ки ҳамкориҳои сиёсӣ байни ШМА ва Канада яке аз омилҳои асосии робитаи онҳо ба ҳисоб мераванд. Ҳарду давлат дар ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, НАТО, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (WTO), Гурӯҳи Ҳафтгона (G8), Гурӯҳи Бистгона (G20), Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (OECD), Иттиҳоди кишварҳои ҳамсуд (Commonwealth), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони давлатҳои Амрико (OAS), ва Форуми ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором (APEC) фаъолона ҳамкорӣ мекунад. [20] Онҳо ҳадафҳои умумӣ дар масъалаҳои амнияти глобалӣ, мубориза бо терроризм, тағйирёбии иқлим ва ҳуқуқи инсонро тақсим мекунанд. ШМА ва Канада мунтазам талошҳои дипломатии худро ҳамоҳанг карда, дар миссияҳои сулҳхоҳона ва ташаббусҳои ҷаҳонӣ якҷоя иштирок мекунанд.

Дар тӯли солҳои зиед байни ШМА ва Канада як қатор созишномаҳо ва шартномаҳо барои танзими равобити байнидавлатӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла:

1. Созишномаи обҳои сарҳадӣ (Boundary Waters Treaty) [4] яке аз аввалин созишномҳои калидӣ байни ин ду давлат мебошад, ки дар таърихи 5 майи соли 1909 дар Вашингтон ба имзо расид. Дар асоси ин созишнома ҳар ду тараф вазифадоранд, ки истифодаи обҳои сарҳадӣ байни ШМА ва Канадаро ҳифз кунанд ва ҳадафи он пешгирӣ аз мунокишаҳои марбут ба истифодаи захираҳои обӣ мебошад. Барои иҷрои Созишномаи обҳои сарҳадӣ Комиссияи муштараки

байналмилалӣ (IJC) таъсис дода шуд, ки масъули ҳалли баҳсҳои обӣ ва ҳифзи обҳои сарҳадӣ ба зимаи он гузошта шуд.

2. Созишномаи Амнияти Ҳавоии Амрикои Шимолӣ (North American Aerospace Defense Command ё NoRAD) [16] созишномаи байнидавлатӣ дар таърихи 12 майи соли 1958 ба имзо расидааст. Ҳадафи ин созишнома аз он иборат буд, ки Амрикои Шимолиро аз ҳамлаҳои эҳтимолии ҳавоӣ ва ҳастаӣ ҳифз намояд. Ҳар ду кишвар дар доираи ин созишнома маълумоти амниятӣ мубодила мекунанд ва иқдомҳои муштарак барои муҳофизати ҳавоӣ анҷом медиҳанд.

3. Созишномаи Автомобилӣ (Auto Pact) [14] созишномаи тиҷоратии байни ШМА ва Канада дар соли 1965 ба имзо расидааст. Ҳадафи созишнома аз он иборат буд, ки тиҷорат дар соҳаи истеҳсолоти автомобилӣ байни ду кишварро осон кунад ва онро ба як бозори ҳамгиро табдил диҳад. Ин созишнома дар тӯли солҳо ба рушди саноати автомобилӣ дар ҳарду кишвар мусоидат кард, аммо баъдан бо созишномаҳои нави тиҷоратӣ "Созишномаи савдои озоди Канада ва ШМА" иваз гардид.

4. Созишномаи савдои озоди Канада ва ШМА (Free Trade Agreement) [5] соли 1988 ба имзо расид ва яке аз муҳимтарин созишномаи иқтисодӣ байни ин ду кишвар дар он замон буд. Ҳадафи ин созишнома бартараф кардани монеаҳои гумрукӣ ва дигар монеаҳои тиҷоратиро дар тиҷорат байни ШМА ва Канада коҳиш диҳад ва рушди савдои мутақобиларо мусоидат намояд. Ва ин созишнома бошад то соли 1994 фаъолият карда бори дуюм ба "Созишномаи савдои озоди Амрикои Шимолӣ" иваз карда мешавад.

5. Созишномаи савдои озоди Амрикои Шимолӣ (North American Free Trade Agreement) [12] дар таърихи 8 декабри 1993 дар заминаи "Созишномаи савдои озоди Канада ва ШМА" ба имзо расид ва яке аз созишномаҳои бузургтарини тиҷоратӣ дар таърихи ҳарду кишвар гардид. NAFTA ҳамкориҳои тиҷоратии байни ШМА, Канада ва Мексикаро ба як сатҳи нав бардошт ва тиҷорат байни се кишварро осон намуд. Ин созишнома монеаҳои гумрукӣ ва тиҷоратиро коҳиш дод ва сармоягузориҳоро байни кишварҳо тавсеа бахшид.

6. Созишномаи ШМА-Канада-Мексика (United States-Mexico-Canada Agreement)[13], ки дар соли 2018 ба ҷои NAFTA қабул шуд, як созишномаи тиҷоратии муосир мебошад, ки ҳамкориҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва иқтисодиро дар байни ин се кишвар танзим мекунад. Созишномаи ШМА-Канада-Мексика бар асоси Созишномаи савдои озоди Амрикои Шимолӣ сохта шудааст, аммо ба талаботи нави иқтисодӣ ва савдо мутобиқ шудааст, ки ба се кишвари Амрикои Шимолӣ манфиат меорад.

Аз таҳқиқот бар меояд, ки ҳар як созишномаи нав дар асоси созишномаҳои пештар таҳия гардида, ба талаботҳои давраи нави иқтисодӣ ва савдои замони муосир мутобиқ карда шудааст, ки арзиш ва натиҷаи амалии онро баротиб боло мебарад ва дар маҷмӯъ манфиатҳои минтақаи Амрикои Шимолиро ҳифз менамояд.

Дар сатҳи дуҷониба кишварҳо робитаҳои наздики сиёсӣ доранд ва мунтазам гуфтушунидҳо ва машваратҳо дар бораи масъалаҳои байналмилалиро анҷом медиҳанд. Яке аз соҳаҳои муҳими ҳамкории сиёсии онҳо таъмини амнияти Амрикои Шимолӣ аст, ки дар доираи ташаббусҳо, ба монанди Фармондеҳии мудофиаи ҳавоӣ ва кайҳонии Амрикои Шимолӣ (NORAD) ҳамкорӣ мекунанд. Ин иттиҳод баёнгари аҳамияти амнияти дастаҷамъӣ ва талошҳои муштарак барои ҳифзи сарҳадҳо буда, соли 1958 таъсис ёфтааст, вазифаи назорат ва ҳимояи фазои ҳавоии Амрикои Шимолиро бар дӯш дорад ва асоси муносибатҳои дифоии Канада ва Штатҳои Муттаҳида ба шумор меравад. Он як намунаи нодири амиқӣ ва паҳнои ҳамкориҳои Канада ва ШМА дар дифои умумии қитъа ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки аз соли таъсис то кунун созишномаи NORAD нӯҳ маротиба таҷдид шудааст, аммо матни асосии созишнома танҳо чор маротиба – солҳои 1975, 1981, 1996 ва 2006 ба таври назаррас таҷдид гардидааст. Таҷдиди соли 2006 тартиботи доимиро бо хориҷ кардани зарурати таҷдиди расмӣ ҳар чор сол ба миён овард. Аммо созишнома боқӣ мемонад ва ҳадди ақал ҳар чор сол ё бо дархости ҳар яке аз тарафҳо мавриди баррасӣ қарор гирад. Тағйироти муҳими дигар дар соли 2006 ин тавсеа додани ваколати NORAD барои дохил кардани вазифаи ҳушдордиҳӣ дар бахши баҳрӣ буд.[15]

Ба ақидаи Кэтрин Брик Фридман ва Лори Л. Леффлер,[10] омилҳои калидии ҳамкории амнияти ШМА ва Канада дар самти Арктика низ мебошад. Зеро ки вазъияти имрӯзаи ҷаҳон, рақобатҳои стратегии шадид ва таҳдидҳо аз ҷониби Россия ва Чин ба амнияти ин ду кишвар хатари калон дорад. Аз ин рӯ, барои инҳо зарур аст, ки муносибатҳои зич дошта бошанд. Ба ғайр аз ин, дар масъалаҳои муҳими геополитикӣ ва экологии марбут ба Арктика, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, истифодаи захираҳои табиӣ ва амнияти марзҳо дар минтақа бояд ҳамкорӣ намоянд.

Ин ду олим пешниҳод мекунанд, ки барои ҳалли мушкилоти амнияти Арктика зарур аст, то нерӯи сахт (ҳарбӣ) ва нерӯи нарм (дипломатия ва фарҳанг) якҷоя амал кунанд, ки ба фоидаи кор мешавад. Ҳамчунин зарурати такмили ҳамкориҳои дифоъӣ тавассути NORAD дигар платформаҳои амниятӣ миёни ШМА ва Канада баррасӣ карда мешаванд.

Докори Вилфрид Гревис аз Донишгоҳи Виктория масъалаи Арктикаро дар яке аз мақолаҳои хеш баррасӣ карда, таъкид мекунад,[11] ки вазъи геополитикии Арктика дар давоми 30 соли охир, аниқтар агар дарҷ кунем, дар пайи ҳамлаҳои Россия ба Украина (2014, 2022) ба таври куллӣ тағйир ёфт. То ин дам ҳамкориҳои байналмилалии Арктика тавассути Шӯрои Арктика (Arctic Council) ба масъалаҳои экология ва рушди устувори ин минтақа ба роҳ монда шудаанд. Ҷанги Россияву Украина сабаб шуд, ки кишварҳои дигари Арктика, ба мисли Канада, ШМА Норвегия, Шветсия, Финляндия ва дигар кишварҳои НАТО бо Россия ҳамкории худро дар доираи ин Шӯро қатъ намоянд. Имрӯз дар асл Арктика ба ду

минтақа тақсим шуда, ба ду қитъаи рақобатпазири геополитикӣ мубаддал гаштааст.

Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки дар ин рақобат, аз як тараф, кишварҳои аъзои блоки “Арктикаи ҳафтгона” дар ҳамкорӣ бо НАТО, аз тарафи дигар, Россия бо ҳамроҳии Чин ҳамчун бозигарони асоси дар минтақа баромад мекунанд. Ин рақобат барои бештар дастрасӣ пайдо кардан ба обҳои Арктика, нафту газ, захираҳои табиии истихроҷ ба роҳ андохта мешавад.

Барои бартараф кардани ин муноқишаҳо дар минтақа бояд тавассути дипломатияи муҳити зист ва ҳамкории илмӣ якҷоя чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз тариқи дипломатия метавонад роҳе барои барқарор кардани ҳамкориҳои пан-Арктика дар заминаҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим истифода шавад. Дар охир пешниҳод мекунад, ки пас аз хотима бахшидани низоъ дар Украина ҳамкориҳои бисёрҷониба дубора дар Арктика барқарор шаванд. Лозим ба ёдоварист, ки Арктика як минтақаи муҳими ҳамкории амниятӣ ва геополитикӣ дар муносибатҳои байналмилалии ШМА ва Канада маҳсуб мешавад.

Масъала Арктика аз мадди назари олимон дур нест. Перомуни ин масъала бисер таҳлилҳои ҷолиб аз тарафи олимони ШМА, Канада, Россия ва дигар олимони ҷаҳон рӯи кор омадаанд, ки вазъияти имрӯзаи ин минтақаро баррасӣ мекунанд. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки Арктика дар ҷаҳони глобалӣ яке аз минтақаҳоест, ки таъсири абарқудратҳо дар ин кишвар бараъло дида мешавад.

Дар Арктика Россия бо рақобати шадид аз ҷониби бозигарони пешбари сиёсӣ рӯ ба рӯ мешавад. Зеро Арктика - охирин «ганҷина»-и сайёра аст. Дар ин ҷо захираҳои бузурги углеводородҳо ҷамъ шудаанд, ки барои онҳо мубориза хоҳад шуд. Шелфи Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ яке аз бузургтарин қаламравҳои нафтӣ ва газии рӯи замин ба ҳисоб меравад ва зиёда аз 100 миллиард тонна сӯзишвории шартиро дар бар мегирад, аз ҷумла 13,8 миллиард тонна нафт ва 79,1 триллион метри мукааб газ.[2]

Тавре ки дар боло ишора рафт, чандин давлат манфиатҳои худашонро дар Арктика дифоъ карда истодаанд. Доимо вохуриҳои сарони давлатҳои ШМА ва Канада дар доираи Шӯрои Арктика баргузор мегардад, дар ин вохуриҳо масъалаи Арктикаро пайваста баррасӣ мекунанд. Маълумотҳое, ки дар расонаҳои Канада чоп шудааст, аз он шаҳодат медиҳанд, ки Канада ва ШМА дар Арктика манфиатҳои муҳими миллии муштарак доранд. Ин манфиатҳо дар «Харитаи роҳ барои шарикии таҷдидшудаи ШМА ва Канада» дар соли 2021 ва изҳороти муштараки соли 2023, пас аз сафари Президенти Амрико Байден ба Канада, инъикос ёфтаанд. Ҳарду кишвар - ҳам Канада ва ҳам ШМА ба густариши Муколамаи Арктика, ҳифзи обҳои муштарак ва минтақаи Арктика, инчунин тақвияти ҳамкорӣ дар Арктика барои коҳиш додани партовҳои маҳаллӣ, пешгирӣ ва коҳиши офатҳои экологӣ ва идомаи ҳамкориҳои тӯлонӣ дар соҳаҳои илм ва технология, ҳифзи муҳити зист, рушди инфрасохтор, ҷустуҷӯ ва наҷот ва дар доираи Шӯрои Арктика ӯҳдадор шудаанд. Дар моҳи июли соли 2024 роҳбарони

Канада, ШМА ва Финляндия бо назардошти аҳамияти доимии Арктика барои иқтисод, иқлим ва амнияти миллӣ ҷиҳати амиқтар кардани ҳамкориҳо Эъломияи ҳамкории яхшиканон (ICE Pact)-ро эълон карданд, то минтақаҳои қутбӣ ва Арктика дар маҷмӯъ ором, барои ҳамкорӣ боз ва шукуфон боқӣ монад. Ин шарикии сегона як уҳдадорӣ барои ҳамкорӣ дар сохтани яхшиканҳои беҳтарини қутбӣ ва Арктика ва дигар иқтидорҳои арктикӣ ва қутбӣ дар кишварҳои худ мебошад ва авлавияти муштараки моро барои нигоҳ доштани амният ва субот дар Арктика, аз ҷумла ҳифзи қоидаҳо ва меъёрҳои байналмилалии дерина эътироф мекунад [8].

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, муносибатҳои байналмилалии байни ШМА ва Канада яке аз наздиктарин ва устувортарин робитаҳои дуҷониба дар ҷаҳон мебошад, ки бар асоси таърих, арзишҳои муштарак ва вобастагии тарафайн дар соҳаҳои гуногун бунёд шудаанд. Ҳарду кишвар дар ташаббусҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла амният, савдо, тағйирёбии иқлим ва ҳифзи ҳуқуқи инсон фаъолона ҳамкорӣ мекунанд. Фармондеҳии мудофиаи ҳавоӣ ва кайҳонии Амрикои Шимолӣ (NORAD) намунаи нодири ҳамкории ду давлат дар дифои қитъа мебошад, ки дар соли 2006 ба тавсеа додани ваколатҳои худ барои дохил кардани вазифаи ҳушдордиҳии баҳрӣ ноил шуд.

Агар ба таърих назар афканем, муносибатҳои байналмилалии ин ду давлат на ҳамеша ба андозаи имрӯз муваффақ ва осоишта будааст. Масалан, муносибатҳои давраи ҷанги инқилоби Амрико 1775-1783 ва ҷанги 1812 байни ШМА ва Британияи Кабир, ки Канадаю Ню-Брансуик ва Нова Скотия мустамликаи он буданд, нишон медиҳад, ки ин низоъҳо таъсири амиқе ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҳар ду ҷониб доштаанд[3].

Вақте ки ШМА барои мустақилияти худ мубориза мебурд, Канада на танҳо бо Британияи Кабир дар ҳолати ҷанг буд, балки бо ихтилофоти дохилӣ низ рӯ ба рӯ буд. Баъзе шаҳрвандони Канада бо инқилобгарон ҳамфикр буданд ва баъзеи дигар тарафдори Британия буданд, аз ин рӯ, бо якдигар муқобилият нишон медоданд.

Ин ҷангҳо на танҳо таъсири фаврӣ, балки таъсири тӯлонӣ низ ба рушди сиёсати хориҷии Канада ва ШМА гузоштанд, ки ҳамкориҳои оянда ва муносибатҳои байни ин ду давлатро бетаъсир нагузоштанд. Баъд аз ҷанги 1812 ҳарду тараф дарк карданд, ки ҳамкорӣ ва муносибатҳои осоишта барои рушди онҳо муфидтар хоҳад буд. Шартномаи Гент, ки соли 1814 [6] имзо шуд, ҷанги соли 1812 [19]-ро хотима бахшид ва оғози як марҳалаи нави муносибатҳои ҳамсоягӣ гардид.

Вақте ки ШМА ва Канада пас аз ҷангҳои гуногун ба марҳилаи нави ҳамкориҳо ворид шуданд, онҳо дарк карданд, ки ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ барои рушд ва амнияти ду кишвар зарурӣ мебошанд.

Бо гузашти вақт, ин танишҳо бо созишномаҳо ва ҳамкориҳои нави дипломатӣ ба самти мусбати ҳамкории ду кишвар роҳнамоӣ карданд, ки имрӯз яке аз мустаҳкамтарин муносибатҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон мебошад.

Дар тӯли асри 19 ҳарду кишвар ба васеъ кардани ҳудудҳои худ ва рушди иқтисодиёти худ бештар таваҷҷуҳ намуданд. Ҳарчанд ҳамкориҳои расмии сиёсӣ дар ин давра маҳдуд буданд, тиҷорат ва муҳоҷират байни ду кишвар ба таври мунтазам афзоиш ёфтанд, ки асоси пайвандҳои наздиктарро гузоштанд. “Шартномаи мутақобилаи соли 1854” [17] бошад, як қадами муҳим ба пеш буд, зеро он ба тиҷорати озоди манбаъҳои табии Амрикои Шимолии Британия (баъдтар Канада) ва Штатҳои Муттаҳида равона шуда буд. Шартномаи мазкур 5-уми июни соли 1854 имзо шуд ва дар моҳи феврали 1855 тасдиқ ва дар моҳи марти 1866 қатъ гардид.

Хулоса, муносибатҳои байни ШМА ва Канада таърихи дурудароз ва гуногунранг дошта, дар асари дарк ва фаҳмиши амиқи манфиатҳои тарафайн ва бо назардошти манфиатҳои миллии ҳарду тараф бо мурури солҳо ба як намунаи хуби ҳамкорӣ ва ҳамзистии осоишта мубаддал гашта, махсусан таи солҳои ахир дар доираи фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ рангу тоби тоза ва муҳтавои бештарро ба худ касб намудааст.

**АДАБИЁТ:**


1. Бжезинский, Збигнев Стратегический взгляд: Америка и глобальный кризис / Збигнев Бжезинский; пер. с англ. М. Десятовой. — Москва: АСТ, 2013. Стр. 157
2. Гудев, П. США в Арктике: выбор между национальными, региональными и глобальными подходами / П. Гудев // Конкуренция и конфликтность в мировой экономике и политике, Москва, 05–06 декабря 2012 года / Ответственные редакторы: Ю.Д. Квашнин, Н.В. Тоганова, С.В. Уткин. – Москва: Институт мировой экономики и международных отношений РАН, 2013. – С. 101-108. – EDN THDLGD.
3. A brief history of Canadian-American relations [Манбаи электронӣ]. URL: http://theweek.com/ articles/784421/brief-history-Canadian American-relations (санаи муроҷиат 15.03.2024).
4. Boundary Waters Treaty [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.ijc.org/en/who/mission/bwt (санаи муроҷиат 23.06.2024).
5. Canada - United States Free Trade Agreement [Манбаи электронӣ]. URL: / https://www.worldtradelaw.net/document.php?id=nafta /Cusfta.pdf&mode=down load (санаи муроҷиат 10.11.2024).
6. Canada & United States Relationship [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.canadianclubof chicago.org/canada-united-states-relationship/ (санаи муроҷиат 01.09.2024).
7. Canada, U.S. must stand together before ‘increasingly assertive’ China, Trudeau says [Манбаи электронӣ]. URL:/https://www.politico.com/news/

2023/03/24/canada-u-s-must-stand-together-before-increasingly-assertive-china-trudeau-says-00088808/; Joint Statement by President Biden and Prime Minister Trudeau/https://www.whitehouse.gov/briefing-room/statements-releases/ 2023/03/24/joint-statement-by-president-biden-and-prime-minister-trudeau /(санаи мурочиат 23.05.2024).

8. Canada-United States relations [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.international.gc.ca/country-pays/us-eu/relations.aspx?lang=eng (санаи мурочиат 01.02.2024).

9. Fact Sheet: Strengthening the United States-Canada Partnership/[Манбаи электронӣ]. URL: http: [Манбаи электронӣ]. URL: http: https://www.whitehouse.gov/briefing-room/statements-releases/2023/03/24/fact-sheet-strengthening-the-united-states-canada-partnership/(санаи мурочиат 23.05.2024).

10. Friedman, Kathryn Bryk, and Lori L. Leffler. “Strategic Competition in the North: A Role for US-Canadian Security Cooperation.” International Competition in the High North: 2022 Conference Volume, edited by Michael E. Lynch and Howard G. Coombs, Strategic Studies Institute, US Army War College, 2024, pp. 77–94. [Манбаи электронӣ]. URL: JSTOR, http://www.jstor.org/stable/resrep
58007.1 1(санаи мурочиат 01.07.2024).

11. Greaves, Wilfrid. “When Great Power Fails: Russia, Ukraine, and the New Arctic Geopolitics.” International Competition in the High North: 2022 Conference Volume, edited by Michael E. Lynch and Howard G. Coombs, Strategic Studies Institute, US Army War College, 2024, pp. 95–110. JSTOR, [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.jstor.org/stable/resrep58007.12. (санаи мурочиат 01.07.2024).

12. North American Free Trade Agreement [Манбаи электронӣ]. URL / https://cil.nus.edu.sg/wp-content/uploads /2015/10/Day4-11-NAFTA.pdf (санаи мурочиат 23.06.2024).

13. Protocol of amendment to the agreement between the United States of America, the United Mexican States, and Canada [Манбаи электронӣ]. URL: / https://americanpolicy.org/wp-content/uploads/ 2020/01/Protocol-of-Amendmen ts-to-the-United-States-Mexico-Canada-Agreement.pdf

14. The Canada-US Auto Pact of 1965: An Experiment in Selective Trade Liberalization [Манбаи электро-нӣ]. URL: https://www.nber.org/system /files/working_papers/w1953/w1953.pdf (санаи мурочиат 23.06.2024).

15. The Canada-U.S. Defense Relationship [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.canada.ca/en/news/archive/2014/04/canada-defence-relationship.html (санаи мурочиат 01.02.2024).

16. The Orgainzation and Operation of the North American Air Defence Command (North American Aerospace Def-ense Command (NoRAD) [Манбаи электронӣ]. URL: ttps://www.norad.mil/Por tals/29/Documents/History/ NORAD %20Agreements/1958%20NORAD%20Agreement.pdf?ver=jcNPtkscdKoYohjC5Mo8wA%3d%3d (санаи мурочиат 11.05.2024).

17. The Reciprocity Treaty of 1854, British North America/United Kingdom & United States, 5 June 1854 (Ratified February 1855, Terminated March 1866) [Манбаи электронӣ]. URL: https://primarydocu ments.ca/the-reciprocity-treaty-of-1854-canada-united-states-5-june-1854-ratified-february-1855-terminated-march-1866/ (санаи муроҷиат 06.04.2024).

18. U.S. Relations with Canada bilateral relations fact sheet [Манбаи электронӣ]. URL: http: //https://www.state.gov/u-s-relations-with-canada/ (санаи муроҷиат 23.05.2024).

19. War of 1812 United Kingdom-United States history [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.britan nica.com/event/War-of-1812 (санаи муроҷиат 01.09.2024).

20. What International Organizations is Canada Member of [Манбаи электронӣ]. URL: https://canadafaq. ca/what+organizations+is+canada+mem ber/#google_ vignette (санаи муроҷиат 13.07.2024).

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ США И КАНАДЫ В РАМКАХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

Автор в статье рассматривает политические аспекты международных отношений между Соединёнными Штатами Америки и Канадой в рамках международных организаций. Отмечается, что отношения между этими двумя странами считаются одними из самых близких и устойчивых международных сотрудничеств. В статье анализируются историческое влияние, общие ценности и сотрудничество в различных сферах, включая национальную безопасность, торговлю, охрану окружающей среды и борьбу с изменением климата. Также уделено особое внимание ключевым международным соглашениям, таким как НАФТА, Соглашение США-Канада-Мексика и постоянное сотрудничество в рамках NORAD.

**Калидвожа:** ШМА, Канада, международные отношения, региональные организации, сотрудничество, Соглашение НАФТА, Соглашение США-Канада-Мексика, Арктика.

## POLITICAL ASPECTS OF THE USA AND CANADIAN RELATIONS WITHIN THE FRAMEWORK OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

The author examines the political aspects of international relations between the United States of America and Canada within the framework of international organizations. It is noted that the relations between these two countries are considered to be among the closest and most stable international cooperations. The article analyzes historical influence, common values and cooperation in various areas, including national security, trade, environmental protection and the fight against climate change. Special attention is also paid to key international agreements such as NAFTA, the US-Canada-Mexico Agreement and the ongoing cooperation within NORAD.

**Keywords:** USA, Canada, international relations, regional organizations, cooperation, NAFTA Agreement, United States-Mexico-Canada Agreement, Arctic.

**Маълумот оид ба муаллиф: Дороншоева Н.Ш.** - мудири шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, номзади илмҳои сиёсӣ

**Сведения об авторе: Дороншоева Некбахт Шокосумовна -** заведующая отделом США и Канады Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, кандидат политических наук

**About the author: Doronshoeva Nekbakht Shoqosumovna -** Head of the USA and Canada Department, Institute of Asian and European States of NAST, Candidate of Political Sciences

## ОМӮЗИШИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ТАДҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ МУОСИРИ ФРАНСИЯ (охири асри XX - ибтидои асри XXI)

**АШУРОВ АРДАМЕҲР**

н.и.т., ходими пешбари илмии шуъбаи Аврупо ва Америкаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Мақола ба омӯзиши Осиёи Марказӣ дар тадқиқоти муҳаққиқони муосири Франсия (охири асри XX - ибтидои асри XXI) бахшида шудааст. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи дорои таъриху фарҳанги ғанӣ тули садсолаҳо таваҷҷуҳи олами Ғарб, аз ҷумла олимони франсавиро ҷалб намудааст. Аз ин рӯ, дар мақола заминаҳои таърихии омӯзиши Осиёи Марказӣ дар Франсия ва ҳамчунин баррасии масоили таърихиву геосиёсии ин минтақа дар таҳқиқоти муҳаққиқони муосири Франсия нишон дода шудааст. Ба назари муаллиф, мувофиқи таҳлили маъхазҳои илмие, ки дар Франсия то имрӯз оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ интишор ёфтаанд, таҳқиқот вобаста ба ин минтақа тамоюли инкишоф дорад ва дар самтҳои таърих, фарҳанг ва ҷуғрофия бештар ба назар мерасад.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Франсия, сиёсати хориҷӣ, таърих, фарҳанг, ҷуғрофия, геополитика.*

Омӯзиши таъриху фарҳанги минтақаи Осиёи Марказӣ дар Франсия ва доираҳои илмии ин кишвар таърихи куҳан дорад. Тӯли садсолаҳо муҳаққиқони франсӯз ба таҳқиқу пажуҳиши минтақа таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд.

Дар қарни XVI дар Франсия мактаби аврупоие вуҷуд дошт, ки фаъолияти асосии он ба омӯзиши шарқшиносӣ равона шуда буд. Дар ин мактаб вобаста ба таҳқиқи олами Шарқ олимони фаронсавӣ ашъор ва осори олимони тоҷик, аз қабили Ибни Сино, Хоразмӣ, Берунӣ, Улуғбек ва узбек - Навоӣ ва дигаронро ба забонҳои лотинӣ ва франсавӣ тарҷума мекардаанд. [4, с. 89-90]. Имрӯз дар шаҳри

Париж Институти забонҳо ва фарҳангҳои Шарқ фаъолият менамояд, ки дар заминаи ҳамон Мактаби шарқшиносии қарни XVI ташаккул ёфтааст. Яъне, ин мактаб то имрӯз идомаву такомул ёфта, дар доираҳои илмии Франсия ҳамчун ниҳоди марказӣ дар омӯзиши забону тамаддуни Шарқ, аз ҷумла забону адабиёт ва таъриху фарҳангӣ тоҷик ба шумор меравад.

Тӯли асрҳо Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони Ғарбро на танҳо аз лиҳози ғановати таърихиву фарҳангӣ, балкӣ аз ҷиҳати ҷуғрофиву инфрасохтори махсус ва табиати дилрабо низ ҷалб намудааст. Чуноне дар асри XVIII сайёҳон, муҳаққиқон ва бархе аз ҳунармандони фаронсавӣ дар чандин шаҳрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ маскан гирифта, зиндагӣ ва фарҳанги ин минтақаро омӯхтаанд. Масалан, дар тасвири Тошканд то ин ҷониб ҳунари бинокории рассомони фаронсавӣ Алексис Бенуа (меъмор) ва Албер Бенуа (рассом) маҳфуз мондаанд. Ҳамчунин, дар ин шаҳр рӯзноманигор ва тарҷумон Мишел Сале ва ромишгари машҳури фаронсавӣ Станислав Соварӣ зиндагӣ ва эҷод кардаанд [37].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX барои тартиб додани харитаи бостоншиносии Осиёи Марказӣ ҷуғрофидони фаронсавӣ Ҷозеф Антуан Кастане саҳм гузоштааст. Ин олими ҷуғрофидон дар минтақа забони фаронсавиро ҳам таълим медодааст. Аз ин рӯ, чунин рафтуомадҳо ва таваҷҷуҳу омӯзиш робитаҳои илмиву адабии минбаъдаи мардуми фаронсавию Осиёи Марказиро тақвият бахшидааст [36].

Бояд таъкид кард, ки имрӯз тадқиқоти илмӣ оид ба соҳаҳои гуногуни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Франсия вуҷуд доранд, ки фарогири асрҳои миёна ва қисмате аз замони соҳибистиқлолии ин кишварҳо ҳастанд.

Матлаби мо дарёфти он маъхаз ва пажӯҳишҳое буд, ки дар ин кишвар нисбат ба Осиёи Марказӣ пас аз фурупошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд. Яъне, доираи ин таҳқиқот фарогири замони истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла омӯзиши самти таъриху фарҳанг ва забони тоҷикӣ аз назари муҳаққиқони муосири Франсия мебошад.

Соли 1993 Франсия истиқлоли давлатии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро ба расмият пазируфта, дар минтақа Институти таҳқиқотии худро таъсис дод, ки то кунун фаъолият дорад. Аз ин рӯ, метавон ишора кард, ки дар солҳои 1990-2000 ин ниҳоди фаронсавӣ ҳамчун мактаби илмӣ -таҳқиқотии Франсия ба омӯзиши Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳи илми байналмилалиро ҷалб кард [29].

Дар солҳои истиқлолият нақши IFEAC дар рушди равобити илмии Франсия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ асосӣ арзёбӣ мегардад. Зеро он аввалин пажӯҳишгоҳи Франсия дар Осиёи Марказӣ аст. Аз ин рӯ, фаъолияти ин ниҳодро дар минтақа мебояд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод [36].

Мусаллам аст, ки ифтитоҳи IFEAC дар Осиёи Марказӣ дар марҳилаи нави геополитикӣ ба вуҷуд омад. Яъне дар замони соҳибистиқлол гардидани

кишварҳои Осиёи Марказӣ. Таъсиси ин ниҳод барои Франсия чӣ аҳамият дошт? Метавон қайд кард, ки роҳандозии чунин институт асосан ба се омил рабт дорад:

- якум, бо мақсади омӯзиши таърих ва забону фарҳанги минтақа ва дар ин замина ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмӣ бо ниҳодҳои минтақавӣ;

- дуюм, ҷалби муҳаққиқони соҳаҳои таъриху ҷамъиятшиносӣ барои таҳсил ва ба роҳ мондани таҳқиқот дар Франсия;

- сеюм, институти мазкур ҳамчун ниҳоди пешбарандаи "неруи нарм"-и Франсия дар минтақа мебошад, яъне, тавассути роҳандозии барномаҳои кутоҳмуддати илмиву таълимӣ нуфузи Франсия ва омӯзиши забони франсавӣ дар минтақа таҳким меёбад.

Ба ин васила, IFEAC ба насли нави муҳаққиқон имкон дод, ки дар Франсия таҳсил намоянд ва фаъолияти илмии худро мукаммал гардонанд. Аз ҷумла, дар доираи барномаи АТЛАС, ки барои минтақаи Осиёи Марказӣ пешбинӣ гардида, ҳадафаш пеш аз ҳама фароҳам овардани имконоти идома бахшидани корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар Франсия мебошад.

Аз таҳлили маъхазҳои илмие, ки дар Франсия то имрӯз оид ба Осиёи Марказӣ интишор ёфтаанд, маълум мегардад, ки таҳқиқот оид ба ин минтақа тамоюли инкишоф додани равишҳои гуногунсоҳаро дар самти таърих, забон, фарҳанг, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, ҷуғрофия доранд.

Дар атрофи якчанд муассисаҳои калидии Франсия, ки самти Осиёи Марказиро меомӯзанд, аз қабили Маркази миллии тадқиқоти илмӣ (CNRS), Коллеҷи де Франс, EPHE, EHESS, INALCO, донишгоҳҳои Париж I, Париж III, Париж VII ва Париж X, намояндагиҳои археологӣ дар Осиёи Марказӣ сохта шудаанд [36].

Агар дар солҳои 90-ум муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ вобаста ба омӯзиши Осиёи Марказӣ, аз қабили INALCO ва EHESS марказҳои асосии тайёр кардани мутахассисон-муҳаққиқон дар минтақа бошанд, пас дар солҳои 2000-ум тамоюли зиёд шудани шумораи донишгоҳу донишкадаҳои тайёркунандаи мутахассисон дар минтақа низ вуҷуд дорад.

Дар маҷмуъ, айни замон оид ба омӯзиши Осиёи Марказӣ дар Франсия аз ҷиҳати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ талабот зиёд буда, насли навраси муҳаққиқон ба омӯзиши амиқи минтақа таваҷҷуҳ ва ҳавасманд ҳастанд.

Боиси зикр аст, ки муҳтавои пажуҳишҳои мо нишон додани ҷойгоҳи Осиёи Марказӣ дар пажуҳишҳои муосири муҳаққиқони Фаронса дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI мебошад. *Аз ин рӯ, суоле ба миён меояд, ки муҳаққиқони фаронсавӣ дар осори худ Осиёи Марказиро чӣ гуна тасвир намудаанд? Ба кадом масъалаҳо бештар мароқ зоҳир кардаанд?*

Муҳаққиқи фаронсавӣ Ален Карио қайд менамояд, ки Осиёи Марказӣ ба маънои маҳдуд, яъне панҷ ҷумҳурии собиқи Шӯравиро ташкил менамояд: Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, ки ин кишварҳо аз моҳи сентябр то декабри соли 1991 соҳибистиқлол гардиданд. Аммо

дар мафҳуми васеи ҷуғрофӣ Осиёи Марказӣ як қаламрави бузургро аз кӯҳҳои Тён-Шон, Помир ва Элбурз, дар шарқ ва ҷануб, ба сӯйи баҳри Каспий, дар ғарб ва даштҳои Росси ба шимол фаро мегирад [2].

Муҳаққиқони фаронсавӣ аз тавсиф ва тавзеҳи минтақаи Осиёи Марказӣ бар ин назаранд, ки ибораи «Осиёи Марказӣ» ба яке аз минтақаҳои бузурги қитъаи Осиё мутааллиқ буда, минтақаи бархӯрди фарҳангҳо ва забонҳои мухталиф аст, ки нисбат ба ҳамдигар тафовут доранд.

Аз ҷониби дигар, мувофиқи ақидаи Ален Кариу, дарки Осиёи Марказӣ ниҳоят таърихи дурудароз дорад. Пас аз чанд даҳсола ки минтақа дар паси марзҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Чин буд, имрӯз ҳамчун минтақаи озоду соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ ворид гардид. [2]. Аз ин рӯ, матлаби муҳаққиқ он аст, ки Осиёи Марказиро мебояд ҳамчун минтақаи озод дар сатҳи ҷаҳонӣ қадам монда, устуворона мавқеи худро муайян намояд. Ҷойи дигар ин олими фаронсавӣ изҳор медорад, ки "Осиёи Марказӣ бо назардошти иқтидори энергентикии хуб ва фарогии сарватҳои зеризаминӣ таваҷҷӯҳи байналмилалиро ҷалб менамояд. Аз ин рӯ, мавҷудияти чунин захираҳои муҳим минтақаро ҳамчун як қутби нави глобалии энергетикӣ нишон медиҳанд".

Албатта, давраи истиқлоли давлатӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ марҳалаи нави таърихӣ маҳсуб меёбад. Зеро ин кишварҳо дар арсаи байналмилалӣ мустақилона фаъолият доранд. Албатта, нуфузи геополитикии Россия ва Чин дар минтақа ба назар мерасад, аммо бо назардошти зарфиятҳои стратегӣ ва минтақавии худ ин кишварҳо метавонанд бо озодии комил дар минтақа амал намоянд. Россия, Чин, Амрико, кишварҳои аврупоӣ ва дигар кишварҳои абарқудрати минтақа ва ҷаҳон танҳо дар заминаи таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва бидуни таъсир ба фазои минтақа метавонанд шарики стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ бошанд, на чизи дигар.

Ба ақидаи муҳаққиқи фаронсавӣ Кэтрин Пужол, ки солҳои зиёд дар минтақа таҳқиқу омӯзиш бурдааст, Осиёи Марказӣ дар навбати худ ҳамчун гаҳвораи ҷаҳони куҳан, дар маркази Авруосиё қарор гирифтааст.

Агар дар бораи мавқеи геополитикии Осиёи Марказӣ сухан ронем, профессор Кэтрин Пужол ба он назар аст, ки Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама макони транзити тиҷорати континенталӣ аст. Ҳанӯз дар соли 1498 Васко да Гама гуфта буд, ки Осиёи Марказӣ аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳамчун як минтақаи транзитӣ барои тиҷорат байни Аврупои Шимолӣ ва Шарқӣ, Русия, Туркия, Форс ва ҷаҳони осиёии Чин, Ҳиндустон ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хеле муҳим аст [5, с.39].

Дар робита ба таҳлили фазои истиқлоли давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ, профессор Кэтрин Пужол бар ин назар аст, ки охири асри XX барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ воқеан давраи нави таърихӣ аст. Ин марҳила замони мустақилияти кишварҳои минтақа мебошад, ҳоло вобаста ба андозагирии тағйирот, таснифи тамоюлҳои асосӣ аз падидаҳои давравӣ хеле кутоҳ аст. Норасоие, ки дар доираҳои илмии мо имрӯз ба назар мерасад, нисбатан

нокифоя будани шабакаи хониш барои таҳлил ва омӯзиши кишварҳои нави мустақили Осиёи Марказӣ мебошад, қайд менамояд муаррихи фаронсавӣ [5, с..190].

Дар мавриди аҳамияти ҷуғрофии минтақаи Осиёи Марказӣ сиёсатшиноси фаронсавӣ Аймери де Монтескю чунин ақида дорад, ки Осиёи Марказӣ имрӯз саҳифаи муҳими таърихи худро боз кард. Ин минтақа барои давлатҳои бузург, ки аҳамияти геостратегӣ ва иқтидори бузурги иқтисодии онро дарк кардаанд, ба майдони бархурд табдил ёфтааст. Тули чандиин сол, Франсия дар муқоиса бо кишварҳои дигари аврупоӣ, аз қабили Олмон, Британияи Кабир ё Италия ба минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд. Аммо камбудӣ дар он аст, ки сармоягузорӣ нисбатан кам аст. Аз ин рӯ, Фаронсаро мебояд, ки дар соҳаҳои афзалиятнок барои кишварҳои минтақа сармоягузорӣ намояд, то ки нисбатан дар минтақа нуфузи бештар дошта бошад [45].

Муҳаққиқи дигари фаронсавӣ Вансан Фурнио қайд менамояд, ки масъалаи ҳудуди Осиёи Марказӣ бо таърихи истилоҳоте, ки барои муайян кардани он истифода мешаванд, зич алоқаманд аст. Воқеан, Осиёи Миёна ҳеҷ гоҳ дар ҳудуди як давлат муттаҳид нашуда буд ва онро конвенсияҳое, ки аз рӯйи ҷурофияи физикӣ асос ёфтаанд, якдилона муайян накардаанд, чуноне ки Аврупоро аз Осиё силсилакӯҳҳои Кавказ ва Урал ҷудо кардааст. Аз тарафи дигар, он дар маркази калонтарин қитъа ҷойгир аст. Унсурҳои асосие, ки минтақаро ташкил медиҳанд, зери таъсири гуногуни сиёсӣ ва фарҳангӣ қарор гирифтаанд ва аз ин рӯ, на ҳама таърихи якранг доранд.

Яке аз муҳаққиқони таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ дар Франсия профессор Жан Пол Ру бар он назар аст, ки Осиёи Марказӣ аз ду манбаи сарват иборат аст. Якум, сарвати маънавӣ, ки ба доштани таърихи куҳан ва забону фарҳанги бостонӣ далолат мекунад ва дуюм, сарватҳои моддӣ, аз ҷумла сарватҳои табиӣ ва зеризаминӣ.

Бо ин назардошт, метавон қайд намуд, ки ин ду манбаъ заминагузори муҳиммияти мавқеи геополитикӣ ва геостратегии минтақа маҳсуб меёбанд.

Ин донишманди фаронсавӣ дорои осори густурдаи марбут ба омӯзиши таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ аст, аммо аксари онҳо пажуҳишҳои муаллифро то фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ва солҳои охири асри XX дар бар мегиранд.

Дар масъалаи мавқеи геополитикӣ ва мавҷудияти ҷуғрофии он Ж.П.Ру қайд менамояд, ки «Чунон ки харита имрӯз ба мо нишон медиҳад, Осиёи Марказӣ ба ду минтақаи асосӣ тақсим шудааст, ки дар як қисмати он таъсир ва тавуҷҷуҳи Чин ва дар қисмати дигар нуфуз ва таъсири Россия ба назар мерасад». Аз ақидаи муҳаққиқ, маълум мегардад, ки Осиёи Марказӣ зери таъсири ду кишвари бузург қарор дорад. Ба ибораи дигар, наздикии ҷуғрофии Осиёи Марказӣ бо Россия ва Чин аз аҳамияти ин минтақа барои ин кишварҳо шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқи дигар Лутз Клевеман дар асари худ “Осиёи Марказӣ – Бозии нави бузург” Осиёи Марказиро дар доираи бозии бузург омӯхта, ба хулосае меояд, ки таваҷҷуҳи ҷаҳони Ғарб, бахусус Иттиҳоди Аврупо ба минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз ҳаводиси 11 сентябр боз ҳам бештар гардид. Ҳануз то 11 сентябри соли 2001 ҷумҳуриҳои собиқ шуравии Осиёи Марказӣ аз ҷониби бархе аз мақомоти амрикоӣ ба унвони муттаҳидони идеалӣ дар мубориза бо терроризм дар Афғонистон ва кишварҳои ҳамсоя арзёбӣ мешуданд [25].

Олим ва сиёсатшиноси фаронсавӣ Гийом Ҳенрард дар охири қарни XX масоили геополитикии минтақаро омӯхта, бахусус геополитикаи Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст. [10, с. 7]. Ин муҳаққиқи фаронсавӣ асаре дорад бо унвони “Геополитикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозии Бузург дар Осиёи Марказӣ”. Дар ин пажуҳиши худ, мавқеи геополитикӣ ва муҳимияти Тоҷикистонро дар минтақа нишон додааст. Хусусан, аз ҷиҳати захираҳои обӣ Тоҷикистонро дар минтақа ба сифати кишвари калидӣ баҳо додааст. Аммо наметавон гуфт, ки ин асари мукаммал ва фарогири масоили асосии геополитикии Тоҷикистон аст. Аз тарафи дигар, он таҳқиқи масоилеро фаро гирифтааст, ки ҳамагӣ  солҳои истиқлоли кишварро баррасӣ менамояд.

Сиёсатшиноси фаронсавӣ Оливер Руа дар ибтидои асаре таҳти унвони «Осиёи Марказии муосир» ки соли 2001 ба табъ расид, танҳо даҳаи охири асри XXI-ро дар минтақа омӯхтааст. Масъалаҳои иҷтимоии солҳои аввали истиқлоли давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамзамон ҷанбаҳои ҷуғрофӣ ва геополитикии минтақа баррасӣ гардидаанд [21, с. 8.].

Ба ақидаи Оливер Руа, Осиёи Марказӣ ҳамеша як минтақаи гузаргоҳ миёни Осиёи Хурд ва Чин, миёни фазои Русия ва ҷаҳони Эрон ё Ҳинд будааст. Дар самти Шарқу Ғарб муносибатҳои тиҷоратӣ ва сулҳомез аз «Роҳи абрешим» мегузаштанд, ки аз замони Рум то ибтидои замони Эҳё маҳсулоти чиниро ба Аврупо, аз ҷумла абрешим меовард, ки маҳз дар Осиёи Марказӣ мол мубодила мегардид.

Воқеан, Осиёи Марказӣ дар таърих аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва геополитикӣ ва мавқеи хуби стратегӣ дошт. Минтақа аз қадимулайём пайвандгари Роҳи бузурги Абрешим ва ҳамзамон тамаддуни Шарқу Ғарб буд.

Албатта, Роҳи бузурги Абрешим имрӯз ба кишварҳои Осиёи Марказӣ алоқамандии бештар дорад. Махсусан, барои Тоҷикистон аҳамияти калони тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва маданӣ дорад. Аз ҷиҳати дигар, ин роҳ на танҳо роҳи тиҷоратӣ, балки пули бузурги иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни Шарқу Ғарб мебошад, ки ба мустаҳкам гардидани робитаҳои дустӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи мазкур метавон ба чунин хулоса омад, ки вобаста ба омӯзиши таърих, забон ва фарҳанги минтақаи Осиёи Марказӣ дар Франсия пажуҳишҳои ҷиддию муҳиме вуҷуд доранд, ки дар заминаи онҳо метавон чандин рисолаҳои илмӣ анҷом дод. Тадқиқоти мо ҳанӯз қатрае аз

баҳр аст. Метавон ҳар як самтро ба таври алоҳида омӯхт. Аз ин лиҳоз, дар солҳои минбаъда низ пайгирӣ намудани он ба манфиат хоҳад буд.

Дар робита ба таҳқиқот оид ба минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираҳои илмии Франсия асосан таълифот дар солҳои аввали истиқлоли давлатии ин кишварҳо, дақиқтараш пас аз фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин марҳила асосан охири асри XX-ро фаро мегирад, ки пайванд ба оғози марҳилаи нави геополитикӣ ва геостратегӣ дар Осиёи Марказӣ дорад. Яке аз мушкилоти муҳаққиқони муосири фаронсавӣ, ки дар соҳаи омӯзиши минтақаи Осиёи Марказӣ фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ анҷом медиҳанд, надонистани забонҳои минтақа мебошад. Аксари таҳлилу баррасиҳо ва асарҳои илмии онҳо ба забони русӣ ва нашрияҳои русӣ асос ёфтааст. Дар сурате, ки барои муҳаққиқ донистани забони асл муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро тавассути забондонӣ муҳаққиқ метавонад аз сарчашмаҳои муътамади илмӣ фаровон ва дуруст истифода барад ва бо муҳаққиқони соҳавӣ суҳбат намояд.

Осиёи Марказӣ аз назари муҳаққиқони муосири Франсия ҳамчун сарзамини бузурги башар маънидод мегардад, ки дорои таъриху тамаддуни куҳан мебошад. Дар минтақа ба омӯзиши забон ва арзишҳои таърихиву фарҳангии мардуми тоҷик таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Зеро муҳаққиқоне, ки дар самти таърихи тоҷикон таҳқиқот бурдаанд, тоҷиконро ҳамчун халқи дорои забону таърихи қадима мешиносанд. Бинобар ин, имрӯз низ таваҷҷуҳ нисбат ба омӯзиши Тоҷикистон ва таъриху фарҳанги он дар доираи ниҳодҳои илмии Франсия ба мушоҳида мерасад.

## АДАБИЁТ:

1.Китобу монографияҳо


**1.** Alain Cariou. L’Asie centrale: Territoires, sociéts et environnement. «Armand Colin». Paris – 2015, 334 p.

**2.** Alexandre Papas., Marc Toutant. Asie centrale de Tamerlan. «Les Belles Lettres». Paris – 2022. 345 p.

**3.** Blanc, E. Notes de voyage en Asie Centrale / E. Blanc. -Revue de Deux Monde. 1895. –260 p. -P.89-90.]

**4.** Catherine Poujol. L’Asie centrale au carrefour des mondes. «Ellipses» Paris - 2013. 280 p.

**5.** Catherine Poujol. Ouzbékistan: la croisee des chemins. “Belin”. Paris-2006. 190 p.

**6.** Etienne de la Vaissière. Histoire des Marchands Sogdiens. «Diffusion». Paris - 2002. 415 p.

**7.** Isabelle Ohayon. *La sédentarisation des Kazakhs dans l’URSS de Staline (1928-1945)*, Paris, 2006, Maisonneuve et Larose, 416 pages, préface de Nicolas Werth.

**8.** Isabelle Ohayon «Parcours de l’ethnologie au Kazakhstan, anciennes contraintes, nouveaux travers », *Le journal des anthropologues,* n°87-88, Paris, 2001, pp. 39-64.

**9.** Guillaume Henrard. Géopolitique du Tadjikistan: Le nouveau Grand jeu en Asie centrale. «Ellipses». Paris – 2000, 120 p.

**10.** Guillemette Pincent. Asie centrale. La réhbilitation des quartiers précoloniaux. «l'Harmattan» . Paris - 2009, 278 p.

**11.** Jeau-Paul Roux. L'Asie centrale: Histroire et civilisations. «Fayard». Paris – 1997, 530 p.

**12.** Laruelle Marlène, Peyrouse Sébastien, L'Asie centrale à l'aune de la mondialisation. -Paris: Armand Colin, 2010. -240 p.

**13.** Kamoluddin Abdulloev. Shahram Akbarzadeh. Historical Dictionary of Tajikistan. USA, 2010. 450 p/.

**14.** Louis R. Mortimer. Kazakstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, and Uzbekistan. Country studies. Washington, 1997. 570 p.

**15.** Marlène Laruelle, Sébastien Peyrouse. L'Asie centrale, la dérive autoritaire. Cinq républiques entre héritage sovietique, dictature et islam. «Autrement». Paris - 2006, 135 p.

**16.** Michel Korinman. Chaosland: du Moyen-Orient a l'Asie (du centre)? «l'esprit du temps». Paris - 2017. 385 p.

**17.** Mohammad-Reza Djalili et Thierry Kellner. Géopolitique de la nouvelle Asie centrale. De la fin de l'URSS a l'après – 11 septembre. «Universitaires de France». Paris – 2003, 587 p.

**18.** Rémy Dor. L'Asie Centrale et ses voisins. Paris - 1990, 240 p.

**19.** Sous la direction de Anne Ducloux, Svetlana Gorshenina et Anna Jarry-Omarova. Anthropologie des réseaux en Asie centrale. «CNRS», Paris-2012, 310 p.

**20.** Marlène Laruelle. Dinamiques migratoires et changements sociétaux en Asie centrale. «Pétra», Paris-2010, 320 p.

**21.** Olivier Roy. L'Asie centrale contemporaine. *Paru le : 14/04/2010* .Éditeur(s) : PUF. P.8

**22.** Vincent Fourniau. Samarcande 1400-1500. La cité-oasis de Temerlan: coeur d'un Empire et d'une Renaissance. «Autrement», Paris-1995, 230 p.

**23.** Voloshin, G. Le nouveau grand jeu en Asie centrale: enjeux et stratégies géopolitiques / G. Voloshin. – Editions L'Harmattan, 2012. - 257 p.

**24.** Catherine Poujol. Dictionnaire de l'Asie centrale. «Ellipses», Paris-2001, 352 p.

**25.** Lutz Kleveman. Asie centrale, le nouveau Grand Jeu. «L'Harmattan ». 2013 112 p.].

**26.** Galina Kabakova. (traduction par Rémy Dor. Aux origins du monde. Contes et légendes de Centre-Asie. "Flies France"-Paris, 2000, 205 p.

2. Articles

**27.** Direnberger, Lucia. Les droits des femmes au Tadjikistan : quand tout le monde s'en mêle…Un article de la revue Recherches féministes . 1 Volume 24, numéro 2, 2011, p. 59–75.

**28.** Gorshenina S. Les études centrasiatiques. Carnet RESAP-Livre blanc des recherches sur l'Asie et le Pacifique. 17 juillet, 2012.].

**29.** Histoire de Asie Centrale. 1740-1818. Par Mir Abdoul Kerim Boukhari, traduction par Ch. Schefer. 2 vols. -Paris: Leroux, 1876. - 87 p.

**30.** Henri-Paul Francfort. Mission archéologique française en Asie centrale (MAFAC). [article]. Bulletin de l'École française d'Extrême-Orient Année 1993 80 pp. 281-285.

**31.** IFEAC – Institut français d'études sur l'Asie centrale / URL: https://ifeac.hypotheses.org.

**32.** Julien Thorez. Montagnes et espaces nationaux post-soviétiques en Asie Centrale (Kirghizstan, Tadjikistan, Ouzbékistan).[article]. Collection EDYTEM. Cahiers de géographie. Année 2004 2 pp. 143-150.

**33.** Olcott Martha Brill. Central Asia's New States: Independence, Foreign policy, and Regional security. -Washington D.C., United States Institute of Peace Press, 1996. - 333 p.

**34.** Mostowlansky, T. L'invention de l'Asie centrale. Histoire du concept de la Tartarie à l'Eurasie / T. Mostowlansky, S. Gorshenina // Asiatische Studien-Études Asiatiques. –2015. –T.69. –№4. –C.107-108.

**35.** Les études sur l'Asie centrale en France. Novembre 2021. Cahier du GIS №2.

**36.** Ouzbékistan-France : sur la voie culturelle et éducative. [Ressource électronique] / URL : https...uza.uz/ vruuzbekistan-frantsiya-po-puti-kulturno-prosvetitelskogo-sotru

**37.** Olivier Roy. Géopolitique de l'Asie Centrale. [article] Cahiers du Monde Russe. Année 1991 32-1 pp. 143-152.

**38.** Pujol, K. Commerce et économie en Asie centrale (seconde moitié du XIXe siècle au début du XXe siècle) / K. Pujol // ZURE. -Espagne. -2005. –T.6. –P.51-79.

**39.** Voyages en Asie Centrale. Voyages en Asie Centrale : Ouzbékistan, Kirghizie et combinés - Samsara (samsara-voyages.com)

**40.** Voyage littéraire en Asie centrale".Exposition "Voyage littéraire en Asie centrale" | Inalcohttp://www.inalco.fr.

**41.** Sophie Kloetzli. Comment les littératures asiatiques sont-elles représentées en France ? https://www.koimagazine.fr/b.

**42.** Voyage en Asie Centrale. 29/12/201/. Thèmes et genres: Asie centrale , Ouzbékistan , Kirghizistan , Kazakhstan , Turkménistan

**43.** Routes de la soie : à travers l'Asie centrale. Routes de la soie : à travers l'Asie centrale (lepoint.fr)

**44.** Vincent Fourniau. Qu'est-ce que l'Asie centrale ? Dans Outre-Terre 2006/3 (n° 16), pages 15 à 29.

**45.** Vers un nouveau partenariat entre la France et l'Asie centrale (Kazakhstan, Kirghizstan, Ouzbékistan, Tadjikistan, Turkménistan. AYMERI DE MONTESQUIOU. ISSN 0981-3764 DF : 5 8210-7 www.ladocumentationfrancaise.fr Paris, 2005. 139 p. R_Montesquiou.vp (vie-publique.fr).].

## ИЗУЧЕНИЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В СОВРЕМЕННЫХ ФРАНЦУЗСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ (конец XX – начало XXI века)

Статья посвящена изучению Центральной Азии современными французскими исследователеями (конец XX – начало XXI века). Центральная Азия, как регион с богатой историей и культурой, на протяжении веков привлекала внимание западного мира, в том числе французских ученных. Поэтому в статье показаны исторические предпосылки изучения Центральной Азии во Франции, а также отрожение вопросы исторического и геополитического региона в современных французских исследованиях. Автор отмечает, что по анализу опубликованных до настоящего времени во Франции, научных источников по изучению Центральной Азии видно, что исследования имеют тенденцию к развитию в зависимости от региона, и исследования ведутся преимущественно в историческом направлении, культуры и географии.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, Таджикистан, Франция, внешняя политика, история, культура, география, геополитика.

## STUDYING CENTRAL ASIA IN MODERN FRENCH STUDIES (late XXth – early XXIst century)

The article is devoted to the study of Central Asia by modern French researchers (late 20th – early 21st centuries). Central Asia, as a region with a rich history and culture, has attracted the attention of the Western world, including French scientists, for centuries. Therefore, the article shows the historical background for the study of Central Asia in France, as well as the reflection of the issues of the historical and geopolitical region in modern French studies. The author notes that from the analysis of scientific sources on the study of Central Asia published in France to date, it is clear that research tends to develop depending on the region, and research is conducted mainly in the historical direction, culture and geography.

**Keywords:** Central Asia, Tajikistan, France, foreign policy, history, culture, geography, geopolitics.

**Маълумот дар барои муаллиф: Ашуров Ардамеҳр Муродқулович** - н.и.т. ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992)917340294.Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.

**Сведения об авторе: Ашуров Ардамехр Муродкулович -** к.и.н., ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru тел: +(992) 917340294.Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33.

**About the author: Ashurov Ardamehr Murodkulovich** – Candidate of Historical Science, Leading Researcher of the Institute for the Study of Asian and European

Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. *E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru tel: +(992) 917340294. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33.*

# АҲАМИЯТИ ҲАМКОРИҲО ВА ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ КИТОБДОРӢ: ВАЗЪИЯТ ВА ДУРНАМО

**АБДУМУМИНЗОДА СИТОРА**
номзади илмҳои педагогӣ. Ҳамоҳангсози кор бо магистрон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни ИФСҲ - и АМИТ

*Ҳалли масъалаҳои илмӣ вобаста ба китобу иттилоот, инкишофи амалия ва равандҳо дар соҳаи фаъолияти иттилоотию китобдорӣ, аҳамияти ҳамкориҳои башардӯстонаи байналмиллалӣ ва талаботи ҷаҳони муосир нисбат ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти нобурда, вазъият ва дурнамои рушди ҳамкориҳо дар ин соҳа барои фаъолияти самаранок ҳадафи навиштани мақолаи мазкур мебошад. Муаллиф пешрафти соҳаи китобдориро дар замони муосир бидуни муносибатҳои байналмилалии соҳавӣ ғайриимкон меҳисобад. Ба андешаи муаллиф, ҷомеа имрӯз ба дастрасии иттилооти боэътимод аз тамоми гушаю канори дунё беш аз ҳар вақти дигар ниёз дошта, тақвияти робитаҳои байналмилалӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта ягона роҳи ҷавобгӯй намудани фаъолияти китобхонаҳо ба талаботи муосир аст.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳамкориҳои байналмилалӣ, фаъолияти китобдорӣ, созишнома, китобхона, созмонҳо, тамоюлҳои рушд.*

Мутобиқи талаботи рушди иҷтимоӣ, қонунҳои инкишофи китобдориро омӯхтан ба манфиат мебошад. Китобхонаҳо ҳамчун марказҳои бузургӣ илмӣ, фарҳангӣ, пажуҳишии дорои манбаъҳои эътимоднок дар ҷаҳон аҳамияти бузург доранд. Умдатарин пажуҳишҳо дар асоси сарчашмаҳои дар хазинаи китобхонаҳо маҳфузбуда анҷом дода мешаванд.

Шабакаи глобалии интернет гарчанде имконияти пайдо намудани иттилооти зарурииро дар дилхоҳ вақту макон фароҳам овардааст, вале дар ин ҷо низ эътимоду боварӣ ва дастрасии васеъи сарчашмаҳои илмӣ ба сомонаҳои китобхонаҳо нигаронида шудааст. Ҷаҳони муосир бо суръати баланди рушди илму техника аз ҳар вақти дигар бештар рушди фаъолияти китобдорӣ ва ҳамқадами замон будани онҳоро талаб менамояд. Ҳамкориҳои судманд миёни китобхонаҳо яке аз роҳҳои асосии ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ гардидани хизматрасонӣ ба хонандагон дар китобхонаҳо аст. Ҳамкориҳои байналмилалӣ ба китобхонаҳо имконият медиҳанд, ки додугирифти адабиётро байни ҳам бо дилхоҳ давлати дунё ба роҳ монда, ниёзи хонандагонро бароварда созанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти китобдорӣ эътиборимахсус зоҳир карда мешавад. Қонуни ҶТ "Дар бораи

фаъолияти китобдорӣ” [9], аз 1 – уми августи соли 2003, №32 дар боби алоҳида ҳамкориҳои байналмилмилии китобхонаҳоро дар доираи қонун ба танзим даровардааст. Яъне таваҷҷуҳ ба ин самт зоҳир гардида, дар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст. Дар боби 9, моддаи 24 “Ҳуқуқ барои ҳамкориҳои байналмилалӣ” - и қонуни мазкур оварда шудааст, ки “Китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалии соҳаи фаъолияти китобдорӣ, библиографӣ, иттилоотонӣ ширкат варзида, оид ба масъалаҳои марбут ба китобхонаҳо дар ҷаласа ва конференсияҳои байналмилалӣ иштирок менамоянд. Китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд ба таркиби созмонҳои фарҳангии байналмилалӣ шомил гардида, дар татбиқи барномаҳои байналмилалии китобдорӣ ва дигар барномаҳо ширкат намоянд”.

Аз амзмун ва мухтавои қонуни мазкур бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалии судмандро оид ба фаъолияти китобхонаҳо дар мадди назари худ пайваста қарор медиҳад.

Ҳамкориҳои башардӯстона дар равандҳои ҳамгирой дар ИДМ авлавият доранд, ки нақши муҳими китобхонаҳои минтақавӣ ва марзии ИДМ-ро, ки ба ғанисозии маънавӣ, табодули таълимӣ, фарҳангӣ ва илмӣ таваҷҷуҳи зиёд медиҳанд, муайян мекунанд. Он ба қонеъ гардонидани талаботи маънавию ахлоқӣ, фарҳангӣ ва маърифатии ҷомеа нигаронида шуда, ба принсипи давомдории таърихии арзишҳои фарҳангӣ ва мероси давраи гузашта асос ёфтааст.

Марказҳои тадқиқоти - илмӣ оид ба мушкилоти кунунии байнинминтақавӣ ва фаромарзии кор ва умуман ҳамкориҳои башардӯстонаи китобхонаҳои миллии кишварҳои ИДМ мебошанд, ки дар таҳияи мақолаҳо [2, 139-145] ва нашрияҳои алоҳида [4] инъикос меёбанд.

Рисолати башардӯстонаи китобхонаҳо дар Энсиклопедияи китобхона [3] ва нашрияҳои илмӣ [4] инъикос ёфтааст. Дар бораи аҳамияти он калонтарин назариячиёни ИДМ ақидаи худро баён кардаанд. Ҳамин тавр, олими белорус - китобдор Р. Мотулский чунин мешуморад, ки принсипи риояи арзишҳои умумибашарӣ бояд вазифаи аввалиндараҷаи китобхонаҳо дониста шавад, классики китобхонашиносӣ профессор Ю. Н. Столяров таъкид мекунад, ки китобхонаҳо асоси фарҳанг буда, бо талаботи хоси худ, бо вижагиҳои худ, аз дигар муассисаҳои фарҳангӣ фарқ мекунанд.

Олими барҷастаи соҳаи китобхонашиносӣ, информатика, назарияи алоқаи иҷтимоӣ, мутафаккир А. В. Соколов таъкид кард, ки иҷрои рисолати иҷтимоии инсонпарварӣ аз ҷониби китобхонаҳо дар он аст, ки дар шуури ҷамъиятии умумии инсондӯстонаи фарҳанг ва муқовимати фаъол ба ҳама зуҳуроти ғайриинсонии ҷомеа, пурзӯр намудани нақши онҳо ҳамчун марказҳои фарҳангии китобу иттилоот ва иртиботи озод аст [6, 24 - 30].

Кормандони китобхона бояд ҷаҳонро ба таври комил бубинанд ва системаи маорифи китобхона бояд аз доираи маҳорати касбии маҳдуд берун баромада, аз

равандҳои рушди ҷаҳони муосир дониш диҳанд. Барои иҷрои ин корҳо ҳамеша бояд омода бошанд.

Тадқиқот дар соҳаи ҳамкории байналмилалии китобхонаҳо нав нест. Комёбиҳо ва нуктаҳои асосии китобхонашиносии минтақаҳо мавҷуд аст, ки асосгузори он профессор Н. Карташов [7, 54] мебошад.

Аҳамиятни кори китобхонаҳоро оид ба ҳамкории байналмилалӣ ва наздисарҳадӣ дар соҳаи гуманитарӣ як қатор ҳуҷҷатҳои байнидавлатӣ: конвенсияҳо, консепсияҳо, созишномаҳо, шартномаҳо, қарорҳо ва низомномаҳо, тавсияҳо, қонунҳои намунавӣ муайян мекунанд. Дар соли 2020 Консепсияи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва фаромарзии кишварҳои узви ИДМ, инчунин нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи он то соли 2030 қабул карда шудааст.

Дар Консепсия мусоидат ба баргузории тадқиқот дар ИДМ дар солҳои 2021-2022 пешбинӣ шудааст. Тадқиқоти ҳамкориҳои наздисарҳадии китобхонаҳо дар давлатҳои аъзои ИДМ барои татбиқи Консепсияи ташаккули фазои иттилоотию китобхонавӣ дар заминаи китобхонаҳои наздисарҳадии давлатҳои аъзои ИДМ соли 2009 қабул шудааст [8].

Китобхонаҳо таҷрибаи бой ҷамъ намуда, дар лоиҳаҳои башардӯстона: конфронсҳои байналмилалӣ, конгрессҳои инноватсионӣ, форумҳои тарҷумонҳо, нависандагон ва ноширони кишварҳои ИДМ ва Балтика, зиёиёни эҷодӣ ва илмии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, озмунҳои олимони ҷавон бомуваффақият иштирок мекунанд. Таҷлили 75-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо иштироки тамоми китобхонаҳои вилоятии ИДМ баргузор гардид: намоишгоҳҳо, аз ҷумла бо истифода аз графикаи компютерӣ, вохӯриҳо бо адибон, сиёсатшиносон, ходимони ҷамъиятӣ ташкил карда шудаанд.

Дар ИДМ озмуни байналмилалии «Санъати китоб»-и давлатҳои аъзои ИДМ ҳамасола баргузор гардида, силсилаи «Классикҳои адабиёти ИДМ» нашр мешавад. Мутобиқи Эъломияи дастгирии китоб дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил маҳсулоти китоб нашр карда мешаванд, ки арзишҳои баланди маънавию ахлоқӣ ва ғояҳои дӯстии халқҳоро тасдиқ мекунанд. Китобхонаҳои вилоятӣ ва марзӣ ин адабиётро тавассути дастраси хонандагони худ таблиғ мекунанд.

Чорабиниҳо оид ба иттилоотонии китобхонаҳо, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон, истифодаи технологияҳои фосилавӣ аз ҷониби китобхонаҳо амалӣ карда мешаванд.

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои башардӯстона рушди муназзами ин соҳаи кори китобхона, аз ҷумла тавассути иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байнисоҳавӣ ва лоиҳаҳои Ассамблеяи китобхонаҳои Авруосиё, ки пайваста дар ҷустуҷӯи шаклу механизмҳои нави кори китобхонаҳо мебошад, муҳим аст. хамкорй. Маҷаллаи илмии «Бюллетени ассамблеяи китобхонаҳои Евразия» ин масъаларо пайваста инъикос мекунад.

Дар байни вазифаҳои кунунии ҳамкориҳои башардӯстона, ки дар Консепсияи зикргардидаи соли 2020 гузошта шудаанд, ки китобхонаҳо метавонанд бо роҳи ҳалли онҳо нуфузи худро дар ҷомеа пурзӯр намоянд, инҳоянд: баланд бардоштани таваҷҷуҳи китобхонаҳо ба сиёсати байнидавлатии ҷавонон, ҳамкориҳои инноватсионӣ, рушди заминаи зарурии меъёрии байнидавлатӣ, забони русӣ, дастгирии ҳамватанони бо сарҳади давлатӣ ҷудошуда, ҷомеаҳои этникӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ. Китобхонаҳо бояд ба кор бо табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири шаҳрвандон, мусоидат ба беҳбудии санитарию эпидемиологии аҳолӣ ва ҳифзи аз коронавирус бо усулҳои худ диққати махсус диҳанд.

Бо ин мақсад китобхонаҳо бояд табодули байнидавлатӣ, фарҳангӣ ва иттилоотиро густариш диҳанд, низомҳои муштараки иттилоотиро таҳия кунанд, табодули мунтазами иттилоотро дар бораи ҳаёти кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъмин намоянд, инчунин инъикоси фаъолиятро дар барномаҳои телевизион ва радиои байнидавлатӣ пурзӯр намоянд. Барои таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва рушди минбаъдаи фазои башардӯстона рушди робитаи китобхонаҳо бо муассисаҳои фарҳангӣ, сайёҳӣ ва минтақавӣ аҳамияти калон дорад.

Барои рушди робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, таҳкими фазои эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамсоягии нек миёни аҳолии минтақаҳои кишварҳои узви ИДМ китобхонаҳо бояд барномаю лоиҳаҳои муштараки байниминтақавӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, табодули иттилоот дар бораи таъриху арзишҳои фарҳангӣ, рақамикунонии фондҳои китобхонаҳо, ҳамкорӣ бо осорхонаҳо, бойгониҳо, нашриёт густариш бахшанд.

Дар китобхонаҳои вилоятӣ ва наздимарзӣ чорабиниҳои муштарак бахшида ба санаҳои хотирмон, намоишгоҳҳо, вохӯриҳо бо адибон ва арбобони фарҳангу ҳунар, таърихи кишваршиносӣ ва пажӯҳишҳои таърихӣ, ки барои ошкор намудани дастовардҳои таърихи муштарак ва анъанаҳои миллии кишварҳои узви ИДМ муҳиманд, идома хоҳанд дод. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи асосии густаришдиҳандаи ҳамкориҳои байналмилалии китобхонаҳо Китобхонаи миллии Тоҷикистон мебошад, ки яке аз китобхонаҳои бузургтарин дар Осиёи миёна ба шумор меравад.

Китобхонаи миллӣ тибқи тартиби муқарраргардида иштирок кардан дар ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар татбиқи барномаҳои Созмони Милалли Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), дигар созмонҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг, маориф, илм, иттилоот, фаъолияти китобдорӣ ва ҳамкорӣ бо китобхонаҳои мамлакатҳои хориҷӣ роҳандозӣ менамоя [1].

Фаъолияти робитаҳои байналмилалӣ ин созишномаҳои ҳамкорӣ ва ёддоштҳои тафоҳум байни Китобхонаи миллӣ ва китобхонаҳои кишварҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи ин созишномаҳо ва ёддоштҳо роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо дар самтҳои мубодилаи китобу дигар намуди нашрҳо,

омӯзиши таҷрибаи пешқадами китобдорӣ, ташкил ва гузаронидани таҳқиқотҳои муштараки илмӣ ва тарғиботиро дар риштаи мероси фарҳанги хаттӣ, чопу нашр ва фаъолияти китобдорӣ, технологияи нигаҳдорӣ ва тармими асноди чопӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, рақамигардонии маводи чопӣ, ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳои тахассусӣ, семинарҳои такмили ихтисос, намоишҳо ва ташрифот, омодасозии мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва табодули таҷрибаҳо дар соҳаи китобдорӣ мутобиқ ба қонунгузориҳои марбутаи давлатҳо мебошад.

Айни ҳол Китобхонаи миллӣ бо 19 китобхонаву муассисаҳои фарҳангии кишварҳои хориҷӣ – Китобхонаи давлатии Россия (аз 01.04.2013), Китобхонаи миллии Белорус (аз 28.08.2013), Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15.11.2013), Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Мардумии Чин (аз 18.06.2014), Китобхонаи Донишгоҳи забонҳо ва тамаддунҳо ба номи Булак дар шаҳри Парижи Фаронса (аз 22.05.2014), Департаменти китобхонаҳо, маъмурияти пойтахт ва шуъбаи рушди Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон (аз 17.06.2014), Донишгоҳи Панҷоби Покистон (аз 20.10.2014), Китобхонаи давлатии маркази давлатии фарҳангии Вазорати фарҳанги Туркманистон дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ (аз 20.08.2015), Китобхонаи миллии Чехия (аз 01.02.2016), Китобхонаи миллии Озарбойҷон (аз 28.11.2017), Китобхонаи миллии Корея (2018), Китобхонаи миллии Украина (2021), Ҳамкории дуҷониба барои рушди бойгониҳо ва китобхонаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон (2021), Китобхонаи илмии вилояти Калинингpаф (2021), Китобхонаи давлатии умумироссиягии адабиёти хориҷии ба номи М. И. Рудомино (2021), Китобхонаи миллии Ӯбекистон (2021), Китобхона ва бойгонии миллии Миср (2022) ва Китобхонаи миллии Арманистон (2022) созишнома ва ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дорад.

Оид ба соҳаи китобдорӣ созмонҳо ва ассосиатсияҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба монанди Созмони Миллали Муттаҳид оид ба масъалаҳои таҳсилот, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), Федератсияи байналмилалии ассотсиатсия ва муассисаҳои китобдорӣ (ИФЛА), Шурои байналмилалии иттифоқҳои илмӣ (МСНС), Шурои байналмилалии бойгониҳо (МСА), Созмони байналмилалии стандартҳо (ИСО), Федератсияи байналмилаии аснод (МФД), Ассамблеяи китобхонаҳои Авруосиё (БАЕ) ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) фаъолият доранд.

Созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ин Федератсияи байналмилалии ассотсиатсия ва муассисаҳои китобдорӣ (ИФЛА) ба шумор рафта, ки 150 давлати дунё аъзои он ба ҳисоб мераван.

Вазифаи асосии Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияҳо ва муассисаҳои китобхонаҳо ташвиқ кардан, дастгирӣ ва осон кардани тадқиқот мебошад; инкишофи тамоми ҷиҳатҳои кори китобхона; пешниҳоди маълумоти бадастомада ба ҷомеаи китобхона. Абонементи байни китобхонаҳо яке аз аввалин қадамҳо дар фаъолияти ҳамкории байналмилаллии байни китобхонаҳо буда,

аслан тибқи дархости як китобхона ба китобхонаи дигар барои қонеъ намудани эҳтиёҷи истифодабаранда ва ё коллектив роҳандозӣ карда мешавад. [5].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар густариши ҳамкориҳои байналмилалии китобхонаҳои Тоҷикистон чорабинии сатҳи баланди “Намоиши байналмилалии “Китоби Душанбе” нақши муассир дорад. Аз соли 2013 инҷониб баргузории Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Душанбе» дар пойтахти кишвар ба ҳукми анъана даромадааст. Иқдоми наҷиб аз ҷониби Роҳбари мамлакат, зиёиён ва аҳли ҷомеа хуш пазируфта шудааст, зеро Намоишгоҳи байналмилалии “Китоби Душанбе” дар таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои дӯсту бародар, ташвиқу тарғиби китоб ва китобхонӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва маънавии насли наврас ва ҷавон тавассути мутолааи осори адибон нақши созгор мегузорад.

Дар Намоишгоҳи мазкур ҳамасола зиёда аз 30 нашири дохилу хориҷи кишвар, аз ҷумла Муассисаи нашриявии “Маориф”, “Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик”, «Нашриёти муосир», «Адиб», «Ирфон», намояндагони нашрияҳои Россия, Ҳиндустон, Туркия, Беларус, Эрон, Ӯзбекистон, Туркманистон иштирок намуда, китобҳои тозанашри худро ба намоиш мегузоранд.

Дар доираи баргузории Намоишгоҳ як қатор маҳфилҳову конфронсҳои илмӣ амалӣ мегардад. Маҳфили адибони Тоҷикистону Россия, Тоҷикистону Эрон, муаррифии китобҳои Эрон, асарҳои тозанашри нашироні ватаниву хориҷӣ, конфронси илмӣ - амалӣ дар мавзуи “Нақши китоб дар густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ”, рӯнамоии антологияи адабиёти кишварҳои ИДМ, барномаи дастгирии адабиёти миллии халқҳои Россия, боздиди нашироні хориҷӣ аз ҶСП “Нашриёти муосир”, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ ва майдони “Истиқлол” ва дигар чорабиниҳои муҳим пайваста амалӣ мегардад.

## АДАБИЁТ:

1. Абдумуминзода С. Нақши технологияҳои инноватсионӣ дар тарғиби иттилоот [Матн] / С. Абдумуминзода // Паёми ДТТ №4(47)2021. - Душанбе, 2021. - С.139-145.

2. Игумнова Н. П. Современные стратегии и тенденции развития национальных библиотек СНГ (по материалам исследования) / Н. П. Игумнова // Вестник Библиотечной Ассамблеи Евразии. - 2019. - № 1. - С. 25-34.

3. Библиотечная энциклопедия / Российская государственная библиотека [главный редактор Ю. А. Гриханов, научные редакторы-составители: Е. И. Ратникова, Л. Н. Уланова и др.]. – Москва: Пашков дом, 2007. – 1299 с.

4. Игумнова Н. П. Евразийское библиотечное пространство в библиотечной политологии: монография / Н. П. Игумнова. – Москва: Пашков дом, 2014. – 131 с.

5. Намоиши байналмилалии «Китоби Душанбе». – 2020. – Манбаи электронӣ. – Низоми дастрасӣ: http://old.kmt.tj/ogozi-nukhumin-namoishgokhi-baynalmilalii-kitobi (санаи муроҷиат: 14.08.2024).

6. Соколов А.В. Информационные функции и гуманистическая миссия российских библиотек. / А.В.Соколов // Библиотековедение. 2013. – № 3. – С. 24 – 30.

7. Карташов Н.С. Региональные проблемы библиотековедения (Постановка вопроса) / Н.С. Карташов // Советское библиотековедение. – 1980.– № 2. – С. 54.

8. Решение о Концепции межрегионального и приграничного сотрудничества государств – участников СНГ на период до 2030 года и Плане мероприятий по ее реализации. – URL: http://e-cis.info/page/3758/89205/ (дата обращение: 10.08.2024).

9. Закон Республики Таджикистан «О библиотечной деятельности». – Душанбе, 2003. – 11 с.

## ЗНАЧЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА И ИНИЦИАТИВ ТАДЖИКИСТАНА В БИБЛИОТЕЧНОЙ СФЕРЕ: СИТУАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В данной статье рассматриваются решение научных проблем, связанных с книгой и информацией, развитие практик и процессов в области информации и библиотечного дела, значение международного гуманитарного сотрудничества в сфере библиотечного дела, требования современного мира к развитию международного сотрудничества в сфере библиотечного дела. А так же непрофильное направление, состояние и перспективы развития сотрудничества в сфере эффективной деятельности, являются целью данной статьи. Автор считает, что прогресс библиотечной сферы в наше время невозможен без существования международных связей в этой сфере. По мнению автора, сегодняшнее общество как никогда нуждается в доступе к достоверной информации со всего мира, укрепление международных связей и решение проблем в этой сфере – единственный способ реагировать на деятельность библиотек в современной мировой ситуации.

**Ключевые слова:** международное сотрудничество, библиотечная деятельность, договор, библиотека, организации, тенденции развития.

## THE IMPORTANCE OF INTERNATIONAL COOPERATION AND INITIATIVES OF TAJIKISTAN IN THE LIBRARY SPHERE: SITUATION AND PROSPECTS

This article discusses the solution of scientific problems related to books and information, the development of practices and processes in the field of information and librarianship, the importance of international humanitarian cooperation in the field of librarianship, the requirements of the modern world for the development of international cooperation in the field of librarianship. As well as a non-core area, the state and prospects for the development of cooperation in the field of effective activity are the purpose of this article. The author believes that the progress of the library sphere

in our time is impossible without the existence of international relations in this area. According to the author, today's society needs access to reliable information from around the world more than ever, strengthening international relations and solving problems in this area is the only way to respond to the activities of libraries in the modern world situation.

**Key words:** international cooperation, library activities, agreement, library, organizations, development trends.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Абдумуминзода Ситора -** номзади илмҳои педагогӣ. Ҳамоҳангсози кор бо магистрон, докторантони PhD ва унвонҷӯёни ИФСҲ - и АМИТ. E – mail: abdumuminzoda91@mail.ru. Тел: 907-23-03-91

**Сведения об авторе: Абдумуминзода Ситора** – кандидат педагогических наук. Заведующий отделом работы с магистрами, аспиранты и соискатели ИФПиП НАНТ. Адрес: г. Душанбе, улица Фирдоуси 5, тел: 907-23-03-91, . E – mail: abdumuminzoda91@mail.ru.

**About the author: Abdumuminzoda Sitora -** candidate of pedagogical sciences. Head of the department for work with masters, postgraduate students and applicants of the Institute of Physical and Political Sciences of the NAST. Address: Dushanbe, Firdousi street 5, tel: 907-23-03-91. E – mail: abdumuminzoda91@mail.ru.

# ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АРАБӢ

**ҚАМАРОВ АСЛИДДИН ЗАЙНИТДИНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи мутолиоти шарқи факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

*Дар мақолаи мазкур дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араб таҳлилу баррасӣ гардидааст.*

*Муаллифи мақола ба сифати дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва кишварҳои араб вобаста ба сатҳу сифати ҳамкориҳо онҳоро ба 4 гурӯҳ ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи якум Арабистони Саудӣ, АМА, Миср, Қатар, Кувайт ва созмони ИСЕСКО; ба гурӯҳи дуюм Алҷазоир, Баҳрайн, Марокаш, Судан, Уммон, Урдун ва Ироқ; ба гурӯҳи сеюм Тунис, Лубнон, Фаластин, Сурия, Яман ва Либия; ба гурӯҳи чорум Мавритания, Сомалӣ, Ҷибутӣ ва Ҷазираҳои Қоморӣ дохил гардидааст.*

*Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ, Қатар, АМА, Кувайт, Миср ва созмони ИСЕСКО нисбат ба дигар кишварҳои араб дар ду марҳилаи гузашта хеле рушд ёфтаанд. Вале имкониятҳои ҳамкорӣ миёни ҷонибҳо хеле васеътар ба назар мерасанд, ки бояд аз онҳо истифода карда шавад.*

*Муаллиф дар ин мақола масоили дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои арабӣ ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ додааст. Инчунин, вобаста ба дурнамои рушди ҳамкориҳо пешниҳодҳои муфидеро ироа кардааст, ки дар амалияи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ муфид арзёбӣ мегарданд.*

*Метавон гуфт, ки ба андешаи муаллиф, дар ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Аморатҳои муттаҳидаи Араб ва Миср имкониятҳои ҳамкории васеъ дида мешаванд. Ин дар қиёс бо давлатҳои боқимондаи арабӣ мебошад.*

*Дар мақола масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон бо созмони ИСЕСКО низ баррасӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Кувайт, фарҳанг, ҳамкориҳо, донишгоҳ, Баҳрайн, Саудӣ, Қатар, мушкилот, робитаҳо, баррасӣ, таҳлил, Тунис, илм,табодули донишҷӯён.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба доштани равобити ҳасанаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои арабӣ, ба монанди Ироқ, Кувайт, Арабистони Саудӣ, Урдун, Миср, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб (АМА), Сурия, Лубнон, Алҷазоир, Марокаш, Либия, Баҳрайн, Уммон, Яман, Қатар, Фаластин, Тунис ва ғайра сарфи назар аз низомҳои сиёсии гуногун ва дараҷаи тараққиёташон зарурат дорад.

Тавре, ки Пешвои миллат дар суханронии худ ба муносибати кушодашавии бинои нави ВКХ изҳор дошта буданд: “Давлати мо бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои арабӣ, ба монанди Арабистонӣ Саудӣ, Қатар, Кувайт, Баҳрайн, Миср, Алҷазоир ва АМА аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад” [14, 32].

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилу баррасии сатҳу сифати муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ метавон гуфт, ки бо вуҷуди имкониятҳои зиёд ва фароҳам будани заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкориҳо, сатҳи робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни ҷонибҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои муштараки тарафайн намебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳадафи ниҳоии дипломатияи фарҳангӣ эҷоди боварӣ, нигоҳ доштани муносибатҳои дарозмуддат, таълими забон, мубодилаи донишҷӯён, омӯзгорону олимон, содироти маҳсулоти фарҳангӣ, аз қабили филмҳо, сурудҳо ва баргузории намоишгоҳҳо, консертҳо ва ё дигар чорабиниҳои фарҳангӣ мебошад [18].

Қабул ва тасдиқ гардидани Консепсияи нави сиёсати хориҷии ҶТ дар соли 2015 принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим менамояд.

Вобаста ба ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст:

Айни замон кишварҳои арабӣ аз ҷумлаи кишварҳои тараққиёфтаи ҷаҳон буда, имкониятҳои васеи молиро дар ихтиёр доранд ва дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ низ таъсиргузор мебошанд [3].

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои худ метавонад бо кишварҳои арабӣ дар бахшҳои гуногуни илму фарҳанг ҳамкориҳоро дар алоҳидагӣ ба роҳ монад, ки ин хеле муфид хоҳад буд.

Вобаста ба ин масъала, бояд ҷиҳатҳои манфиатовари ҳамкориҳоро бо ҳар кишвар мавриди омӯзиш қарор дода, бахшҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои илму фарҳанг низ муайян карда шаванд. Зеро мусаллам аст, ки муносибатҳо дар чаҳорчӯби сиёсати давлату ҳукумат бояд сурат гирад.

Дар робита ба дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардани кишварҳои арабӣ зарур аст:

1. Кишварҳое, ки муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо инкишоф ёфта, эҳтиёҷи гузаштан ба марҳилаи нави ҳамкориҳоро дорад, аз ҷумла, Арабистони Саудӣ, Қатар, АМА, Кувайт, Миср ва созмони ИСЕСКО;
2. Кишварҳое, ки муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дошта, барои рушд ёфтан таваҷҷӯҳи бештар мехоҳанд, аз қабили Алҷазоир, Баҳрайн, Марокаш, Судон, Уммон, Урдун ва Ироқ;
3. Тунис, Лубнон, Фаластин, Сурия, Яман ва Либия, ки муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо вобаста ба вазъи сиёсиашон дуруст роҳандозӣ нагардидааст;
4. Мавритания, Сомалӣ, Ҷибутӣ ва Ҷазираҳои Қоморӣ, ки муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва онҳо мавҷуд нест.

Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ, Қатар, АМА, Кувайт, Миср ва созмони ИСЕСКО нисбат ба дигар кишварҳои арабӣ дар ду марҳилаи гузашта хеле рушд ёфтаанд. Вале имкониятҳои ҳамкорӣ миёни ҷонибҳо хеле васеътар ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, ҷиҳати муайян кардани самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ ва дурнамои рушди он дар соҳаи фарҳанг ва илм аз имкониятҳои мавҷуда метавон васеъ истифода намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ сохтани ҳадафҳои (СМР) - 2030 ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон кардани солҳои 2020-2040 [17] метавонад бо кишварҳои зикргадидаи арабӣ муносибатҳоро ба роҳ монда, ҷиҳати амалӣ намудани лоиҳаҳо вобаста ба ин самт дар Тоҷикистон сармоягузорони ин кишварҳоро ҷалб намояд.

**Шоҳигарии Арабистони Саудӣ** кишвари пешбари ҷаҳони араб буда, дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хосро ишғол менамояд [15, 76]. Вобаста ба ҷойгоҳи касбкардаи худ Арабистони Саудӣ дар баробари дигар кишварҳо барои таҳкими муносибатҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои Осиёи

Марказӣ талош дорад. Тавре, ки доктор Яҳё аз-Заҳранӣ – устоди улуми сратегии донишгоҳи арабии Нойф қайд кардааст: “муҳимтарин дурнамои ҳамкорӣ дар сиёсати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ нисбат ба давлатҳои Осиёи Марказӣ кушодани уфуқҳои нави ҳамкории иқтисодӣ бо ҳадафи дастгирии қудрат ва захираҳои кишварҳои исломӣ дар сатҳҳои гуногун” мебошад [10].

Тибқи таҳлили маҷаллаи US News & World Report, ки макотибу донишгоҳҳо ва марказҳои тандурустиро мавриди омӯзиш ва табақабандӣ қарор медиҳад, донишгоҳи Шоҳ Сауд беҳтарин донишгоҳ дар ҷаҳони араб ба ҳисоб меравад. Ҷойҳои дуюму сеюмро низ донишгоҳҳои саудии Шоҳ Абдулазиз ва донишгоҳи илмӣ-технологии Шоҳ Абдуллоҳ ишғол намудаанд [4]. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ метавонад робитаҳоро дар соҳаи маориф ва илм бо донишгоҳҳои мазкур ба роҳ монад. Бо ҳамоҳангии ҷонибҳо метавон филиалҳои онҳоро ҷиҳати омӯзиши иқтисодиёт, технология, риёзиёт дар Тоҷикистон таъсис дод.

Вобаста ба ҳамкории фарҳангӣ, Арабистони Саудӣ бо доштани шаҳрҳои мудаққаддас барои мусалмонон ҷойгоҳи вижаеро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, ки бо бартараф гардидани баъзе мушкилот равобит дар ин самт рушд хоҳад намуд.

Дурнамои рушди ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои АМА, Кувайт, Қатар, Миср ва созмони ИСЕСКО дар соҳаҳои фарҳанг, маориф ва илм имконпазир мебошад. Зеро дар муносибатҳои миёни ҷонибҳо марҳилаҳои зарурӣ аллакай тай шудааст. Дар ин самт таъсиси сафорати АМА, Кувайт ва Миср дар Тоҷикистон омили рушди равобит байни тарафҳо маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, АМА, Кувайт ва Миср бо доштани донишгоҳҳои машҳуре дар ҷаҳони араб имкон доранд, ки донишҷӯёни тоҷикро ҷиҳати омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва ғайра дар соҳаи илму маориф барои таҳсил қабул намоянд.

Мувофиқи раддабандии маҷаллаи таҳлилии US News & World Report донишгоҳи Қоҳираи Миср дар сатҳу сифати таълим ҷойи чорумро дар миёни донишгоҳҳои ҷаҳони араб касб намудааст [4]. Тоҷикистон метавонад шаҳрвандони кишварҳои арабро барои омӯзиши забони тоҷикӣ, русӣ, форсӣ, чинӣ ва тиб дар донишгоҳҳои худ ба таҳсил фаро гирад.

Дар соҳаи фарҳанг Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо баргузории рӯзҳои фарҳанги миллӣ, намоиши китоб, дастовардҳои илмӣ-фарҳангӣ ва санъату ҳунарҳои мардумии тоҷик ҳамкориҳоро бо Арабистони Саудӣ, АМА, Қатар, Кувайт ва Миср ба роҳ монад.

Мо бо таваҷҷуҳ ба сатҳу мазмуни муносибатҳо дурнамои ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро бо кишварҳои араб дар самтҳои зерин мебинем:

- Ифтитоҳи намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои арабӣ ва сафоратҳои кишварҳои арабӣ дар Тоҷикистон;
- фаоълсозии комиссияи муштараки байниҳукуматии ҷонибҳо;

- амалӣ намудани санадҳои имзогардида дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм;

- истифода аз таҷриба ва малакаи илмии олимони ҳар ду ҷониб дар соҳаҳои иқтисод, технологияи инноватсионӣ, тандурустӣ, низоми бонкдорӣ, забономӯзӣ, таъриху археология ва геология;

- ҳамкориҳои дуҷониба дар самти табодули мутахассисону донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши иқтисод, технологияи инноватсионӣ, тандурустӣ, низоми бонкдорӣ, такмили ихтисос, таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ, курсҳои забономӯзӣ;

- ширкат варзидани донишмандон ва фарҳангиёни ҳар ду ҷониб дар озмунҳо ва чорабиниҳои муштараки илмӣ ва фарҳангӣ;

- ҷалби сармоягузорони кишварҳои арабӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илми Тоҷикистон.

Дар шароити густариши босуръати ҷаҳонишавӣ ва тавсеаи рӯзафзуни равандҳои ҳамгироии сиёсиву фарҳангӣ дар арсаи ҷаҳон, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии ҳамкориҳои бисёрҷониба бо СҲИ ва ниҳодҳои он - **ИСЕСКО** -ро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Натиҷаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад, ки қарор дар ин мавриид соли 2004 дар Конфронси 4-уми вазирони фарҳанги СКИ (Алҷазоир, 15-16 декабри соли 2004) қабул шуд. Дар ин робита, бо ибтикори Ҳукумати Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо барпо карда шуданд, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои намояндагони фарҳангӣ: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;
- эҳёи ва муаррифии ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кулоб, Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор, Рушон, Муминобод;
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009 [11, 156].

Тоҷикистон дар таҳкими нақши ин Созмон дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, баҳри тавсеаи ҳамкориҳои густурда миёни кишварҳои аъзо кушиш хоҳад намуд [19].

Ба назари мутахассисони соҳа узви СҲИ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланд гаштани обрӯ ва эътибори кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва хусусан дар ҷаҳони ислом оварда мерасонад [20, 37].

Дурнамои рушди ҳамкориҳоии илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ИСЕСКО дар самтҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- дар доираи ИСЕСКО бо ҳамаи кишварҳои арабӣ ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангиро ба роҳ мондан;

- татбиқи санадҳо бо ИСЕСКО дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм.
- ширкат варзидани донишмандон ва фарҳангиёни тоҷик дар озмунҳо, чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангии ИСЕСКО;
- ҷалб кардани ИСЕСКО барои сармоягузорӣ ҷиҳати беҳтар намудани соҳаи маориф ва илм, барқарор кардани осор ва ёдгориҳои таърихӣ-исломӣ;
- таъсиси донишгоҳи муштарак дар Тоҷикистон;
- ҳамасола баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ бахшида ба бузургдошти абармардони форсу тоҷик, ки дар рушди илму тамаддун саҳми худро гузоштаанд.

Муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон бо Алҷазоир, Баҳрайн, Марокаш, Судон, Уммон, Урдун ва Ироқ бо сабаби мушкилиҳои ҷойдошта ба таври зарурӣ ташаккул ва рушд наёфтааст.

30 ноябри соли 2015 Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо Сарвазири Алҷазоир А. Саллол дар Фаронса қайд кард, ки мардумони шарифи кишварҳои моро робитаҳои хеле амиқи таърихиву фарҳангӣ ва дини муштарак мепайванданд. Ҳамчунин, зикр гардид, ки ҷониби Алҷазоир низ ҳавасманди ҳамкориҳои хуб бо Тоҷикистон буда, кушиш ба харҷ медиҳад, ки дар самти иқтисоду фарҳанг ва энергетика ҳамкорӣ дошта бошад.

Зимнан, изҳори умед карда шуд, ки минбаъд ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, илм ва фарҳанг низ ба роҳ монда мешаванд [22].

Бо Кишварҳои Баҳрайн, Уммон ва Марокаш муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад.

Ин кишварҳо аз нигоҳи пешрафти иқтисод, некуаҳволии мардум, нуфуз ва эътиборе, ки дар ҷаҳон доранд, дар сатҳҳои гуногун қарор дошта, [9, 177] ҳамкорӣ бо онҳо дар самтҳои мавриди таваҷҷӯҳи кишвари мо манфиатовар хоҳад буд.

Дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Урдун то соли 2016 ягон пешравии чашмгире дида намешавад. Танҳо дар марҳилаи баъдӣ сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Урдун сурат гирифт, ки дар ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳар ду кишвар саҳифаи наве кушод [8].

Дар доираи сафари мазкур миёни ҷонибҳо созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат, [16] таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ [6] ба имзо расид, ки он ҳамчун заминаи ҳамкориҳои минбаъда маҳсуб меёбад.

Бо Судон ва Ироқ дар оянда имкони ривоҷ додани муносибатҳои ҳамкорӣ мавҷуд аст. Илова ба имконоти рушди муносибатҳои фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Судону Ироқ, таҷрибаи табодули кадрӣ (фаъолияти тарҷумонҳо) дар миёни ҷонибҳо муҳим мебошад.

Ҳамин тариқ, дурнамои муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин гуруҳи кишварҳои арабӣ дар самтҳои зерин имконпазир мебошад:

- баргузории машваратҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳо ҷиҳати баррасии рушди ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла фарҳанг ва илм [12];
- таъсиси комиссияи муштараки байниҳукуматии ҷонибҳо ҷиҳати тавсеаи уфуқҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷӯҳи муштарак [5];
- ифтитоҳи намояндагиҳои Тоҷикистон дар кишварҳои мазкур ва сафоратҳои онҳо дар Тоҷикистон;
- бастани созишномаҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм;
- баргузор кардани чорабиниҳои дуҷонибаи фарҳангӣ, аз қабилӣ рӯзҳои фарҳангию миллӣ, намоиши китоб, дастовардҳои илмӣ-фарҳангӣ ва санъату ҳунарҳои мардумӣ;

Давлатҳои Лубнон, Фаластин, Тунис, Сурия, Яман ва Либия кишварҳои мебошанд, ки дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо вобаста ба вазъи дохилиашон муайян мегардад.

Сарфи назар аз он, ки баъзе аз ин кишварҳо дар гузашта аз давлатҳои пешбари ҷаҳони араб буданд, вале дар даҳ соли охир аз ҷумлаи кишварҳои ноороми ҷаҳон ба ҳисоб меравaнд [21].

Дар ин давра байни Тоҷикистон ва кишварҳои мазкур масоили рушди муносибатҳои дуҷониба, барқарорсозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, хусусан мубориза бо терроризм ва экстримизм, муайян кардани шахсияти шаҳрвандони Тоҷикистон ва ба Ватан баргардондани онҳоо аз минтақаҳои даргир, баррасӣ шуданд [1].

Сарфи назар аз вазъи ноороми сиёсии Лубнон донишгоҳҳои панҷгонаи амрикоии Бейрут тибқи раддабандии маҷаллаи таҳлилии US News & World Report дар сатҳу сифати таълими ихтисосҳои муҳандисӣ, барномасозӣ, тиб ва илмҳои иҷтимоӣ ҷойҳои 5-10-ро дар миёни донишгоҳҳои ҷаҳони араб касб намудаанд [4].

Вобаста ба дурнамои равобити Тоҷикистон бо ин гурӯҳи кишварҳо метавон чунин хулоса кард:

- рушди муносибатҳои дипломатӣ;
- ошно сохтани ин кишварҳо бо таҷрибаи ба даст овардаи сулҳи тоҷикон;
- баргузории машваратҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳо ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ташккули муносибатҳо;
- барқарор кардани муносибатҳои ҳамкории гуногунсоҳа, аз ҷумла, илм ва фарҳанг бо кишварҳои мазкур.

Кишварҳои Мавритания, Сомалӣ, Ҷибутӣ ва Ҷазираҳои Қоморӣ дорои фарҳангҳои гуногун буда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ояндаи наздик ба барқарор намудани муносибатҳои ҳамкорӣ бо онҳо талош хоҳад намуд.

Ҷиҳати барқарорсозӣ ва ташаккули муносибатҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм Тоҷикистон ва кишварҳои мазкурро зарур аст, ки миёни худ

машваратҳои сиёсиро баргузор карда, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангиро муайян намоянд.

Ба назари мо, Тоҷикистон метавонад, ки дар шакли дуҷониба ва дар доираи ИСЕСКО намояндагону донишҷӯёни кишварҳои зикргардидаро дар донишгоҳҳои худ ба таҳсил фаро гирифта, барои иштирок дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ бо мақсади муаррифии фарҳанги мардуми тоҷик даъват намояд.

Бо баррасӣ намудани дурнамои рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Барои дурнамои рушди муносибатҳои илмӣ-фарҳангии кишвари мо бо ҷаҳони араб, ҷониби Тоҷикистонро зарур аст, ки ба хотири татбиқи манфиатҳои миллии худ заминаҳо ва шароити ҳамкориҳо, бартарафсозии монеаҳо ва дарёфти соҳаҳои ҳамкориҳоро омода созад [13, 44].

2. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ бо Арабистони Саудӣ, АМА, Кувайт, Қатар ва Миср дар самтҳои табодули мутахассисону донишҷӯён ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи рушди иқтисод, технологияи инноватсионӣ, тандурустӣ, низоми бонкдорӣ, такмили ихтисос, таҳсилоти олӣ ва таҳқиқоти илмӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати забономӯзӣ зарур арзёбӣ мегардад.

3. Ҷиҳати ташаккул ва рушди равобити илмӣ-фарҳангӣ ва гузаштан ба марҳилаи нави ҳамкориҳо бо Алҷазоир, Баҳрайн, Марокаш, Судон, Уммон, Урдун ва Ироқ фароҳам овардани шароити мусоид барои таъсиси намояндагиҳои ҷонибҳо, анҷоми сафарҳои расмӣ дар сатҳҳои гуногун, ташкили рӯзҳои фарҳангӣ ва намоиши китоб муҳим маҳсуб меёбад.

4. Баҳри барқарорсозӣ ва ташаккули муносибатҳо бо Лубнон, Тунис, Сурия, Яман, Либия, Мавритания, Сомалӣ, Ҷибутӣ ва Ҷазираҳои Қоморӣ баргузор намудани машваратҳои сиёсӣ миёни ҷонибҳо, дарёфти самтҳои мутақобили ҳамкорӣ ва амалӣ намудани сафарҳои расмӣ дар сатҳҳои гуногун манфиатовар хоҳад буд.

5. Ҷиҳати татбиқи СМР-2030 дурнамои рушди муносибатҳо бо аксари кишварҳои араб, ки онҳо низ стратегияи миллии худро то солҳои 2030, 2035 ва 2040 муайян намудаанд, дар самтҳои омӯзиш ва татбиқи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, низоми маорифи муосир, омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои идоракунии иқтисодиёти рақамӣ, гидроэнергетика, сайёҳӣ, технологияи инноватсионӣ ва ғайра муҳим арзёбӣ мегардад.

6. Рушди муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ бо ИСЕСКО дар самтҳои ҷалби сармоягузорӣ ҷиҳати беҳтар намудани соҳаи маориф ва илм, барқарор кардани осор ва ёдгориҳои таърихӣ-исломӣ, таъсиси донишгоҳи муштараки ИСЕСКО, мунтазам баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ бахшида ба бузургдошти абармардони форсу тоҷик, ки дар рушди фарҳангу тамаддун саҳми

худро гузоштаанд ва пешгирии ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва ифротгароӣ зарур ба ҳисоб меравад.

7. Дар робита ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва фарҳангӣ бо кишварҳои араб ва ИСЕСКО фаъолияти ҷамъияти дӯстии "Тоҷикистон – Мамлакатҳои Араб"-и назди ҶДРФТ ва дигар ниҳодҳои марбута зарур мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Встреча Посла с Первым заместителем Министра иностранных дел Сирийской Арабской Республики. 24.05.2019. // [Электронный рессурс]. URL: www.mfa.tj/ru/main/view/4128/ (дата обращение: 17.08.2021).
2. Камаров, А. З. Таджикистан и египет: 30 лет научно-культурного сотрудничества / А. З. Камаров // Азия и Европа. – 2023. – № 3(15). – С. 86-95. – EDN UMMTXV.
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. [Матн].
4. Лучшие ВУЗы арабского мира. // [Электронный рессурс]. URL: https://salsabil.kz/blog/лучшие-вузы-арабского-мира/ (дата обращение: 06.08.2021).
5. Марокаш ва Тоҷикистон ҷиҳати тавсеаи уфуқҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак дар робита ба таъсиси КМБ ҳар ду кишвар таъкид менамоянд. 26.09.2019. (бо забони арабӣ) // [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.maroc.ma/ar/. (санаи муроҷиат: 16.08.2021).
6. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Урдун. 10.12.2017. // [Манбаи электронӣ]. URL:https://president.tj/node/16717. (санаи муроҷиат: 15.08.2021).
7. Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик. [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. –Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 133.
8. Оғози сафари расмӣ дар Шоҳигарии Урдун. 09.12.2017. // [Манбаи электронӣ]. URL:https://president.tj/node/16708. (санаи муроҷиат: 15.08.2021).
9. Оймаҳмадов, М. Иқтисодиёти ҷаҳон. [Матн] / М. Оймаҳмадов, М. Муртазоев. -Теҳрон, 2001, С.177.
10. Оли Ҳида, А. Дипломатияи Саудӣ дар "Шоҳроҳи абрешим", рӯ ба сӯи оянда. // [Манбаи электронӣ]. URL: https://awsat.com/home/article/652621 (санаи муроҷиат: 02.08.2021).
11. Раҳмонова, Р. Асосҳои хизмати дипломатӣ. [Матн] / Р.Раҳмонова. -Душанбе: «Ганҷ», 2017, С.81.,
12. Салтанати Уммон ва Тоҷикистон: ҷустуҷӯи роҳҳои таҳкими муносибатҳои дуҷониба. 2021-1-20 (бо забони арабӣ) // [Манбаи электронӣ]. URL:https://www.darelhilal.com/News/764722aspx. (санаи муроҷиат: 15.08.2021).
13. Сатторзода, А. Дурнамои рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Сатторзода // Сиёсати хориҷӣ. – 2016, №1. – С. 44.

14. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон. 2013. – С. 32.

15. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. [Матн] / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. -Душанбе: «Ирфон», 2011, С.76.

16. Созишномаи ҳамкории фарҳангӣ байни Урдун ва Тоҷикистон. 13.12.2017. (бо забони арабӣ) // [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.amadinalhnews.com/article/629699. (санаи муроҷиат: 15.08.2021).

17. Солҳои 2020 - 2040 -"Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" // [Манбаи электронӣ]. URL:https://tnu.tj/index.php/tj/ (санаи муроҷиат: 21.07.2021).

18. Теория культурной дипломатии: определение, виды и родственные термины. // [Электронный рессурс]. URL: https://relacionateypunto.com/ru/que-es-la-diplomacia-cultural/ (дата обращения: 03.12.2021).

19. Тоҷикистон ва СҲИ. // [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.mfa.tj/tg/main/view/192/tojikiston-va-sozmoni-hamkorihoi-islomi (санаи муроҷиат: 25.07.2020).

20. Умаров, Ф. Таджикистан и международные исламские организации: проблемы и перспективи сотрудничества. [Текст] / Ф. Умаров. // Фаслномаи ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сиёсати хориҷӣ. №2, 2012. С. 29.

21. Шериф, Ю. Новые гегемоны арабского мира и борьба за господство на Ближнем Востоке. 28.09.2017 // [Электронный рессурс]. URL:https://ru.valdaiclub.com/a/highlights/novye-gegemony-arabskogo-mira/ (дата обращение: 06.08.2021).

22. Э. Раҳмон: Тоҷикистону Алҷазоир муштаракоти диниву фарҳангӣ доранд. // [Манбаи электронӣ]. URL: https://sputnik-tj.com/20151201/1017739488.html. (санаи муроҷиат: 15.08.2021).

23. Мирзоев Ҳ.Т. Мирзоев Н.М. Культурно-гуманитарное сотрудничество Республики Таджикистан и КНР // Вестник Педагогического Университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. 2020. No 5 (88). ISSN 2219-5408. стр 222-226.

24. Мирзоев Ҳ.Т. Инъикоси дипломатияи тоҷик дар сарчашмаҳои таърихи. //Вестник Педагогического Университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Соли 2020.No 5 (88). ISSN 2219-5408. Стр. 93-198.

25. Мирзоев Ҳ.Т.Взаимодействия Республики Таджикистан с Китайской народной Республики в сфере образования //Вестник Таджикского национального университета, сер. гум. наук. соли 2020. № 5 ISSN 2074-1847. Стр. 77-82.

# ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ НАУЧНО-КУЛЬТУРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ

В данной статье анализируются перспективы развития научно-культурного сотрудничества между Республикой Таджикистан и арабскими странами.

Автор статьи разделил арабских стран на 4 группы исходя из уровня и качества сотрудничества Таджикистана с ними, как перспективы развития научно-культурного сотрудничества. В первую группу входят Саудовская Аравия, ОАЭ, Египет, Катар, Кувейт и ИСЕСКО; во вторую группу входят Алжир, Бахрейн, Марокко, Судан, Оман, Иордания и Ирак; в третью группу входят Тунис, Ливан, Палестина, Сирия, Йемен и Ливия; в четвертую группу входят Мавритания, Сомали, Джибути и Коморские острова.

Научное и культурное сотрудничество Республики Таджикистан с Саудовской Аравией, Катаром, ОАЭ, Кувейтом, Египтом и организацией ИСЕСКО на последних двух этапах значительно развилось по сравнению с другими арабскими странами. Однако, возможности сотрудничества между сторонами представляются гораздо шире. Поэтому для определения приоритетных направлений сотрудничества и перспектив его развития в сфере культуры и науки можно широко использовать имеющиеся возможности.

В данной статье автор подробно разъяснил вопросы перспектив развития научного и культурного сотрудничества между Республикой Таджикистан и арабскими странами.

Также автором сделаны полезные предложения, связанные с перспективами развития сотрудничества, которые считаются полезными в практике сотрудничества Таджикистана с арабскими странами.

Можно сказать, что, по мнению автора, возможности сотрудничества Таджикистана с Королевством Саудовская Аравии, Катаром, Кувейтом, Объединенными Арабскими Эмиратами и Египтом широки. Это по сравнению с остальными арабскими странами.

В статье также рассматриваются вопросы сотрудничества Таджикистана с ИСЕСКО.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Кувейт, культура, сотрудничество, университет, Бахрейн, Саудовская Аравия, Катар, перспектива, отношения, обсуждение, анализ, Тунис.

# PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF SCIENTIFIC AND CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE ARAB COUNTRIES

This article analyzes the prospects for the development of scientific and cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and Arab countries.

The author of the article divided Arab countries into 4 groups based on the level and quality of Tajikistan's cooperation with them as a prospect for the development of scientific and cultural cooperation. The first group includes Saudi Arabia, UAE, Egypt, Qatar, Kuwait and ISESCO; the second group includes Algeria, Bahrain, Morocco, Sudan, Oman, Jordan and Iraq; the third group includes Tunisia, Lebanon, Palestine, Syria, Yemen and Libya; the fourth group includes Mauritania, Somalia, Djibouti and Comoros.

Scientific and cultural cooperation of the Republic of Tajikistan with Saudi Arabia, Qatar, UAE, Kuwait, Egypt and the ISESCO organization in the last two stages has developed significantly compared to other Arab countries. However, the possibilities for cooperation between the parties seem much wider. Therefore, existing opportunities can be widely used to determine priority areas of cooperation and prospects for its development in the field of culture and science.

In this article, the author explained in detail the prospects for the development of scientific and cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and Arab countries.

The author also made useful proposals related to the prospects for the development of cooperation, which are considered useful in the practice of cooperation between Tajikistan and Arab countries.

It can be said that, according to the author, the possibilities of cooperation between Tajikistan and the Kingdom of Saudi Arabia, Qatar, Kuwait, the United Arab Emirates and Egypt are wide. This is compared to other Arab countries.

The article also discusses issues of cooperation between Tajikistan and ISESCO.

**Keywords:** Tajikistan, Kuwait, culture, cooperation, ambassador, embassy, university, Bahrain, Saudi Arabia, Qatar, perspective, relations, discussion, analysis, Tunisia.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Қамаров Аслиддин Зайнитдинович -** номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи мутолиоти шарқи факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: (+992) 782-13-89-89. Email: asluddin89@mail.ru

**Сведения об авторе: Камаров Аслиддин Зайнитдинович** - кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры восточных исследований факультета международных отношений Таджикского национального университета. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Тел.: (+992) 915-15-02-55. Email: asluddin89@mail.ru

**About the author: Kamarov Asliddin Zainitdinovich -** Candidate of Historical Sciences, Senior teacher department of oriental studies, faculty of international relations, Tajik National University, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave. Phone: (+992) 782-13-89-89. E-mail: asluddin89@mail.ru

# НАҚШИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИҲОИ ШАНХАЙ ДАР МУБОРИЗА БА ТАҲДИДҲОИ ХУСУСИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ЭКСТРЕМИСТИДОШТА ДАР МИНТАҚА

**БЕДИЛЗОДА ҲУСАЙН КАБУТ**
и.в. мудири шуъбаи масоили сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ-и АМИТ, номзади илмҳои сиёсӣ

*СҲШ созмони муҳими минтақавию ҷаҳонӣ буда, аз лиҳози вусъати қаламрав ва гуногунии забону фарҳанг ва тамаддун яке аз созмонҳои нодир ба шумор меравад ва айни замон дар минтақа ва ҷаҳон нуфузу эътибори бузургеро касб намудааст.*

*Яке самтҳои афзалиятноки ҳамкории кишварҳои узви созмон дар чаҳорчуби СМЗ гузаронидани ҳар гуна тамринҳо ва машқҳои ҳарбӣ бо иштироки низомиёни бо мақсади баланд бардоштани малакаи ҷангии низомиён бар зидди ҳамагуна таҳдидҳо, хусусан, терроризм ва экстремизм мебошад.*

*Баргузории нишасти СҲШ дар Душанбе низ барои кишвари мизбон аҳамияти хоса ва рамзӣ дошт. Худи ғояи ташкили созмони минтақавии навъи нав дар пойтахти Тоҷикистон таҳия шуда буд. Он 5 июли соли 2000-ум дар ҳошияи нишасти таърихии Душанбегии раҳбарони "панҷгонаи Шанхай" рух дод.*

***Калидвожаҳо**: Созмони ҳамкориҳои Шанхай, терроризм, экстремизм, ҳамкорӣ, минтақа, муносибатҳо, давлатҳо.*

Яке аз созмонҳои бонуфуз, ки дар чаҳорчуби он кишварҳои минтақа ҷиҳати мубориза бо ҳамагуна таҳдидҳои амниятӣ ҳамкориҳоро ба роҳ мондаанд, Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад. Созмони мазкур дорои механизмҳои бисёрҷанбаи ҳамкориҳо бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, СҲШ ба яке аз созмонҳои калонтарин ва босуръат рушдёбандаи байналмилалӣ мубаддал гардидааст.

СҲШ аз лиҳози қаламрав ва гуногунии забону фарҳанг ва тамаддун яке аз созмонҳои нодир ба шумор меравад ва айни замон дар минтақа ва ҷаҳон нуфузу эътибори бузургеро касб намудааст [1.166]. Дар ибтидои асри XXI, СҲШ яке аз иштирокчии калидӣ дар сиёсати қораи Осиё баҳисоб рафта, моҳи июни соли 2001 аз ҷониби сарони кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ), Федератсияи Росссия (ФР), Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таъсис дода шудааст. Ҳудуди СҲШ бо кишварҳои нозир ва шарикони муколама, аз уқёнуси Атлантика то уқёнуси Ором ва аз уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ то уқёнуси ҳинд тул кашида, 61% қитъаи Авруосиёро ташкил медиҳад [2].

Дар айни замон, СҲШ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мутақобилан судмандро дар формати 8+4+9 (кишварҳои узви СҲШ+ кишварҳои нозир+ кишварҳои дорои мақоми "шарикони муколама") ба роҳ монда аст. Соли 2017 пас аз шомил гардидани Ҳиндустону Покистон, соли 2021 Ҷумҳурии исломии Эрон ва

соли 2022 Ҷумҳурии Белорус ба СҲШ, аз лиҳози ҷуғрофӣ ҳудуди созмон васеъ гардид, 40% аҳолии ҷаҳонро ба ҳам муттаҳид сохт ва дар умум 30% ММД ҷаҳон ба ин минтақа хос аст.

Дар ҳайати ин созмон чаҳор кишвари дорои силоҳи ҳастаӣ мавҷуд аст. Ин омили мазкур яке аз шартҳои муҳимми таҳкими амният баҳисоб рафта, ҳар як кишвари аъзои СҲШ мувazzаф мегарданд, ки ҳамкориҳои судмандро дар ҳалли осоиштаи муноқишаҳо риоя намоянд [3.37-42].

СҲШ блоки ҳарбӣ (ба мисли НАТО) ё форуми доимо амалкунандаи кушод доир ба масъалаҳои амниятӣ (ба мисли АСЕАН) набуда, мавқеи миёнаро ишғол менамояд. СҲШ бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аз қабили СММ, ИДМ, СААД, ЕврАзЭС ва АСЕАН ҳамкориҳои мутақобиларо ба роҳ мондааст.

Вазифаҳои асосии СҲШ таҳкими сулҳу субот ва амният дар фазои кишварҳои узви созмон, мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм, экстремизм, киберҷиноят ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, энергетикӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи моддаи 1 ва 3-юми ҳуҷҷати таъсисии СҲШ, Хартия аз 7 июни соли 2002, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии СҲШ инҳоянд:

- таҳкими боварии тарафайн, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек дар байни давлатҳои аъзо;
- рушди ҳамкориҳои бисёрҷанба бо мақсади нигоҳ доштан ва таҳкими сулҳ, амният ва субот дар минтақа;
- муборизаи муштарак бар зидди зуҳуроти терроризм, сепаратизм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, дигар намудҳои ҷинояткории фаромиллӣ, аз ҷумла, муҳоҷирати ғайриқонунӣ;

Таваҷҷӯҳи ҷонибҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои минтақавӣ дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи муҳити зист, фарҳангӣ, илмӣ, техникӣ, маориф, энергетика, нақлиёт, қарзӣ-молиявӣ ва ғайра;

✓ ҳамкориҳои мутақобила дар самти пешгирии муноқишаҳои байналмилалӣ ва роҳи ҳалли осоиштаи онҳо;

✓ нигоҳдорӣ ва рушди муносибатҳо бо дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ; ҷустуҷӯи муштараки ҳалли мушкилоте, ки дар асри 21 ба вуҷуд меоянд.

Муқовимати дастҷамъона бар зидди ҳама гуна таҳдидҳои террористӣ ва экстремистӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти СҲШ мансуб ёфта, бо гузашти беш аз бист сол созмон тавонист дар ин самт таҷрибаи назаррасеро ба даст орад. Дар амал то ба имрӯз диққати асосии кишварҳои узви созмон бевосита ба нигоҳдории сулҳу амнияти байналмилалӣ ва мубориза бо хатару таҳдидҳои муосир – терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва сепаратизм равона карда шудааст. Доир ба ин масъала Конвенсияи Шанхай оид ба мубориза бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм аз 15.06.2001 [4.29-36] ба имзо расонида шудааст, ки дар он ҳадафҳо, вазифаҳо ва принсипҳои асосии ҳамкориҳои

кишварҳои узви созмонро соҳаи гуногуни баррасишаванда муайян мекунад, аз ҷумла, мубориза бо терроризм, экстремизм ва сеператизм, мубодилаи иттилоот, иҷрои дархостҳо оид ба чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, табодули таҷриба, иттилоот, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра маҳсуб мееёбанд.

Ҳамзамон, дар консепсияи мазкур принсипҳои зерини мубориза бо терроризм ва экстремизм инъикос гардидаанд:

✓ ҳамкории дастҷамъона дар мубориза бар зидди терроризм, истифодаи чораҳои пешгирикунандаи таблиғотӣ;

✓ роҳ надодани ба тобиши динӣ додан дар мубориза бо терроризм;

✓ ҳатман ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳои террористӣ ва ногузирии ҷазо.

Дар баробари принсипҳои мубориза бо терроризм инчунин, шаклҳои ҳамкориҳои кишварҳои узви созмон чунин муайян гардидааст:

✓ чорабиниҳои муштараки оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

✓ табодули маълумот, аз ҷумла, маълумоти хусусияти махфӣ дошта;

✓ расонидани ёрии ҳуқуқӣ;

✓ гузарондани машқҳои муштараки зиддитеррористӣ, омода намудани кадрҳо, гузаронидани таҳқиқоти гуногуни илмӣ дар ин самт.

Кишварҳои узви созмон бо мақсади мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм созишномаҳои зеринро ба тасвиб расонидаанд:

➢ Низомнома оид ба Феҳристи ягонаи тафтишотии шахсоне, ки аз ҷониби хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои СҲШ барои содир кардан ё гумонбарӣ дар содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, сепаратистӣ ва экстремистӣ ба рӯйхати кофтукоби байналмилалӣ гузошта шудаанд;

➢ Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ошкор ва бастани каналҳои вуруди шахсони ба терроризм, сепаратизм ва ифротгарой муттаҳамгашта ба қаламрави давлатҳои аъзои СҲШ;

➢ Созишнома дар бораи махзани маълумоти Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ;

➢ Созишнома дар бораи омода намудани кадрҳо барои сохторҳои зиддитеррористии кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай;

➢ Созишнома дар бораи сохтори минтақавии зиддитеррористӣ.

Ҳамчунин, ҷиҳати тақвият бахшидани мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ соли 2004 Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ СҲШ таъсис дода шудааст, ки ҳадафи асосии он ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти аз ҷониби давлатҳои аъзо оид ба мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм пешниҳодшуда, ташкили махзани маълумот оид ба сохтори зиддитеррористӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба рушди ҳамкориҳо дар минтақа ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки Сохтори минтақавии зиддитерористӣ (СМЗ) ягона мақомоти ғайримаъмурии доимии

СҲШ дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм ва сеператизм маҳсуб меёбад, ки ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои кишварҳои узви созмонро дар ин самт ба танзим медарорад. Илова ба ҳамоҳангсозӣ, СМЗ ба давлатҳои аъзо иттилоот ва махзани маълумот доир ба созмонҳои террористӣ ва ашхосе, ки бо фаъолияти террористӣ алоқаманд, инчунин оид ба вазъ, динамика ва тамоюлҳои паҳншавии терроризм, ки ба давлатҳои аъзо таъсир мерасонанд, ҷамъ оварда пешниҳод менамояд [5.35-41].

Яке самтҳои афзалиятноки ҳамкории кишварҳои узви созмон дар чаҳорчуби СМЗ гузаронидани тамринҳо ва машқҳои ҳарбӣ бо иштироки низомиёни кишварҳои узви созмон бо мақсади баланд бардоштани малакаи ҷангии низомиён бар зидди ҳамагуна таҳдидҳо, аз қабили терроризм ва экстремизм мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар чаҳорчуби фаъолияти Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ, шуруъ аз соли 2005 машқҳои муштараки ҳарбии «Рисолати сулҳҷӯёна» ҳамасола бо иштироки қисмҳои низомии давлатҳои аъзои СҲШ баргузор мегардад.

Моҳи сентябри соли 2021 дар тамрингоҳи “Донгуз”-и вилояти Оренбург бо иштироки қисмҳои фармондеҳии кишварҳои узви созмон ва Белорус амалиёти тамринии зиддитеррористии “Рисолати сулҳҷӯёна-2021” гузаронида шуд, ки дар он 5,5 хазор нафар низомиён ва 1,5 ҳазор техникаҳои ҳарбӣ иштирок намуданд. “Рисолати сулҳҷӯёна-2021” дар таърихи СҲШ яке аз бузургтарин амалиёти тамринӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳи октябри соли 2021 дар шаҳри Пабби (Ҷумҳурии Исломии Покистон) аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори кишварҳои узви СҲШ таҳти унвони рамзии "Пабби-антитеррор-2021" машқҳои муштараки зиддитеррористӣ баргузор шуданд. Бояд қайд намуд, ки СҲШ нияти ба блоки ҳарбӣ мубаддал шуданро надошта, мақсади он танҳо мубориза бо зуҳуроти хавфноки замони муосир – терроризм, экстремизм ва сепаратизм мебошад.

Дар ҳазорсолаи нав, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ, низ мубрамият пайдо намуд, ки аз мадди назари кишварҳои узви созмон берун нест. Дар нишасти сарони СҲШ соли 2006, сарони давлатҳои аъзо Эъломия оид ба амнияти байналмилалии иттилоотиро ба тавсиб расониданд. Соли 2009 иштирокчиёни саммити СҲШ дар шаҳри Екатеринбурги ФР, «Эъломияи Екатеринбург оид ба зарурати фаврии вокуниш ба таҳдидҳои киберӣ»-ро қабул намуданд. Дар доираи СҲШ амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ ба монанди соҳибихтиёрии миллӣ, амният ва суботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Бо мақсади муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ, гурӯҳи коршиносон оид ба амнияти байналмилалии иттилоотӣ аз намояндагони кишварҳои аъзои СҲШ таъсис дода шудааст. Кишварҳои СҲШ – Тоҷикистон, Чин, Русия, ва Ӯзбекистон дар моҳи сентябри соли 2011, лоиҳаи қатънома оид ба амнияти иттилоотиро ба Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод намуданд [6].

Баргузории нишасти бахшида ба солгарди СҲШ дар Душанбе низ барои кишвари мизбон аҳамияти хоса ва рамзӣ дошт. Худи ғояи ташкили созмони минтақавии навъи нав дар пойтахти Тоҷикистон таҳия шуда буд. Он 5 июли соли 2000-ум дар ҳошияи нишасти таърихии Душанбе бо ширкати роҳбарони "панҷгонаи Шанхай" рух дод.

Муҳаққиқони сиёсӣ бар он назаранд, ки СҲШ ниҳоди муҳимми таъминкунандаи амният дар фазои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи ҳозира омилҳои зерин вазъи геополитикии минтақаро муайян мекунанд:

- мураккаб боқӣ мондани вазъияти Афғонистон ва таъсири он ба вазъи минтақа;
- бархурди манфиатҳои қувваҳои пешбари геополитикии ҷаҳон, ки дар муносибатҳои дуҷонибаи онҳо бо кишварҳои минтақа муайян мегардад;
- таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла, мушкилоти марбут ба истифодаи об, этно-ҳудудӣ, сарҳадӣ, байниқавмӣ, дохилиқавмӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, савдои наздисарҳадӣ, транзит ва ғайра);
- таҳдидҳои низомӣ.

Пас аз таъсис ёфтани СҲШ, кишварҳои узви ин созмон тавонистанд ба натиҷаҳои зерин ноил гарданд:

- доир ба масъалаҳои марзӣ, ки яке масъалаҳои ҳассос барои кишварҳои минтақа баҳисоб меравад, як қатор созишномаҳо ба тавсиб расонида шуданд. "Созишнома дар бораи эътимод ба соҳаи низомӣ дар минтақаи сарҳадӣ" (1996), ки бо номи "Эъломияи Шанхай" маъмул аст ва "Созишнома оид ба коҳиши мутақобилаи қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳадӣ" маъруф шудааст, ба мувофиқа расонида шуд, ки дар ҷаласаи дуюми ин созмон дар Маскав (1997) ба имзо расонида шудааст [7].
- дар сохтори СҲШ сохторҳои зерини ҳамоҳангсозӣ ҷиҳати нигоҳ доштани амният ва рушд таъсис дода шуданд;

Баргузории ҷаласаҳои пайвастаи роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои сарҳадӣ, вазирони мудофиа, вазирони корҳои хориҷӣ ва вазирони ҳолатҳои фавқулодда доир ба ҳалли масъалаҳои рӯзмарра;

Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини сулҳу субот ва мубориза бар зидди ҳамагуна хатарҳои замони муосир дар минтақа ба имзо расонида шуданд ва мавриди амал қарор дорад;

Хулоса, ҳамгироии кишварҳои узви СҲШ бар зидди ҳама гуна хатарҳое, ки бевосита ба амнияти давлатҳои минтақа таъсиргузор ҳастанд, мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамчунин, кишварҳои минтақа дар доираи созмонҳои гуногуни минтақавӣ ва байналмилалӣ бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар ҳама самтҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла, дар пойдории сулҳу субот ва амният ба роҳ мондаанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Нашрияи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон “25 қадам дар паҳнои олам” Душанбе “Ирфон” 2016 саҳ. 166.
2. 15 лет ШОС: история и развитие Шанхайской организации сотрудничества. URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/3355240
3. Васильева Н.А., Шамахов В.А. ШОС в новой геополитической архитектуре Большой Евразии //Государственная служба. 2015. № 6 (96). С. 37–42.
4. Шанхайская конвенция по борьбе с терроризмом, сепаратизмом и экстремизмом от 15.06.2001 г. // Бюллетень международных договоров. – 2004. – N 1. – С. 29 – 36.
5. Соглашение о региональной антитеррористической структуре ШОС от 7.06.2002 г. // Бюллетень международных договоров. – 2005. – N 3. – С. 35 – 41.
6. Стукалов В.В., Запорожец Е.В. Проблемы противодействия экстремизму в сети интернет // URL: 15 лет ШОС: история и развитие Шанхайской организации сотрудничества. URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/3355240


## РОЛЬ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА В БОРЬБЕ С ТЕРРОРИСТИЧЕСКОЙ И ЭКСТРЕМИСТСКОЙ УГРОЗОЙ В РЕГИОНЕ


В статье раскрывается сущность и задачи Шанхайской Организации Сотрудничества. ШОС является крупнейшая в мире региональная организация, которая объединила огромное географическое пространство и около половины населения нашей планеты и в последние годы динамично набирает широкий международный авторитет.

Важным в деятельности государств членов ШОС является проведение военных учений с целью обеспечения безопасности и угрозы против терроризма и экстремизма.

В статье также напоминается об идеи создания этой организации 5 июля 2000 года в столице Таджикистана и заслуга ШОС в укреплении сотрудничества членов организации. Также отмечается, что на долю ШОС сегодня выпала решении насыщенный различными событиями и тенденциями период – “исторического разлома” когда заканчивается одна эпоха и начинается другая – пока ещё непредсказуемая и неизвестная.



**Ключевые слова;** Шанхайская организация сотрудничества, терроризм, экстремизм, сотрудничество, регион, отношения, государства.


## THE ROLE OF THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION IN COMBAT THE TERRORISM AND EXTREMIST THREAT IN THE REGION


The article reveals the essence and tasks of the Shanghai Cooperation Organization. The Shanghai Cooperation Organization is the largest regional

organization in the world, which has united a vast geographical area and about half of the population of our planet, and in recent years has been dynamically gaining wide international prestige.

An important aspect of the activities of the member states of the Shanghai Cooperation Organization is the conduct of military exercises in order to ensure security and the threat of terrorism and extremism.

The article also recalls the idea of creating this organization on July 5, 2000 in the capital of Tajikistan, Dushanbe, and the merit of the Shanghai Cooperation Organization in strengthening the cooperation of members of the organization in various areas of development of countries. It is also said that the share of the Shanghai Cooperation Organization today fell to the decision of a period full of various events and trends - a period of "historical break" when one era ends and another begins - as yet unpredictable and unknown.

**Keywords;** Shanghai Cooperation Organization, terrorism, extremism, cooperation, region, relations, states.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Бедилзода Ҳусайн Кабут -** и.в. мудири шуъбаи масоили сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ-и АМИТ, номзади илмҳои сиёсӣ. Суроға:734025, Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33.тел: 907424422. E-mail:kbedilov@mail.ru

**Сведения об авторе: Бедилзода Хусайн** - кандидат политических наук, заведующий отдела политических проблем международных отношений ИФПП им. А. Бахавиддинова НАНТ. Тел: 907424422, E-mail:kbedilov@mail.ru

**About the author: Bedilzoda Husain** - Candidate of Political Sciences, head of department of political problems of international relations, IFPL named A. Bahovaddinov, National Academy of Science, Address Republic of Tajikistan, Dushanbe, 734025 Rudaki Ave., 33 Tel.: 907424422. E-mail:kbedilov@mail.ru

## АЗ ТАЪРИХИ РУШДИ РОБИТАҲОИ ДИПЛОМАТИВУ СИЁСӢ ВА ИҚТИСОДИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА**

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар мақолаи мазкур таърихи муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд мекунад, ки минтақаи Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ мавқеи хуб дошта, таваҷҷӯҳи кишварҳои абарқудрат ва давлатҳои ру ба рушдро ҷалб намудааст. Дар ҳамкорӣ бо Кореяи Ҷанубӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд имкониятҳои нави азхудкунии захираҳои табии хешро ба даст оранд. Густариш додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, саноатӣ, энергетикӣ ва тиҷоратии миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ метавонад, яке аз омилҳои асосии таъмини амният ва*

*рушди иқтисодӣ гардад. Сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ ба коркард ва истифодаи захираҳои табиии Осиёи Марказӣ нигаронида шудааст. Ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даҳсолаи охир дар ҳама соҳаҳо рушд ёфта, дар самти мустаҳкам намудани амнияти иқтисодии минтақа муҳим арзёбӣ мегарданд.*

***Калидвожаҳо:*** *Кореяи Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ, саноат, энергетика, инфрасохтор, минтақа, иқтисод, тиҷорат, ҳамкорӣ, захираҳои табиӣ, сармоягузорӣ, стратегия, давлатҳои бузург, воридот, содирот, геополитика.*

Дар раванди ҳамгирой ва бархурди манфиатҳо тамоми кишварҳои ҷаҳон, бахусус, кишварҳои қудратманд, баҳри татбиқи манфиатҳои миллӣ дар майдони сиёсӣ, пайваста дар рақобат мебошанд. Дар ин замина, Кореяи Ҷанубӣ бештар ба рушди муносибатҳои ҳамкорӣ дар самти иқтисод ва энергетика таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намудааст. Солҳои охир дар кишвар сиёсати иқтисодӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар гардидааст. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ дар таърихи робитаҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои ҷаҳон заминаи хубро ба вуҷуд оварда, пайваста ҳамкориҳои иқтисодиро бо дигар кишварҳо густариш медиҳад. Бо минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои иқтисодию энергетикиро пайваста рушд дода истодааст.

Сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ ба имкониятҳои иқтисодӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, аввалан бо кишварҳои ҳамсояи худ ҳамкориҳои иқтисодиро дар сатҳи ҳукуматӣ ба роҳ мондаанд. Афзалиятҳои ин ҳамкориҳо аз эҳтиёҷоти дохиливу беруна аз ҷониби ширкатҳои саноатӣ, ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ва инчунин рақобатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ муайян гардидааст. Аз ин рӯ, ҳукумати Корея ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ бештар ба ҳамкориҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар низоми либерализми иқтисодӣ барои муайян кардани вазъияти кишвар такя ба рушди иқтисод ва энергетика намуда, дари муомилоти иқтисодии байнисарҳадиро кушодааст. Дар системаи ҷаҳони муосир низоми либералӣ кишварҳои демократиро дар пешбурд ва пойдор гардонидани вобастагии байниҳамдигарӣ пайваста фаъол мегардонад. Барои ба даст овардани муваффақиятҳои назаррас ҳатто кишварҳои сотсиалистӣ низ омода буданд, ки бо ташвиқоти кишварҳои либерал-демократӣ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дохил гарданд. Солҳои охир кишварҳои пасошуравӣ низ лоиҳаҳои иқтисодӣ ва энергетикии кишварҳои Ғарбро қабул намудаанд [7.саҳ150].

Кореяи Ҷанубӣ тавассути рушди иқтисод ва энергетика аз як кишвари кишоварзӣ ба як кишвари саноатии тараққикарда табдил ёфт, ки ин як дастоварди беназир дар таърих боқӣ мондааст. Аз давраи ба ду тақсим шудани нимҷазираи Корея, Кореяи Ҷанубӣ такя ба рушди энергетика ва иқтисод намуда, бо ҳамаи кишварҳо робитаҳои сиёсиву иқтисодии худро вусъат додааст. Мавриди зикр аст, ки Кореяи Ҷанубӣ захираҳои табиии маҳдуд дорад. Аз ин рӯ, ашёи хом, махсусан, нефту газро аз кишварҳои хориҷа ворид менамояд. Маҳз талабот ба ашёи хом ва захираҳои табиӣ боис гардидааст, ки Кореяи Ҷанубӣ бо минтақаи Осиёи Марказӣ

ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, сол то сол ин ҳамкориҳоро мустаҳкам намояд.

Кореяи Ҷанубӣ аз замони анҷоми давраи ҷанги сард консепсияҳои гуногуни сиёсати берунаро таҳия кардааст. Дар соли 1988 дар давраи президентии Ро Тэ-вон дурнамои нави рушди кишварро ба вуҷуд овард. Он замон Кореяи Ҷанубӣ аз бӯҳрони диктатураи ҳарбӣ баромада буд. Бархе аз олимон оғози раванди таърихии сиёсати иқтисодии кишварро аз давраи Президенти собиқ Пак Чунг Ҳи меҳисобанд, ки "Эъломияи махсуси сиёсати хориҷӣ дар бораи сулҳ ва иттиҳод"-ро дар моҳи июни соли 1973 таҳия кардааст. Дар соли 1970, ҳангоми амалисозии "Муъҷизаи дарёи Ҳан" Корея ҳамкории бештарро бо дигар кишварҳо ба роҳ монд. Бо сабабҳои таъсири буҳронҳои сиёсӣ ин Эъломия амалӣ нагардида, танҳо дар охири солҳои 1980 амалисозии он воқеият пайдо карда, то имрӯз ҳамчун бозёфтҳои сиёсӣ нигоҳ дошта шудааст. Ин консепсия барои беҳтар намудани робитаҳо бо Кореяи Шимолӣ равона шуда, он аз "Консепсияи остполитикии Германияи Ғарбӣ" сарчашма гирифтааст. Сеул ба эҳтимоли муттаҳид шудан бо Шимол ба ҳалли мушкилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ таваҷҷӯҳ намудааст. Барои амалӣ намудани ин консепсия ба ифтитоҳи каналҳои нави муколама бо дигар кишварҳо зарурат пеш омад, ки дар ин самт бе иштироки Иттифоқи Советӣ ва Чин муваффақ шуда наметавонист. Дар ин роҳ, Президенти Корея Ро Тэ-ву ва роҳбари Иттифоқи Советӣ, Михаил Горбачёв дар Сан-Франсиско вохурданд, ки ин аввалин мулоқоти сарони ду кишвар буд [7, 152].

Пас аз даҳ сол, ҳангоми ба сари қудрат омадани Ким Дэ Чун консепсияи муҳимми дигаре бо номи "сиёсати офтобӣ"-ро таъсис доданд. Мақсади асосии ин консепсия коҳиш додани танишҳои Кореяи Шимолӣ ва пешниҳоди ҳамкорӣ барои ҳалли мушкилот дар нимҷазира буд. Барои фароҳам овардани имкониятҳои нав тавассути осон гардонидани мушкилот бо Кореяи Шимолӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ, кӯшишҳои худро равона сохтанд. Ҳадафи дигари "сиёсати офтобӣ" барқарор намудани мусолиҳа буд ва он тавассути ҳамкориҳои иқтисодӣ ба як унсури фаъол дар муносибат бо Шимол гардид. Аз ин лиҳоз, Сеул нақша дошт, ки танишҳоро бо Шимол коҳиш диҳад ва таваҷҷӯҳи худро барои дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ бо дигар минтақаҳо равона намуд. Дар давраи ҳукмронии Ким ин конскепсия сиёсати хориҷии Кореяро ташаккул дода, дар соли 2000-ум "Саммити байни Корея" бомуваффақият баргузор гардид.

Соли 1999 Корпоратсияи Hyundai Asan барои амалӣ сохтани лоиҳаҳои ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодӣ таъсис ёфт. Дар давраи минбаъдаи рушди Минтақаи сайёҳии кӯҳии Кумканг дар соли 2002 ва соли 2003 Минтақаи саноатии Кэсон бо сарфи миллиардҳо Вонни Кореягӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат тавассути ҳамкориҳои иқтисодӣ мусоидат намуд. Ин раванд ҳадафҳои осоиштаи Сеулро дар таҳияи сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд овард. Кореяи Ҷанубӣ қобилияти ҳалли низоъҳои худро такмил дода, равишҳои нав дар ҳамкориҳо бо дигар кишварҳоро ба вуҷуд овард [7, 153].

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ истиқлолияти давлатии худро ба даст овwarданд. Кореяи Ҷанубӣ яке аз аввалинҳо шуда, истиқлолияти давлатии кишварҳои Осиёи Марказиро ба расмият шинохта, ҳамкориҳои дуҷонибаву судмандро ба роҳ монд. Метавон гуфт, ки Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои камомӯхташуда ба шумор меравад. Солҳои охир кишварҳои абарқудрат ба ин минтақа таваҷҷӯҳ намудаанд. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ низ дар баробари Чин ва Ҷопон ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳаргии худро бо ин минтақа ба роҳ мондааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои табиӣ, аз қабили нефту газ, об, канданиҳои фоиданок, сангҳои қиматбаҳо, ангишт ва ғайраҳо мебошад. Яке аз сабабҳои асосии таваҷҷӯҳ ба минтақаи Осиёи Марказӣ дар он аст, ки Кореяи Ҷанубӣ кишвари истеҳсолкунанда буда, ба ашёи хом, махсусан, канданиҳои зеризаминӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ ҳамкориҳои иқтисодии худро бештар дар истеҳсоли ашёи хом, нефту газ, инчунин самтҳои энергетика, саноат, нақлиёт, техналогияи рақамӣ рушд дода истодааст.

Барои мустаҳкам намудани робитаҳо дар ин минтақа Форуми “5+1” яъне “Чин ва Осиёи Марказӣ”, “Ҷопон ва Осиёи Марказӣ” ва “Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ” ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки баҳри ба даст овардани манфиатҳо кишварҳои абарқудрат дар ин ҷо пайваста рақобат менамоянд.

Асосан манфиатҳои Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ ба рақобат ва баҳри дастрасӣ ба захираҳои зеризаминӣ, инчунин ба диверсификатсияи сиёсати хориҷии худ равона гардидааст. Прафессор Ҳонг Ванг Сок чунин қайд мекунад, ки таъсири “неоконтинентализм”-и муосир ба афзалиятҳои пешбурди сиёсати хориҷии кишвар таъсиргузор мебошад. Аз ин рӯ, Корея дигар наметавонад ҳамчун “ҷазира”-и дур дар қаъри Осиёи Шимолу Шарқӣ боқӣ монад, балки ба равандҳои континенталӣ ворид мегардад. Манфиатҳои фаъоли Кореяи Ҷанубӣ ба Осиёи Марказӣ дар асоси баромадан аз ҳалли мушкилоти низоъҳои ногувор ва фишорҳои ҳастаӣ муайян гардидааст [2, 75]. Ба ақидаи Э. Р. Расулов, манфиатҳои Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ дар доираи васеи омилҳои объективӣ ва мансубияти кишварҳо бо арзишҳои фарҳангии умумии Осиё, мукаммалсозии иқтисодиёти Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, мавҷудияти манфиатҳои умумӣ дар соҳаи энергетика, азнавсозии инфрасохтори саноатӣ ва инчунин мавҷуд будани диаспораи назарраси кореягӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ марбут мебошад [4, 232]. Ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз гардид, вале он замон равобити ҷонибҳо нисбатан суст буд. Дар ин давра шарики устувори Кореяи Ҷанубӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд, зеро ҷамъияти диаспораи кореягиҳо “корё сарам” дар Ӯзбекистон хело зиёд буд. Соли 2000-ум дар давраи президентии Ро Му Хён Стратегияи давлатии ҳамаҷонибаи пешбурди Кореяи Ҷанубӣ бо Осиёи Марказӣ қабул гардид. Дар соли 2009 “Ташаббуси нави

Осиё" қабул карда шуда, ба тавсеаи нақши Корея дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин барои ташаккули Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун як бозингари сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ, равона гардида буд [2, 76].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Кореяи Ҷанубӣ барои муайян намудани ҷойгоҳи сиёсиву геополитикии худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба робитаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ ва инфрасохторҳои саноатӣ таваҷҷӯҳ намудааст. Барои густариши робитаҳо Кореяи Ҷанубӣ "Стратегияи пешбурди давлатӣ"- ро қабул намуда, бо ин восита тавонист, заминаи нави назаррас дар ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта ва робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ бунёд созад. Кишварҳои абарқудрат дар минтақа маҳз дар самтҳои иқтисод, энергетика ва саноат рақобат намуда, дар байни бозингарони сиёсӣ таваҷҷӯҳ нисбат ба рақобатҳои геополитикӣ бештар гардида истодааст.

Дар соли 2007 нахустин "Форуми ҳамкории Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ" бомуваффақият ташкил шуда, ба ташаккули расмии механизми ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфт. Дар заминаи "Бозии бузург"-и кишварҳои абарқудрат, ба ҳамкориҳои дипломатии Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ таъсир расонд. Бо сабаби мураккабшавии вазъи геополитикии минтақаи Осиёи Шимолу Шарқӣ кишварҳои абарқудрат ба ҳамкориҳои дипломатии Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳ накардаанд, аз ин рӯ, ба Кореяи Ҷанубӣ муяссар гардид, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи худро муайян созад, инчунин бозорҳои нави энергетикиро кушода, иқтисодиёти ватаниро пурқувват намояд. Таҳкими робитаҳои дипломатӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳар ду ҷонибро водор сохт, ки ба бисёр масъалаҳои байналмилалӣ пайваста мутобиқ гардида, барои нуфузи худро нигоҳ доштан дар оянда, ба минтақа кӯмакҳои назаррас хоҳад расонд, аз қабили кашидани масири лулаи нефту газ дар Осиёи Марказӣ, аз силоҳи ҳастаӣ тоза намудани нимҷазираи Корея ва ғайра [8, 180].

Аз сабаби он, ки хусусиятҳои сохторҳои энергетикии Корея ва вобастагии он ба захираҳои нефту газ равона гардидааст, минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии дипломатии Кореяи Ҷанубӣ пас аз Ховари Миёна гардидааст. Агар ба ҳамкориҳои энергетикӣ ва таърихи муносибатҳои Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ пас аз ҷанги Сард назар кунем, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни ҳар ду ҷониб дар самти ниҳодина кардан ва муътадилгардонӣ густариш ёфтааст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ барои тавсеаи ҳамкориҳо ва имкониятҳои рушди муштарак бо кишварҳои Осиёи Марказӣ пайваста талошҳои худро равона месозад. Ҳадафҳои муқаррааргардидаи кишвар бо шиддат рушд кардани иқтисоди кишвар буд, ба монанди "дипломатияи энергетикӣ" ва "дипломатияи тиҷоратӣ", ки дар ин замина эътимоди мутақобилаи сиёсӣ, табодули фарҳангӣ, кафолати амнияту сулҳу субот ва ҳифзи муҳити зист ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Дар заминаи "Бозии бузург" таъсири

кишварҳои абарқудрат ба ҳамкориҳои дипломатии Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ ба назар мерасад [8, 181].

Дар замони муосир ва авҷ гирифтани фазои геополитикиву геосиёсӣ талабот ба нефту газ миёни кишварҳои абарқудрат яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои худ, Кореяи Ҷанубӣ "Форуми ҳамкории Кореяи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ"-ро ташкил дод, ки тавассути Форуми мазкур бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳои сиёсиву энергетикӣ ва иқтисодии худро густариш медиҳад. Яке аз ҳадафҳои Форуми мазкур таъмини амният дар минтақа, густариши ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ ва саноатӣ инчунин ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити ҷангал мебошад. Кореяи Ҷанубӣ тавонист бо ин восита ҳамкориҳои худро бо минтақаи Осиёи Марказӣ бештар гардонад.

Қобили зикр аст, ки аз соли 2008 ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Мрказӣ дар доираи консепсияи "Кореяи Ҷаҳонӣ"-и Президенти онвақта Ли Мён Бак ба расмият дароварда шуда, тибқи он консепсия Кореяи Ҷанубӣ худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун як кишвари қувваи миёна муаррифӣ намуд. Дар як муддати кӯтоҳ тавонист дар рушди соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ муваффақиятҳои назаррасро ба даст орад. Дар робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи "Ташаббуси Нави Осиё" (NAI-New Asia Initiative), ки соли 2009 ташкил шуда буд, ин мафҳум мазмуни нав гирифт. Кореяи Ҷанубӣ муддатҳои тӯлонӣ дар зери таъсири мадори "давлатҳои бузург" қарор дошт, вале дар як муддати кӯтоҳ тавонист дар рушди кишвар як ҷаҳиши бузургеро ба даст орад. Аз нигоҳи роҳбари Корея "модели рушд"-и Кореяи Ҷанубӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи арзанда шуда метавонад. Соли 2011 ниятҳои ҷиддии Кореяи Ҷанубӣ ба Осиёи Марказӣ дар сафари Ли Мен Бак дар минтақа қайд карда шудааст. Аз он вақт Кореяи Ҷанубӣ яке аз шарикони асосии иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ гардида, барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои стратегӣ дар соҳаҳои гуногун, аз қабили истихроҷи уран, нефт, газ ва ашёи хом, нақлиёт ва инфрасохтор сармоягузорӣ мекунад. Манфиатҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ дар Осиёи Марказӣ дастрасӣ пайдо карда, ба захираҳои табиӣ ва камтар намудани вобастагии худ аз Ховари Миёна мебошад. Ҳамзамон, метавон гуфт, ки Кореяи Ҷанубӣ 97% аз захираҳои энергетикии воридотӣ вобаста мебошад. 40%-и ниёзҳои нефтии Кореяро Эрон таъмин мекунад, вале бар асари фишорҳои ИМА Корея маҷбур шуд, ки таъминкунандагони нави алтернативиро пайдо намояд. Вобастагии афзоянда аз неруҳои ҳастаӣ Кореяро ба захираҳои уран вобаста мекунад. Таваҷҷуҳи Кореяи Ҷанубӣ ба саноат, сармоягузорӣ ва истихроҷи уран зиёд гардид. Ӯзбекистон ва Қазоқистон аз захираҳои зеризаминӣ бой буда, Кореяи Ҷанубӣ бо ҳардуи ин кишварҳо робитаҳои мустаҳками таърихию фарҳангӣ дорад. Диаспораи кореягиҳо дар ин ду кишвар хело зиёд мебошанд [1, 38].

Президенти собиқи Кореяи Ҷанубӣ Мун Ҷэ Ин моҳи апрели соли 2019 ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сафари расмӣ анҷом дода, дар натиҷаи музокирот бо

роҳбарони Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон як қатор созишномаҳо ба маблағҳои зиёд ба имзо расониданд. Тақвият додани ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ як қисми "Сиёсати нави Шимол"-и Сеул мебошад, ки мақсади асосии он ҷалби Кореяи Шимолӣ ба ҳамкориҳои судманд ва аз силоҳи ҳастаӣ холӣ кардани он кишвар буд. Таҳлилгарони кореягӣ Сангсу Ли натиҷаи асосии сафари роҳбари Кореяи Ҷанубӣ, дурнамои ташкили минтақаи озоди тиҷоратӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Иттиҳои Авруосиёро муайян намуда, хусусиятҳои "Сиёсати нави шимол"-и Сеулро чунин суол гузоштанд, ки чаро ҳамкориҳо бо Осиёи Марказӣ на дар формати бисёрсамта, балки дар шакли дуҷониба сурат мегирад?

Аввалан, Кореяи Ҷанубӣ мехоҳад ҳамкориҳои иқтисодии худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш диҳад. Дар рафти сафари Президенти Кореяи Ҷанубӣ Мун Ҷэ Ин дар се кишвари Осиёи Марказӣ дар доираи лоиҳаҳои тиҷоратӣ, тандурустӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва захираҳои энергетикӣ ба маблағи беш аз 28 млрд доллари амрикоӣ созишномаҳо ба имзо расид.

Дувум, ин сафар ҳамчунин ба дарёфти пуштибонӣ аз сулҳ дар нимҷазираи Корея ва холӣ намудани Кореяи Шимолӣ аз силоҳи ҳастаӣ равона шудааст. Сеул ба таҷрибаи аз силоҳи ҳастаи холӣ шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷӯҳ дорад. Масалан, Қазоқистон аз доштани силоҳи ҳастаӣ даст кашида, бузургтарин озмоишгоҳи ҳастаии ҷаҳонӣ Семипалатинскро бастааст. Бо ин роҳ ба кишвар имконият пайдо шуд, ки аз бузургтарин давлатҳои ҳастаӣ кафолати амниятӣ гирифта, раванди рушди иқтисодиро оғоз кунад.

Сеюм, яке аз авлавиятҳои асосӣ ин ҳамкориҳои энергетикӣ мебошад. Туркманистон аз захираҳои гази табиӣ бой мебошад ва мехоҳад, ки соҳаи сӯзишвории маданиро рушд диҳад. Ширкатҳои энергетикии Корея ба воридоти гази табиӣ дар минтақа таваҷҷуҳ доранд ва дар ивази он метавонанд технологияҳои барқароркунандаи энергетикиро таъмин кунанд. Кишварҳо имконияти татбиқи лоиҳаҳои муштараки энергетикиро дарояндаи наздик баррасӣ намуда, дар кони гази "Галкиниш" ва сохтмони заводи тозакунии гази табиӣ ва дар вилояти Киянлӣ заводи полимер ба мувофиқа расиданд [5.].

Осиёи Марказӣ минтақаест, ки бо мавқеи стратегии худ, захираҳои бойи энергетикӣ, маъдану оҳан ва нефту газ таваҷҷӯҳи кишварҳои дигарро ба худ ҷалб намудааст. Мавҷудияти диаспораи 300000-и кореягӣ, ки онҳоро "Корё сарам" меноманд, омили дигари таваҷҷуҳи Кореяи Ҷанубӣ ба минтақа мебошад.

Соли 2019 президенти онвақтаи Корея Мун Ҷэ Ин ва сарвазир Ли Нак Ён аз панҷ кишвари Осиёи Марказӣ дидан намуданд. Барои Кореяи Ҷанубӣ минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун як бозори нав дар маркази Авруосиё ба ҳисоб меравад, ки як минтақаи муҳим барои муваффақияти амалисозии сиёсати он мебошад. Ҳамин тариқ, Саммити дипломатии 2019-ро метавон чунин арзёбӣ намуд, ки ҳукумати Корея кишварҳои Осиёи Марказиро шарикони муҳимми боэътимоди худ мешуморад. Сафари президенти Корея ба се кишвари Осиёи Марказӣ

(Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон) ва боздиди расмии Сарвазири Корея ба ду кишвари дигари Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон ва Қирғизистон) ҳамкориҳои анъанавии дӯстона миёни Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Марказиро таҳким бахшида, консенсуси кишварҳои Осиёи Марказиро дар бораи сиёсати нави шимолӣ васеъ намуд. Ғайр аз ин, маънои таҳкими робитаҳои таърихию фарҳангиро гирифт. Мақсади ҳукумати Корея дар пешбурди “Сиёсати нави шимол” ва диверсификатсияи сиёсати дипломатӣ, иқтисодӣ ва густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ инъикос мегардад [6, 291].

Яке аз сарчашмаҳои таваҷҷӯҳи Кореяи Ҷанубӣ ба Осиёи Марказӣ таъмини амният ва рақобатҳои геополитикӣ дар минтақа мебошад. Имрӯз принсипҳои осоишта дар маъмурияти сиёсати берунаи Сеул мавқеи калидиро ишғол намудааст. Дар давраи ҷанги Корея байни солҳои 1950-1953 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Кореяи Ҷанубиро  дастгирӣ намуд.  Иттифоқи Советӣ ва Хитой бошад Кореяи Шимолиро дастгирӣ намуданд. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Ғарб муносибатҳои судманд ва зич дорад. Бо Хитой низ муносибатҳои худро дар доираи прагматикӣ ба роҳ мондааст. Ин вазъият боиси нобоварӣ миёни кишварҳо гардида, дар мавриди таъмини амният ва рақобатҳои геополитикӣ саволҳои гуногунро ба миён овард.

Иқтидори баланди иқтисодӣ ва технологии Сеул мавриди таваҷҷуҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ гардидааст. Дар ин замина, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамта миёни Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳким ёфта, аҳамияти Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Кореяи Ҷанубӣ афзоиш меёбад [3].

Хулоса, Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ мавқеи хуб дошта, таваҷҷуҳи кишварҳои абарқудратро ҷалб намудааст. Дар робита бо Кореии Ҷанубӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд имкониятҳои омӯхтанашудаи захираҳои табииро ба даст оранд. Солҳои охир, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, саноатӣ, энергетикӣ ва тиҷоратӣ миёни Кореяи Ҷанубӣ ва минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз омилҳои асосии таъмини амният ва рушди иқтисод гардид. Таваҷҷӯҳи кишварҳои абарқудрат дар минтақаи Осиёи Марказӣ маҳз ба захираҳои табиӣ мебошад. Барои таҳкими ҳамкориҳо кишварҳои абарқудрат пайваста талошҳои худро равона сохта, ҷиҳати ба танзим даровардани рақобатҳои геополитикӣ амнияти иқтисодиро дар минтақа таъмин намуда истодаанд. Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ солҳои охир дар ҳама соҳаҳо густариш ёфта, бо ин восита дар минтақа амнияти иқтисодӣ мустаҳкам хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ:

**1.** Алексеенкова Е. С. “Сравнительный анализ деятельности созданных в Центральной Азии форматов «5+1» (с участием США, Южной Кореи, Японии и ЕС)” /МЕЖДУНАРОДНАЯ АНАЛИТИКА //№ 1 (19) 2017 саҳ 38

URL:https://publications.hse.ru/pubs/share/direct/317350786.pdf (Санаи муроҷиат 13.04.2024)

**2.** Буланакова М. А "Евразийский вектор внешней политики Республики Корея: фактор Центральной Азии" //Политика/ сах 75 URL: https:// www. researchgate.net/publication/348843539 _Eurasian_Vector _of_ Foreign _Policy _of _the_Republic_of_Korea_the_Factor_of_Central_Asia // Санаи муроҷиат 30.04.2024

**3.** Значение Центральной Азии во внешней политике Южной Кореи URL:https://www.ankasam.org/the-importance-of-central-asia-in-south-koreas-foreign-policy/?lang=en&ysclid=lvnpxdphh2703729689(Санаимуроҷиат1.05.2024)

**4.** Расулов Э.Р "Центральная Азия во впешнеполитической стратегии Республики Корея"//Корейский полуостров в эпоху перемен/Москва ИДВ РАН 2016 / сах 232 URL:https:// docs. yandex.ru /docs /view? tm= 1718102401 &tld=ru&lang=ru&name=2016_Korean_Peninsuala_in_the_Epoch_of_changes .pdf&text=%D0%A0%D0%B0%D1%81%D1%83%D0%BB%D0%BE%D0%B2%20%D0%AD. (Санаи муроҷиат 7.06.2024)

**5.** Сангсу Ли "Южная Корея заинтересована в зоне свободной торговли с ЕАЭС – южнокорейский эксперт" URL:https://eurasia.expert/yuzhnaya-koreya-khochet-prodvigat-kazakhstanskuyu-model-razoruzheniya/ (Санаи муроҷиат 13.04.2024

**6.** LEE JI-EON "South Korea's 'New Northern Policy'and 2019 Summit Diplomacy to Central Asia" /Sharqshunoslik / Востоковедение / Oriental studies //2020, №2 URL:https://inlibrary.Uz/index.php/orientalstudies/article/view/16729?ysclid=lvankzihv6583813833 саҳ 290-291 (санаи муроҷиат 22.04.2024)

**7.** Mehmet Fatih Oztarsu, Mehmet Emin Erendor "South Korean Policy Towards Central Asia: An Exploratory Review on Economic Cooperation and Partnership Formation"/Вопросы истории (ежемесячный журнал), 10 (1) 2021 // URL:https://www.researchgate.net/publication/355214823_South_Korean_Policy_Towards_Central_Asia_An_Exploratory_Review_on_Economic_Cooperation_and_Partnership_Formation саҳ 50 Санаи мурочиат 3.04.2024

**8.** Yutong Guo, Jie Yang "The South Korean energy diplomacy in Central Asia in the post-soviet period: historical heritage and development trends" /Economics: Yesterday, Today and Tomorrow//. 2020 URL: http://www.publishing-vak.ru/file/archive-economy-2020-6/31-guo.pdf саҳ 180 (Санаи муроҷиат 14.05.2024)

**9.** Мирзоев Н.М., Ашуров А. Мирзоев Ҳ.Т. Осиёи Марказӣ дар доираи сиёсати хориҷии Фаронса: манфиат ва ҳадафҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Паёми Донишгоҳи Омузгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. ISSN 2219-5408. № 3 (98) 2022 Душанбе – 2022. Саҳ 322-326.

**10.** Мирзоев Ҳ. Саидов Б., Дмитриева М. Ҷумҳурии Корея ҳамчун самти нав барои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик. (The Republic of Korea as a new direction for tajik labour migrants) // Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2022 – № 4 (12). Саҳ. 119-126. ISSN 2790-7198. (бо забони англисӣ).

## ОБ ИСТОРИИ РАЗВИТИЯ ПОЛИТИЧЕСКИХ И ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ ЮЖНОЙ КОРЕИ СО СТРАНАМИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье рассматривается история политических и экономических отношений между Южной Кореей и Центральной Азии. Автор отмечает, что регион Центральной Азии занимает хорошее положение с точки зрения географического положения и привлекает внимание стран сверхдержав и развивающихся стран. В сотрудничестве с Южной Корее страны Центральной Азии могут получать неизведанные возможности природных ресурсов. Расширение экономического, промышленного, энергетического и коммерческого сотрудничество между Южной Корее и регион Центральной Азии может стать одним из основных факторов обеспечения безопасности и экономического развития в регионе. Внешняя политика Южной Кореи ориентирована на освоение и использование природных ресурсов Центральной Азии, что способствует укреплению сотрудничества между Южной Кореей и Центральной Азией. Двустороннее и многостороннее сотрудничество Южной Кореи со странами Центральной Азии в последнее десятилетие развивается во всех сферах, что считается важным в направлении укрепления безопасности региональной экономики.

**Ключевые слова:** Южная Корея, Центральная Азия, промышленность, энергетика, инфраструктура, экономика, торговля, сотрудничество, природные ресурсы, инвестиция, стратегия, великие державы, импорт, экспорт, геополитика.

## FROM THE HISTORY OF THE DEVELOPMENT OF DIPLOMATIC, POLITICAL AND ECONOMIC RELATIONS OF SOUTH KOREA WITH CENTRAL ASIA

This article examines the history of diplomatic, political and economic relations between South Korea and Central Asia. The author notes that the Central Asian region has a good position in the political field in terms of geographical location and has attracted the attention of superpower countries and developing countries, including South Korea. In cooperation with South Korea countries of Central Asian can get new opportunities to exploit their natural resources. Expansion of economic, industrial, energy and commercial cooperation between South Korea and the Central Asian region can become one of the main factors of ensuring security and economic development in the Central Asian region. The foreign policy of South Korea is focused on the development and use of natural resources of Central Asia, which contributes to the strengthening of cooperation between South Korea and Central Asia. South Korea's bilateral and multi-directional cooperation with the countries of Central Asia has been developing in all fields in the last decade, which is considered important in the direction of strengthening the security of the regional economy.

**Keywords:** South Korea, Central Asia, industry, energy, infrastructure, region, economy, trade, cooperation, natural resources, investment, strategy, great powers, import, export, geopolitics.

**Маълумот дар бораи муалиф: Файзуллаева Нигора Негматовна** - ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ; Суроға: 735025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33, тел: +992 901-22-88-18 E-mail faizulloevanigora123@gmail.com

**Информация об авторе: Файзуллаева Нигора Негматовна** - научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:735025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33, тел: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

**About the author: Faizullaeva Nigora Negmatovna** - a research fellow at the Southeast Asia Department of the Institute for the Study of Asian and European Problems of the NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33, phone: +992 901-22-88-18, E-mail: faizulloevanigora123@gmail.com.

# ПОЛИТИКА КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ В ОТНОШЕНИИ АФГАНИСТАНА

**РАХИМОВ ФАРИДУН**

Докторант PhD, научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*Статья анализирует дипломатические отношения между Китаем и Афганистаном в контексте возвращения Талибана к власти в августе 2021 года. Рассматриваются вызовы и перспективы взаимодействия Китайской Народной Республики с Талибаном, исследуются исторические связи и современные реалии. Особое внимание уделяется стратегии Китая, направленной на защиту своих экономических и стратегических интересов и расширение глобального влияния, а также обеспечение региональной стабильности. Автор подробно исследует дипломатические действия, включая трёхсторонние встречи с Китаем, Афганистаном и Пакистаном, инициативу «Один пояс, один путь» (BRI), а также стратегию сотрудничества Китая и отношения с Талибаном. Также обсуждаются темы международного признания Талибана, экономической и гуманитарной помощи Китая Афганистану, а также риски и возможности для будущего регионального сотрудничества.*

***Ключевые слова:*** *Талибан, восстановление Афганистана, инициатива "пояс и путь", трёхсторонний диалог, международное признание, региональная стабильность, экономические интересы, гуманитарная помощь, стратегическое влияние.*

Коллапс правительства в августе 2021 года и возвращение к власти Талибов стали началом новой главы взаимоотношений между Китаем и Афганистаном. Китай был одной из тех немногих стран, которые не закрыли свое посольство в Кабуле. Пекин поддерживал обширные дипломатические контакты с руководством Талибан для защиты своей безопасности, экономических и стратегических интересов в Афганистане [16], официально приняв делегацию представителей режима в июле 2021 года. С тех пор китайские власти неоднократно заявляли, что поддерживают свободу афганцев выбирать свою судьбу, указывая на то, что триумф Талибов отражает волю народа [7].

В июне 2021 года Китай инициировал трехсторонний диалог с участием своего министра иностранных дел и его коллег из Афганистана и Пакистана. Цель диалога заключалась в решении проблем, связанных с отводом войск Соединенных Штатов и НАТО на ключевом этапе афганского мирного процесса. В ходе диалога все три министра акцентировали важность мирного решения конфликта в Афганистане и настаивали на «ответственном» выводе американских войск из страны. Китай в очередной раз подчеркнул свою поддержку мирному восстановлению Афганистана и выразил готовность укреплять экономические и коммерческие связи с Кабулом, а также помогать укреплению потенциала, необходимого для саморазвития страны.

Стратегия Китая преследует несколько целей, включая защиту собственных экономических интересов, расширение глобального влияния и обеспечение стабильности как внутри своих границ, так и на периферии. В условиях продолжающегося конфликта и развивающейся региональной динамики, перспектива стабильного Афганистана представляет собой для Китая возможность выстроить соседские взаимоотношения в соответствии с общими стратегическими целями [9].

В конце октября 2021 года госсоветник и министр иностранных дел Ван Ий предложил 4 шага в области политики в отношении развития и безопасности Афганистана. Во-первых, построение более открытой и разносторонней политической архитектуры, которая учтет интересы каждой этнической группы. Во-вторых, провести определенные реформы, направленные, в том числе, на обеспечение безопасности, а также на защиту прав и интересов женщин и детей. В-третьих, окончательно разорвать все связи с террористическими группировками, включая Исламское государство и Исламское движение Восточного-Туркестана (ИДВТ), приложив максимальные усилия для борьбы с ними. В-четвертых, разработать четкую международную стратегию, которая позволит Афганистану жить в мире с другими странами, особенно с ближайшими соседями [4].

После прихода к власти Талибов Китай активно продолжил кооперативную стратегию. Серия проведенных встреч показала, что Китай, стремясь к долгосрочным интересам, готов к сотрудничеству. Высокопоставленный дипломат дал понять, что дружба между Китаем и Афганистаном остается крепкой на протяжении уже многих лет. Его собеседник, представитель Талибов Маулави Абдул Ханафи, также ответил положительным жестом, обещая, что

новое правительство не позволит никакой силе использовать афганскую землю в ущерб интересам Китая. Он также подчеркнул, что Талибы сделают все возможное для обеспечения безопасности китайских организаций и сотрудников в Афганистане. В ответ Китай заверил Кабул, что продолжит оказывать экономическую и гуманитарную помощь. Китайскую кооперативную позицию также поддержал Пакистан. Эти события ясно показывают, что выбранные обеими сторонами стратегии являются кооперативными и обеспечивают Пекину и Кабулу максимальные выгоды.

Несмотря на восстановление отношений и официальные визиты, большую часть прошедшего десятилетия дипломатические отношения Китая и Афганистана базировались на политике осторожного взаимодействия. Китай отклонял предоставление помощи силам США и ИСАФ и воздерживался от участия китайских вооруженных сил в военных действиях. Другими словами, правительство КНР придерживалось политики невмешательства во внутренние дела Афганистана, что неоднократно вызывало негативные комментарии в западных СМИ.

Хотя китайское правительство поддерживало двусторонние дипломатические отношения с афганским правительством, начиная с 2001 года, оно никогда полностью не прекращало контактов с Талибами. Эти контакты ещё более активизировались после 2014 года, когда администрация президента Обамы объявила дату вывода американских войск с территории Афганистана. В этом же году Китай назначил своего первого специального представителя по вопросам Афганистана и стал активно участвовать в политическом посредничестве между афганским правительством и Талибами, принимая участие в Квадрилатеральной координационной группе (QCG) вместе с Пакистаном и Соединенными Штатами, а также в формате Московского диалога в 2016 и 2017 годах соответственно. Также, в период между 2014 и 2019 годами Китай несколько раз принимал Талибов на своей территории. Все эти усилия, по словам китайского лидера Си Цзиньпина, были предприняты в поддержку «комплексного и всеобъемлющего процесса примирения, проводимого афганцами и принадлежащего им», среди различных политических фракций страны. Фасилитация и вовлеченность Китая также гарантировали, что у него будет доступ к тем, кто в итоге возглавит правительство, включая лидеров движения Талибан.

В июле 2021 года, за месяц до захвата власти Талибами, Китай провёл важную встречу с делегацией из девяти представителей движения, возглавляемой главой политической комиссии Талибов. На встрече министр иностранных дел Китая Ван Ии признал движение Талибан как «критическую военно-политическую силу в стране, которая, вероятно, сыграет важную роль в процессе мира, примирения и восстановления Афганистана». В августе, за несколько дней до падения Афганской республики, представитель Министерства иностранных дел Китая, отвечая на вопрос о том, что будет означать для Китая правительство Талибов в Афганистане, заявил, что Китай «готов продолжать развивать добрососедство и дружеское сотрудничество с Афганистаном» [14].

Здесь хочется остановиться на амбициозной инициативе «Belt and Road» (BRI), которая представляет собой проект по развитию инфраструктуры и направлена на создание связей между несколькими континентами. Учитывая своё стратегическое расположение, Афганистан имеет потенциал стать важным мостом для связи Китая с Центральной Азией и другими регионами. Стабильность Афганистана является ключевым фактором для успеха основных проектов BRI, включая китайско-пакистанский экономический коридор (CPEC). Для достижения экономических и дипломатических целей Китая становится необходимым эффективное внедрение проектов BRI, способствующих экономическому развитию Китая и справедливому развитию Афганистана.

В сообщениях СМИ говорилось, что Талибан договорился с Китаем и Пакистаном о распространении инициативы «Пояс и путь» на Афганистан, тем самым потенциально привлекая миллиарды долларов для финансирования инфраструктурных проектов в стране, пострадавших от санкций [15]. В сообщениях также упоминалось, что министр иностранных дел Цинь Ган и его пакистанский коллега Билавал Бхутто Зардари встретились в Исламабаде и пообещали вместе работать над процессом восстановления Афганистана, включая передачу китайско - пакистанского экономического коридора стоимостью 60 миллиардов долларов в страну, управляемую Талибами.

«Обе стороны договорились продолжать оказывать гуманитарную и экономическую помощь афганскому народу и расширять сотрудничество в целях развития Афганистана, в том числе посредством распространения КПЭК на Афганистан», - цитируется в докладе совместное заявление, опубликованное министерством иностранных дел Пакистана по итогам встречи. В докладе также говорится, что испытывающее нехватку денежных средств режим Талибан выразило готовность участвовать в проекте с перспективой получения необходимых инвестиций.

В то же время, Китай понимает, что нестабильность в Афганистане будет иметь серьезные последствия для безопасности западных провинций Китая и может стать преградой на пути к его экономическим амбициям, поскольку успех Инициативы «Belt and Road» (BRI) и других проектов зависит от мирного соседства [11].

На сегодняшний день ни одна страна или международная организация, такие как ООН или ОИС, не признают режим Талибан легитимной властью в стране. Кроме того, большинство высших лидеров талибов, включая министра иностранных дел, до сих пор находятся в списках санкций ООН и США и не могут свободно путешествовать за рубеж. Эти проблемы, вместе с прекращением международной помощи в развитии, замораживанием банковских резервов Афганистана, хранимых в Нью-Йорке, и санкциями, наложенными на банковскую систему Афганистана после возвращения Талибов, означают, что Афганистан до сих пор далек от решения своих политических и экономических проблем и становления нормально функционирующим государством на мировой арене. Хотя Китай и Россия были против постоянного военного присутствия США в

Афганистане, между тремя державами существовал определенный консенсус по вопросу мира и стабильности в Афганистане. Фактически, Афганистан стал тем самым местом, где эти страны были готовы отложить свое соперничество и регулярно встречаться в рамках «Тройки» с начала 2019 года для координации усилий в поддержку мирных переговоров США и Талибан и вывода сил США/НАТО из Афганистана [1].

Можно смело утверждать, что для режима Талибан, который оказался в экономической, дипломатической и финансовой изоляции, сотрудничество с Китаем является привлекательным, учитывая экономическое и политическое влияние последнего на мировой арене. Китай продолжает поддерживать некоторые аспекты позиции Талибов на форумах ООН, такие, как снятие заморозки с санкционированных активов. Без формального дипломатического признания режима Талибан, заявления Китая, подчёркивающие независимость и суверенитет Афганистана, а также признание «объективной реальности» их правления, представляют собой молчаливое признание легитимности режима. Пекин сделал несколько официальных заявлений о необходимости проведения режимом Талибан реформ в аспектах этнической, гендерной и политической инклюзивности. Однако, такие призывы вряд ли повлияют на сущность отношений между Китаем и Талибаном, поскольку они фундаментально не затрагивают стабильность в Афганистане и в регионе в целом. В отличие от других крупных держав, у Китая нет истории прямого вмешательства или вторжения, что позволяет ему сохранить определённое благосклонное отношение среди лидеров Талибан, чьи основные обиды касаются Запада. Талибан даже назвал Китай своим «главным партнёром» в восстановлении страны и «билетом Афганистана на рынки всего мира».

В принципе, такие отношения способствуют достижению Китаем своих более широких целей в области безопасности и экономики. Они также зависят от внутренних идеологических позиций Талибан, которые были поставлены в жесткие рамки, даже в ущерб собственным целям по достижению международного признания. Внешнее давление, включая санкции, мало что сделало, чтобы убедить режим Талибан изменить курс в вопросах прав человека, гендерного равенства или этнической и политической инклюзивности. Это говорит о том, что есть предел тому, чего Китай может достичь с помощью своего дипломатического подхода «кнута и пряника». Более того, риски для Китая усиливаются тем, что другие конкурирующие экстремистские группировки могут критиковать движение Талибан за слишком близкое сотрудничество с Китаем в области безопасности, например, в вопросе экстрадиции уйгуров в Китай, что может представлять угрозу внутренней легитимности движения Талибан и накладывать ограничения на углубление партнерства между Китаем и Афганистаном.

Другие скрытые факторы также могут объяснить медленный темп и выжидательную стратегию выстраивания отношений Китая с Талибами. Среди них модальность взаимодействия: непосредственно или через посредника (например, Пакистан). Взаимодействие через Пакистан вызывает опасения из-за

влияния, которое это дает пакистанцам. Взаимодействие непосредственно с идеологически мотивированной группой с историей несогласованной внешней политики несет непредсказуемые риски [2].

Тем не менее, Китай продолжает активно участвовать в многосторонних и мини-латеральных инициативах, ориентированных на Афганистан. Третье заседание министров иностранных дел среди стран – соседей Афганистана, проведенное в Тунси, в китайской провинции Аньхой в марте 2022 года, привело к консенсусу по поддержке восстановления Афганистана.

Китай также продолжает работу в Московском формате консультаций, последнее заседание которого состоялось 29 сентября 2023 года с участием представителей всех непосредственных соседей Афганистана и ключевых региональных игроков. Кроме того, Китай принимает участие в региональной конференции, организованной ежегодно с 2018 года Узбекистаном в Ташкенте.

Стоит отметить, что многие китайские политики надеялись, что Афганистан может стать точкой сотрудничества в напряженных отношениях между Китаем и США. В марте 2022 года встреча Группы контакта Четырех стран с участием США прошла в кулуарах заседания министров иностранных дел в Тунси.

Не секрет, что Китай стремится расширить свою региональную гегемонию и утвердиться в качестве основного игрока. Китай стремится использовать свою мягкую силу, взаимодействуя с Афганистаном и укрепляя дипломатические союзы. Этот стратегический шаг направлен на то, чтобы позиционировать Китай как державу, оказывающую первостепенное влияние в регионе, укрепляя его связи с соседними странами и усиливая его общее влияние. Китай стремится позиционировать себя как сознательная глобальная держава, активно способствующая региональной стабильности и спокойствию. Посредством активного участия в усилиях по восстановлению Афганистана и поддержки мирных инициатив, Китай стремится заявить о себе как о надежном партнере и укрепить свой имидж ответственного субъекта на мировой арене.

Остается верить, что Китай приложит усилия для стимулирования этих процессов и будет более активно содействовать созданию условий, благоприятных для стабильности и экономического развития Афганистана.

Три основных сценария существуют в пределах широкого спектра будущих возможностей для китайско-афганских связей, которые могут оказать глубокое влияние на Афганистан и его отношения с Китаем. Все они несут долгосрочную стратегическую неопределённость для Афганистана и региона в целом. Первая сценария остаётся наиболее вероятным на ближайшую перспективу. Это продолжение существующей ситуации, но с ещё более высокими человеческими потерями в результате высокой нестабильности, бедности и голода, вся тяжесть которых ложится на плечи афганского населения. Вторичные последствия такого сценария могут включать в себя проблемы безопасности в стране и в регионе, включая исламистскую угрозу для Китая в Синьцзяне. С учётом текущих тенденций ИСКП (Islamic State Khorasan Province), скорее всего, будет продолжать расти и угрожать интересам Европы и ее союзникам в регионе. ИСКП

также может приобрести возможность планировать международные атаки из Афганистана, как предполагает США. Экономические проблемы и проблемы безопасности могут еще больше разъединить лидерство Талибов между радикалами и политическим филиалом. Такие разногласия могут отодвинуть надежды на инклюзивное правительство, возглавляемое Талибами, ещё дальше и, в худшем случае, привести страну к вакууму власти.

Второй сценарий касается экономического участия Китая в Афганистане, которое предполагает крупномасштабные инвестиции Китая в инфраструктуру и эксплуатацию природных ресурсов Афганистана. Это способствовало бы развитию афганской экономики, потенциально облегчив текущий гуманитарный кризис, хотя обстоятельства этого развития могут быть разными. Они могут происходить из реинтеграции Афганистана в более широкую международную систему, следуя за прогрессом в области прав человека, а также инклюзивного режима Талибан. Учитывая недавние нарушения свободы и прав человека в этой стране, в частности запрет на работу женщин в НПО, это кажется маловероятным. Если этот сценарий реализуется, то он сблизит Китай и Афганистан, обеспечив Китаю основной доступ к значительным запасам природных ресурсов. На следующем этапе эти отношения могут дополнительно перевесить баланс сил в Центральной Азии в пользу Китая [5].

Афганистан занимает особое место в дипломатии Китая, учитывая свои совместные, пусть и небольшие границы. В период президентства Си Цзиньпина важность Афганистана в китайской внешней политике и дипломатии растет и занимает более позитивную позицию в отношении возможного примирения между афганцами [3]. Стратегия Китая в отношении Афганистана основана на динамике безопасности, коммерции и общественной политики. Эти стратегические предпочтения показывают, что правительство КПК осознает важность Кабула для экономических и геополитических интересов страны. Следовательно, окончательной целью Пекина является создание области стабильности вдоль своего западного периферийного края, обеспечение безопасного коридора в богатый энергией регион Ближнего Востока, развитие всесторонних торговых и инвестиционных возможностей и распространение китайской мягкой силы для увеличения общей стратегической протяженности страны.

В заключение, китайскую политику в Афганистане можно рассматривать как часть более крупного эксперимента Pax Sinica, в рамках которого Китай, под институциональным зонтом ШОС, будет возглавлять безопасный и процветающий регион. Афганистан, в этом контексте, предоставляет поле испытаний для региональной стратегии Китая. Учитывая, что Великобритания, СССР и, недавно, США потерпели неудачи в военном отношении в Афганистане, любое достижение Китая послужит подтверждением жизнеспособности международной модели управления Пекина. Участие Китая в Афганистане характеризуется осторожной и адаптивной стратегией. Пекин стремится обеспечить свое присутствие в будущем Афганистана, осознавая важность своего

вклада в будущее этой страны [13]. В то же время, Соединенные Штаты и их союзники испытывают обеспокоенность в связи с усилением влияния Китая, что повышает вероятность возникновения новой "Большой игры".

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Азами, Д. (2024, 12 января). Китай, Россия и большая политика в Афганистане и Центральной Азии. Центральноазиатский политический центр. https://www.caspianpolicy.org/research/central-asia/china-russia-and-great-power-politics-in-afghanistan-and-central-asia

2. Айран, Ф., и Рахими, Л. (2022, 15 мая). Перспективы экономических отношений Афганистана и Китая. https://biruni.af/wp-content/uploads/2022/05/The_Prospects_of_Afghan_China_Relationship.pdf

3. Ариа, А., Таеб, М., и Зазаи, А. (2023). Новый подход Китая к дипломатии соседства: анализ экономических и политических отношений с Афганистаном после 2014 года. Журнал гуманитарных и социальных наук, 5, 94-101. https://doi.org/10.32996/jhsss.2023.5.8.11

4. Аскари, М., и Халид, Т. (2023). Политика Китая в отношении Афганистана и ее влияние на Индию. Китайский квартальник международных стратегических исследований, 1-20. https://doi.org/10.1142/S237774002350001X

5. ван Виринген, К., и Клостр, Ж. (2023). Будущее сино-афганских отношений: влияние на интересы ЕС и стратегическую автономию. https://www.researchgate.net/publication/372140971_Future_of_Sino-Afghan_relations_Impacts_on_EU_interests_and_strategic_autonomy

6. Группа изучения Афганистана Института мира США (2021, февраль) Дорога к миру в Афганистане. https://www.usip.org/sites/default/files/2021-02/afghanistan_study_group_final_report_a_pathway_for_peace_in_afghanistan.pdf

7. Джами, М., Ризван, А., и Таиб, Р. (2021). Непройденный путь: Сино-афганские отношения в области безопасности после 2021 года. Фонд Фридриха Эберта (FES) Афганистан и Институт исследований войны и мира. https://library.fes.de/pdf-files/bueros/kabul/18638.pdf

8. З. Юсафзай (2022, октябрь) Интересы Китая в Афганистане: Год после ухода США. https://jamestown.org/program/chinas-interests-in-afghanistan-one-year-after-the-u-s-withdrawal/

9. Лиакат, С., и Аббаси, А. Х. (2023, 4 августа). Афганистан в большой стратегии Китая. The Diplomat. https://thediplomat.com/2023/08/afghanistan-in-chinas-grand-strategy/

10. М. Акхтер (2021, июнь) Политика Китая в Афганистане: Внутренние факторы, формирующие развитие. https://www.researchgate.net/publication/359169327_China's_Policy_in_Afghanistan_Internal_Factors_Shaping_Developments

11. Пандей, Ш. (2019, 6 августа). Понимание политики Китая в отношении Афганистана: от рассчитанного равнодушия к стратегическому вовлечению. Наблюдательный фонд исследований.

https://www.orfonline.org/research/understanding-china-s-afghanistan-policy-from-calculated-indifference-to-strategic-engagement

12. Р. Вайц (2015, ноябрь) Китай и Афганистан после ухода НАТО. https://jamestown.org/jamestown/wp-content/uploads/2015/11/China_and_Afghanistan_After_the_NATO_Withdrawal.pdf

13. Серафеттин Ильмаз (2012, декабрь). Афганистан: новая граница Китая? https://www.e-ir.info/2012/12/19/afghanistan-chinas-new-frontier/

14. Чжоу, Дж., Су, Ф., и Юань, Дж. (2022, ноябрь). Осторожные шаги: след Китая в Афганистане под управлением Талибана. SIPRI. https://doi.org/10.55163/OVBO3684

15. ANI news (2023, май) Китай, Пакистан включают Афганистан, управляемый Талибан, в инициативу Belt and Road. https://www.aninews.in/news/world/asia/china-pakistan-include-taliban-ruled-afghanistan-in-belt-and-road-initiative20230510165437/

16. Global Times (2021, август) Китайское посольство в Афганистане функционирует нормально. Талибан обещают безопасность посольству: посол. https://www.globaltimes.cn/page/202108/1231771.shtml

## СИЁСАТИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР САМТИ АФҒОНИСТОН

Мақола муносибатҳои дипломатии байни Чин ва Афғонистонро дар заминаи бозгашти Толибон ба қудрат дар августи соли 2021 таҳлил мекунад. Чолишҳо ва дурнамои таомули Ҷумҳурии Мардумии Чин бо Толибон дар назар гирифта шуда, равобити таърихӣ ва воқеиятҳои муосир мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таваҷҷуҳи махсус ба стратегияи Чин, ки ба ҳифзи манофеи иқтисодӣ ва стратегии худ ва васеъ кардани таъсири глобалӣ, инчунин таъмини суботи минтақавӣ равона шудааст, дода мешавад. Муаллиф иқдомҳои дипломатиро, аз ҷумла, мулоқоти сеҷониба бо Афғонистон ва Покистон, Лоиҳаи "Камарбанд ва Роҳ" (BRI), инчунин стратегияи ҳамкории Чин ва муносибат бо Толибонро ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Мавзуъҳои эътирофи байналмилалии Толибон, кумакҳои иқтисодӣ ва башардӯстонаи Чин ба Афғонистон, ҳамчунин хатарҳо ва имкониятҳо барои ҳамкории минтақавии оянда низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Калидвожаҳо**: Толибон, бозсозии Афғонистон, лоиҳаи "Камарбанд ва роҳ", мулоқоти сеҷониба, эътирофи байналмилалӣ, суботи минтақавӣ, манофеи иқтисодӣ, кумаки башардӯстона, таъсири стратегӣ.

## POLICY OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA TOWARDS AFGHANISTAN

The article analyses the diplomatic relations between China and Afghanistan in the context of the Taliban's return to power in August 2021. The challenges and prospects of the People's Republic of China's interaction with the Taliban are

considered, with historical relations and contemporary realities being examined. Special attention is given to China's strategy aimed at protecting its economic and strategic interests and expanding its global influence, as well as ensuring regional stability. The author investigates in detail the diplomatic actions, including the trilateral meetings of China with Afghanistan and Pakistan, the Belt and Road Initiative (BRI), and China's cooperation strategy and relations with the Taliban. The topics of international recognition of the Taliban, China's economic and humanitarian aid to Afghanistan, as well as risks and opportunities for future regional cooperation, are also discussed.

**Keywords**: Taliban, Afghanistan reconstruction, belt and road initiative, trilateral dialogue, international recognition, regional stability, economic interests, humanitarian aid, strategic influence.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимов Фаридун** - Докторанти PhD ва ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Тел: (992) 55-569-31-31-31 Email: 15618363289@163.com

**Сведения об авторе: Рахимов Фаридун** - Докторант Phd и научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, Тел:(992) 55-569-31-31 Email: 15618363289@163.com

**About the author: Rahimov Faridun** - PhD student and research associate of the Institute of studying of the problems of Asian and European countries, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33, Tel: (+992) 55-569-31-31-31 Email: 15618363289@163.com

## ДУРНАМОИ РУШДИ РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ШОҲИГАРИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ

**ДАВЛАТОВА ФАРИДА**
**АМРИЕВ САНҶАР**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

*Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамлакатҳои араб ҷойгоҳ ва мавқеи махсус доранд, ки ҳар яки он ба сурати ҷудогона дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд ва кишвари мо бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои давлатӣ бо онҳо робита барқарор намудааст. Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлоли давлатӣ робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистону Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба роҳ монда шуд.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф дар мавриди ташаккули робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ва дурнамои он пурра зикр намудааст.*

***Калидвожаҳо**: Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Созмони ҳамкориҳои исломӣ, лоиҳаҳои судбахши сармоягузорӣ, густариши муносибатҳои минтақавии иқтисодию тиҷоратӣ.*

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишоф додани робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла, давлатҳои арабӣ мебошад.

Дар раванди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабӣ Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мавқеи хосро ишғол менамояд. Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Арабистони Саудӣ 11- уми январи соли 1992 эътироф шуда, 22 – юми феврали соли 1992 байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд. Арабистони Саудӣ нахустин кишвари арабӣ мебошад, ки моҳи январи соли 2010 намояндагии дипломатии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд [3, с.76-77].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷмуъ се маротиба (1997, 2001 ва 2005) ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо сафарҳои расмӣ ва корӣ ташриф оварда, чандин маротибаи дигар (соли 1994, 2003, 2016, 2017 ва 2023) дар ҳошияи мулоқоти сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ (солҳои 1994, 1997, 2000, 2003, 2005) ва дар ҳошияи иҷлосияи СММ (соли 2005) бо шоҳ ва дигар мансабдорони баландпояи ин кишвар мулоқот анҷом додаанд, ки дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим ва калидӣ доранд. Дар баробари ин, борҳо (1992, 2008, 2009, 2010, 2011, 2012, 2013, 2015) ҳайатҳои кории Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда, зимни онҳо масоили муҳими мубрам баррасӣ шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин сафари расмӣ ба Арабистони Саудӣ, ки аз 30- уми июн то 3 июли 1997 сурат гирифт, тавҷҷуҳи махсусро ба ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ равона сохтанд. Натиҷаи ин сафари расмӣ он буд, ки Бонки Исломии Рушд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти соҳаи тандурустӣ ва маорифи кишвар 16,7 млн. доллари ИМА қарзи бефоиз ҷудо намуд. Дар ҷараёни сафари расмии Президенти Тоҷикистон тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки Созишномаи куллӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудиро дар самти ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, савдо, маблағгузорӣ, техникӣ, фарҳанг ва варзиш ба имзо мерасонанд [2, с. 84].

Сафари дуюми расмии Сарвари давлат ба Арабистони Саудӣ 8 декабри соли 2001 анҷом дода шуд, ки дар аснои ин сафар Пешвои миллат бо Шоҳи Арабистони Саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз Ал-Сауд ва шоҳзодаи валиаҳд амир Абдуллоҳ ибни

Абдулазиз Ал-Сауд мулоқот намуда, доир ба масоили муҳимми ҳамкориҳо табодули назар карданд. Дар доираи сафари мазкур мулоқоти намояндагони Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар сатҳи олӣ баргузор гардид, ки масъалаҳои муҳим ва мубрами равобит ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [2, с.108].

Соли 2005 ҳамкориҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ вориди марҳилаи нав гардид. Зимни натиҷагирӣ аз сатҳи ҳамкориҳои дуҷониба Пешвои Миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 20 апрели соли 2006 ироа гардида буд, чунин таъкид доштанд: Тоҷикистон ба барқарории равобити хуби сиёсӣ бо давлатҳои араб, қабл аз ҳама Арабистони Саудӣ, Миср, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувайт, Баҳрайн ва Тунис муваффақ шуд. Вале сатҳи ҳамкории иқтисодии мо ҳанӯз ҷавобгӯйи манфиатҳои дарозмуддат ва имкониятҳои мавҷуда намебошад. Дар ин самт сохторҳо ва идораҳои дахлдори мо бояд талоши фаъол ва босамар намоянд. [8]

17 марти соли 2008 шоҳзодаи Арабистони Саудӣ Ал-Валид ибн Талол Абдулазиз Оли Сауд ба шаҳри Душанбе ташриф оварда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳузур пазируфта шуд. Ҷонибҳо зимни музокирот аз сатҳу сифати муносибатҳои рушдёбандаи Тоҷикистон бо давлатҳои арабӣ изҳори қаноатмандӣ карда, оид ба роҳу василаҳои густариши равобити иқтисодӣ, гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

Шоҳзода оид ба иштирок дар сармоягузории лоиҳаҳои судбахши инвеститсионии Тоҷикистон изҳори омодагӣ намуд. Дар мулоқот ҳамчунин оид ба густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва илмию фарҳангӣ табодули назар карда шуд [2, с.284].

Аз нуқтаи назари густариши ҳамкорӣ таъсиси комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмӣ-техникӣ аҳамияти махсус дорад. Ҷаласаи Комиссия 28-29 августи соли 2013 дар Душанбе баргузор гардид. Шурои соҳибкорон ҳамчун механизми ҳамоҳангсозии ҳамкории бахши хусусӣ байни ду кишвар таъсис дода шудааст. Ҳамчунин аз 1 то 4 апрели соли 2018 дар Шаҳри Риёз ҷаласаи дуюми комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ миёни Тоҷикистону Арабистони Саудӣ баргузор гардид ва дар доираи ин ҷаласа ду форуми тиҷоратӣ дар шаҳри Риёз ва Ҷидда баргузор гардид. Ҷаласаи сеюми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, техникӣ ва фарҳангӣ 23-24 декабри соли 2022 дар Душанбе баргузор гардид. Дар натиҷа, Созишнома дар бораи пешгирӣ аз андозбандии дукарата ба имзо расид [7].

Бояд қайд намуд, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо захираҳои бойи табиӣ ва таҷрибаи фаровон дар соҳаҳои гуногун, аз қабили саноати нафту газ, сохтмон, молия ва сармоягузорӣ яке аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ дар минтақаи Ховари Миёна мебошад. Тоҷикистон дар соҳаи истеҳсоли оби нушокӣ,

асал, меваю сабзавот, меваҳои хушк, маҳсулоти ғизоӣ, маҳсулоти нассоҷӣ иқтидори бузург дорад, ки метавонад ширкатҳои Арабистони Саудиро ба ҳамкорӣ дар ин соҳаҳо ҷалб намояд.

Тайи солҳои охир аз ҷониби роҳбарони ду кишвар якчанд мулоқотҳои судманд анҷом дода шуд, ки ба рушди робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистону Саудӣ тақвият бахшид. Дар мулоқоти Президенти ҶТ бо Раиси Фонди Саудии Рушд Султон Абдулраҳмон ал-Маршад дар шаҳри Душанбе, ки 4-уми декабри соли 2023 сурат гирифт, ҷонибҳо масоили тавсеаи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва молиявию сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудиро баррасӣ кардаанд.

Тибқи иттилои матбуоти Сарвари давлат, "Аз робитаҳои судманд бо Фонди Саудии Рушд изҳори қаноатмандӣ намуда, изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Фонд минбаъд низ ба таври назаррас густариш хоҳанд ёфт. Ҷонибҳо зимни мулоқот робитаҳои дуҷонибаро дар самти татбиқи тарҳҳои муҳимми соҳаҳои маориф, нақлиёт, тандурустӣ, гидроэнергетика ва идоракунии об муҳокима карданд" [6].

Ҳамчунин 7-уми марти соли 2024 вохурии директори Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафири Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, ҷонибҳо ба масъалаи вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои муштарак оид ба баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, таҳкими робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, таъсиси марказҳои логистикӣ дар соҳаи бастабандӣ, коркард, захира, ҳифз ва содироти маҳсулот, инчунин муаррифии маҳсулоти ватанӣ диққати махсус доданд [9].

Сафири Арабистони Саудӣ дар бораи таҳкими гардиши тиҷорат байни тарафҳо маълумоти муфассал дода, гуфт, ки солҳои охир ҳарду давлат кӯшиш мекунанд, ки барои рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам оранд. Аз ҷумла, таъсиси форумҳои байналмилалии сармоягузорӣ, комиссияҳои байниҳукуматӣ ва дигар чорабиниҳои иҷтимоию сиесӣ метавонанд ба рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии ҳарду давлат мусоидат менамоянд. Вай изҳор дошт, ки омода аст бо мақсади мусоидат ба рушди муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ байни давлатҳо бо Агентии содирот ҳамкорӣ кунад [9].

*Ҷадвали 1. Содироти ҶТ бо Арабистони Саудӣ дар 10 соли охир* [4, с.593]

| сол | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Ҳазор доллар* | 7203,4 | 2027,0 | 431,2 | 3115,8 | 6,0 | 194,6 | 560,8 | 107,5 | 239,9 | 23,4 |

*Ҷадвали 2. Воридоти ҶТ бо Арабистони Саудӣ дар 10 соли охир*[4, с.599]

| сол | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Ҳазор доллар* | 2386,2 | 548,7 | 5,8 | 1022,0 | 866,3 | 500,2 | 620,7 | 1266,0 | 0,7 | 111,6 |

Бо мушоҳида аз нишондодҳои омори метавон гуфт, ки ҳаҷми содирот ва воридоти Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ дар солҳои (2016-2020) коҳиш ётааст. Ба ақидаи мо, бо мақсади рушди ҳамкорҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи Арабистони Саудиро ба самтҳои зерин бояд бештар ҷалб сохт то сармоягузорӣ дар ин самт тақвият ёбад:

1. Энергетика. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, Арабистони Саудӣ аз нафту газ бой мебошад ва талаботи энергетикии худро тавассути сарчашмаҳои анъанавии истеҳсоли барқ қонеъ мегардонад. Ин кишвар дар муқоиса бо кишварҳои тараққиёбанда ба энергияи барқароршаванда на аз лиҳози арзонии он, балки аз нуқтаи назари гуногунсозии манбаъҳои энергетикӣ, сарфакорӣ ва ҳифзи муҳити зист таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи сарчашмаҳои анъанавӣ ва барқароршавандаи энергетикӣ тарҳрезӣ ва татбиқи лоиҳаҳои калонмиқёс ва маблағҳои бузурги молиявиро талаб мекунад

Тарҳрезӣ ва татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли энергияи офтоб ва шамол метавонанд яке аз самтҳои дигари ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика гарданд. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир раванди сармоягузорӣ ба энергияи барқароршаванда дар ҷаҳон боло рафтааст. Узви Агентии байналмилалии энергияи барқароршаванда (IRENA) будани Арабистони Саудӣ шаҳодати таваҷҷуҳи хоссаи ин кишвар ба рушди энергияи барқароршаванда мебошад.

Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои табии энергияи офтоб аст, вале аз имкониятҳои молиявӣ барои ба роҳ мондани истеҳсоли он маҳрум мебошад. Аз ин рӯ, амалӣ сохтани тадбирҳо барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар ин самт ва ҷалб намудани сармояи Арабистони Саудӣ ба соҳаи мазкур бояд дар маркази диққат қарор дода шавад.

2. Кишоварзӣ. Ҳанӯз дар соли 1970 Арабистони Саудӣ барномаи амнияти озуқавориро пешниҳод намуда, дар соли 1984 талаботи дохилии худро бо гандум таъмин ва аз соли 1993 содироти онро ба миқдори 2 млн. тонна оғоз намуд. Дар навбати худ, зиёд намудани истеҳсоли гандум ба норасоии захираҳои обӣ оварда расонд ва Шоҳигарӣ маҷбур шуд, ки то соли 2016 истеҳсоли ин маҳсулотро қатъ намояд [11]. Бар ивази ин Арабистони Саудӣ барои ноил шудан ба таъмини амнияти озуқаворӣ харид ва иҷораи заминҳои кишоварзиро дар хориҷа ба роҳ монад ва дар ин самт бо Қазоқистон ҳамкорӣ дорад. Дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Осиёи Ҷанубӣ Арабистони Саудӣ ин таҷрибаро ба роҳ монда, заминҳои иҷорагирифтаашро бо тухмию технологияи кишт, ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдорӣ таъмин сохта, ҳамзамон дар сохтмони роҳҳо ва дигар иншоотҳои коммуникатсионӣ ва истеҳсолӣ сармоягузорӣ менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари камзамин аст, масоҳати умумии заминҳои корам 864, 4 ҳазор гектар ва аз он 592,3 ҳазор гектарро заминҳои обёришаванда ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, имконияти истифодаи самараноки онҳо паст буда, ба маблағгузорӣ ва ҷалби технологияҳои кишту парвариш ва коркарди маҳсулот ниёз доранд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамкориро

дар самти ба иҷора супурдани заминҳои бекорхобида ва пастсифат ҷиҳати парваришу истеҳсоли на танҳо гандуму биринҷ, балки меваю сабзавот, меваи хушк, полезиҳо, асал ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба онҳо талаботашон зиёд аст, ба роҳ монад. Мавҷудияти хатсайрҳои мустақим интиқоли маҳсулоти истеҳсолшударо ба ин минтақа осон месозад. Аз ҷониби дигар, роҳандозии чунин лоиҳаҳо метавонад ба қадре аҳолии деҳоти ҷумҳуриро бо ҷойҳои корӣ ва музди меҳнати қаноатбахш таъмин созад.

Рушди саноат дар Арабистони Саудӣ ба болоравии сатҳи урбанизатсия мусоидат намудааст ва аз ин лиҳоз аксарияти аҳолии он дар шаҳрҳо зиндагӣ менамояд. Ин раванд дар навбати худ ба кам шудани нуфузи аҳолии деҳоти ин кашвар сабаб гаштааст. Дар муқоиса аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксаран дар деҳаҳо умр ба сар мебарад ва саҳми бахши кишоварзии Тоҷикистон дар таҳияи ММД бо вуҷуди самаранокии пасти он дар таносуб ба соҳаи кишоварзии Арабистони Саудӣ бамаротиб баландтар аст. Чунин вазъ барои ҳамкории дуҷониба дар соҳаи кишоварзӣ метавонад заминаи воқеӣ муҳайё намояд.

3. Оби нушокӣ. Захираҳои обҳои заминӣ дар атрофи шаҳрҳои калонтарини Арабистони Саудӣ дар муқоиса бо соли 1990 бештар аз 50% кам шудаанд дар ҳолате, ки ҳаҷми истеъмоли об дар кишвар нисбат ба барқароршавии захираҳои он 7 маротиба зиёдтар аст. Сарфи назар аз он, ки 99,84% сокинони Арабистони Саудӣ ба оби ошомиданӣ дастрасӣ доранд, ин кишвар ба унвони яке аз кишварҳои камобтарин дар ҷаҳон тасниф шудааст. Дараҷаи мутлақи норасоии об 500 $м^3$ дар як сол аст, дар ҳоле ки ҳиссаи ҳар сари аҳолӣ дар Арабистони Саудӣ 89 $м^3$/кас/солро ташкил медиҳад. Дар соли 2020 талаботи умумии Арабистони Саудӣ ба об аз 13,80 млн. $м^3$ мукааб ба 14,26 млн. $м^3$ афзуда аст [1, с.95].

Кишварҳо мушкилоти норасоии обро бо се роҳ бартараф месозанд: бунёди обанборҳо, таҳвили пиряхҳо аз Арктика ва ширинсозии оби баҳр. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ тарзи сеюмро дар амал татбиқ намуда, айни ҳол аз 50 то 70% талаботи худро бо оби ошомиданӣ аз ҳисоби оби ширинкардашуда таъмин месозад. Ин кишвар аз солҳои 1950 ба ин тараф ба оби тозашуда такя мекунад ва ба тавлидкунандаи оби тозашуда дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Ҳар рӯз тақрибан 7,6 миллион метри мукааб истеҳсол мешавад, ки ин 22% тавлидоти ҷаҳониро дар соли 2020 ташкил медиҳад. Ин ба муҳити зист ва амнияти энергетикӣ фишори зиёд мегузорад. Тибқи гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, дар соли 2013 ин кишвар барои тавлиди оби тозашуда ва тавлиди неруи барқ рӯзона 1,5 миллион бушка нафти хомро сӯзондааст. Гузашта аз ин, шуршавӣ ба муҳити зист таъсири назаррас мерасонад, аз ҷумла, зарар ба муҳити баҳрӣ аз партоби намакоб ва дигар моддаҳои кимиёвӣ ба баҳр, инчунин ифлосшавии ҳаво аз ҳисоби миқдори зиёди партовҳои гази карбон ва дигар газҳои зараровар. Хароҷоти умумии истеҳсол ва интиқоли оби тозашуда тақрибан 0,87 доллар/$м^3$ дар соли 2006 то тақрибан 1,09 доллар/$м^3$ дар соли 2010 бо суръати миёнаи солона 4,6% афзуда аст. Бо ин мақсад ҳар рӯз зиёда аз 14% ҳаҷми умумии истихроҷи солонаи нафти кишвар сарф карда

мешавад. Коршиносон афзоиши норасоии оби ошомиданиро дар солҳои наздик пешгӯӣ менамоянд ва дар ин росто тахмин кардан душвор нест, ки дарояндаи наздик Арабистони Саудӣ ҳаҷми нафтеро, ки барои истеҳсоли об истифода мешавад, бамаротиб афзоиш диҳад. Дар маҷмуъ, оби ширинкардашудаи баҳрӣ дорои се хусусияти манфӣ – арзиши гарон, хатар барои саломатӣ ва хавф барои муҳити зист мебошад.

Дар ин самт захираҳои ғании оби ошомидании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани ҳамкориҳо имконият фароҳам меорад. Тоҷикистон таваҷҷуҳи худро доир ба созмон додани консортсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи захираҳои оби кули Сарез, ки зиёда аз 16 километри мукаабро ташкил медиҳад, ҳануз соли 2007 эълом доштааст [10].

Бо дарназардошти норосоии оби нӯшокии аз ҷиҳати экологӣ тоза, дар Арабистони Саудӣ бояд ба ин масъала низ таваҷҷуҳи махсус равона карда шавад. Зеро Тоҷикистон аз дарёҳову чашмасорони мусаффо фаровон буда, чунин вазъ барои ҳамкории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар соҳаи оби нушокӣ метавонад заминаи воқеӣ муҳайё созад.

4. Сандуққҳои молиявӣ. Иқтисоди Арабистони Саудӣ бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ММД 1.827 триллион долларро ташкил медиҳад. Дар ин кишвар сандуққҳои молиявӣ фаъолияти пурсамар доранд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо ҳамкории зич дорад. Аз ҷумла, Фонди Саудии Рушд, ки дар татбиқи лоиҳаҳои муҳим бо Тоҷикистон ҳамкории зич дорад ва зиёд намудани ҳаҷми маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои муҳимми инфрасохтории кишвари мо зарур аст.

5. Сайёҳӣ. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар бо ҷалби сармояи ширкатҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва муаррифии тамоми имкониятҳо ва зарфиятҳои Тоҷикистон дар ин бахш, метавонад дарояндаи наздик яке аз бахшҳои сердаромад ва тараққикардаи иқтисодиёти мамлакат гардад. Бештар намудани хатсайрҳои ҳавоии байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ ҳам аз мафиат холӣ нест. Вобаста ба ин, рақобатпазирии хизматрасонӣ дар бахши сайёҳӣ бояд яке аз авлавиятҳои ширкатҳои ватанӣ ва минтақаҳои сайёҳӣ бошад.

Ҷиҳати рушд ва тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанба ва мутақобилан судманд бо Арарбистони Саудӣ, инчунин ҷалби сармояи он ба бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон омил ва имкониятҳои зиёде мавҷуд ҳастанд. Вале шарти асосӣ барои расидан ба ин ҳадафҳо, пеш аз ҳама заминаи мустаҳками муносибатҳои сиёсӣ бо ин кишвар мебошад.

Ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи Созмони Ҳамкории Исломӣ

Созмони Ҳамкории Исломӣ (минбаъд СҲИ) – Созмони байналхалқии байниминтақавӣ буда, 25 сентябри соли 1969 дар конфронси сарони кишварҳои мусулмонӣ дар Работ ба хотири таъмини ҳамрайъии исломӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ, мубориза бар зидди низоми истиеъморӣ ва нажодпарастӣ,

дастгирии Созмони озодибахши Фаластин таъсис дода шудааст. Қароргоҳи он дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ ҷойгир шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти нақши афзоишёбандаи СҲИ дар арсаи байналмилалӣ, 1 декабри соли 1992 ба узвияти он пайваста, муносибатҳои байнидавлатии ҳасанаи худро бо кишварҳои дигари мусулмонӣ ҳаматарафа тақвият бахшад. Тоҷикистон ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо давлатҳои узви СҲИ ва сохторҳои махсуси он ба таври васеъ ба роҳ монда, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллии худро дар доираи ин Созмон пайваста пайгирӣ менамояд.

Дар доираи СҲИ роҳбарияти Ҷумҳури Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ як қатор мулоқотҳо анҷом додаанд, ки барои тақвият ва рушди муносибатҳои дуҷониба самара бахшид. Соли 2011 ҳайати бонуфузи соҳибкорони Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда, аз имкониятҳои сармоягузорӣ ва шароити мувофиқи кишвар аз наздик шинос шуданд. Бо мақсади ҷалби сармояи Саудӣ санади нави ҳамкорӣ бо маблағи 50 миллион доллари амрикоӣ ба тасвиб расид. Ин санад оғози хуби робитаҳои мустақим миёни соҳибкорони Тоҷикистону Арабистони Саудӣ гардид.

Дар он замон 3 ширкати муштараки Тоҷикистону Арабистони Саудӣ - ҶДММ “Амин Корпорэйшен”, ҶДММ “Фарел”, ҶДММ “Автодом” фаъолият мекарданд, ки онро самараи фаъолияти умедбахши Шурои сармоягузории Тоҷикистону Арабистони Саудӣ маънидод кардан мумкин аст [1].

Хулоса метавон гуфт, ки солҳои охир муносибатҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ тадриҷан тақвият меёбанд. Ба андешаи мо, барои пурсамар кардани робитаҳои мутақобилан судманд тавсеаи тамоси доимии сиёсӣ ва гуфтушунидҳои пайвастаи дипломатӣ, инчунин, табодули сафарҳои кории ҳайатҳои тасмимгиранда ҷиҳати шиносоии бештар бо шароит ва имконоти кишвари мо муҳим ба шумор меравад. Минбаъд бештар рушд додани ҳамкориҳои Тоҷикистону Арабистони Саудӣ дар самтҳои сармоягузорӣ, гардиши молу маҳсулот, энергетика, оби нушокӣ, сайёҳӣ, илму маориф, фарҳанг ба манфиати ҷонибҳо мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. Амриев Санҷар Густариши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо мамолики Шарқи Наздик/Кори магистрӣ 2024. 109 саҳ.

2. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с.

3. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Силсила: Душанбе: «Ирфон», 2011, 340 с.

**4.** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ маҷмуаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2021 – 702 с.

**Сомонаҳо:**

5. Арабистони Саудӣ — шарики муҳим дар раванди ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон https://sadoimardum.tj Санаи муроҷиат: 25.04.2024)

6. Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Фонди Саудии Рушд https://pressa.tj/ Санаи муроҷиат: 07.02.2024)
7. Муносибатҳои дуҷониба бо Арабистони Саудӣ https://mfa.tj/ru/main/view Санаи муроҷиат: 13.08.2024)
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://president.tj/node/198 Санаи муроҷиат: 03.03.2024)
9. Расширяются экономические и торговые отношения Таджикистана и Саудовской Аравии https://khovar.tj/rus/2024/ Санаи муроҷиат: 20.07.2024)
10. Фонди саудии рушд барои сохтмони НБО-и «Роғун» 100 миллион доллари ИМА қарзи боимтиёз ҷудо менамояд. URL: https://khovar.tj/2023/ (Санаи муроҷиат: 01.05.2024)
11. Эҳтиёҷоти об дар Арабистони Саудӣ бори гарони сарвати нафт аст. URL: https://www.reuters.com/article/ (Санаи муроҷиат: 14.05.2024)
12. Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Созмони ҳамкории исломӣ https://mfa.tj/tg/main/view/192/tojikiston-va-sozmoni-hamkorihoi-islomi (Санаи муроҷиат: 26.08.2024)
13. https://mo.tnu.tj/tj/na-shi-sozmoni-amkori-oi-islom-dar-muboriza-bar-ziddi-hatar-oi-a-on/ (Санаи муроҷиат: 26.08.2024)

## ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КОРОЛЕВСТВОМ САУДОВСКАЯ АРАВИЯ

Во внешней политике Республики Таджикистан арабские страны занимают особое место, каждая из которых в отдельности закреплена в Концепции внешней политики Республики Таджикистан. Наша страна установила с ними отношения с учетом национальных интересов и защиты государственных ценностей. Республика Таджикистан наладила многогранное сотрудничество с Королевством Саудовская Аравия, которое непосредственно играет эффективную роль в повышении и расширении отношений Таджикистана с арабскими странами и исламским миром. С первых дней обретения государственной независимости были установлены дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовская Аравии.

В данной статье автор подробно рассмотрел формирование экономических, политических и культурных связей между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовская Аравия в эпоху независимости и ее перспективы.

**Ключевые слова:** Королевство Саудовская Аравия, Организация исламского сотрудничества, выгодные инвестиционные проекты, расширение региональных экономических и торговых отношений.

## PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE KINGDOM OF SAUDI ARABIA

In the foreign policy of the Republic of Tajikistan, Arab countries occupy a special place and position, each of which is individually enshrined in the Concept of Foreign

Policy of the Republic of Tajikistan, and our country has established relations with them taking into account national interests and the protection of state values. The Republic of Tajikistan has established multifaceted cooperation with the Kingdom of Saudi Arabia, which directly plays an effective role in enhancing and expanding Tajikistan's relations with Arab countries and the Islamic world. From the first days of gaining state independence, diplomatic relations were established between the Republic of Tajikistan and the Kingdom of Saudi Arabia.

**Keywords**: Kingdom of Saudi Arabia, Organization of Islamic Cooperation, profitable investment projects, expansion of regional economic and trade relations.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Давлатова Фарида Гулмаҳмадовна -** ходими хурди илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва Шарқи Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: 919343894; davlatova.farid@gmail.com; суроға: Шаҳри Душанбе, н. Шохмансур, кӯчаи Хоруғ, 181.

**Амриев Санҷар Абунасрович -** магистри Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: 900485335. sanjar_1311@mail.ru. Душанбе, Шохмансур, Помир 149.

**Сведения об авторах: Давлатова Фарида Гулмахмадовна** – младший научный сотрудник отдела Ближнего Востока и Ближнего Востока Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Тел: 919343894; davlatova.farid@gmail.com; адрес: г. Душанбе, р. Шохмансур, ул. Хорог, № 181

**Амриев Санджар Абунасрович -** магистр Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. Тел: 900485335 sanjar_1311@mail.ru. г.Душанбе, р.Шоҳмансур, Помир 149.

**About the authors: Davlatova Farida Gulmakhmadovna -** Junior Research Fellow, Department of Middle East and Near East Studies of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel: 919343894; Email: davlatova.farid@gmail.com; address; Dushanbe, Shokhmansur district, Khorog street, № 181.

**Amriev Sankar Abunasrovich** - master degree of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel: 900485335 sanjar_1311@mail.ru. Dushanbe city, Shomansur district, Pomir 149.

# THE MAIN DIRECTIONS OF BILATERAL RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF GEORGIA: STATE AND PROSPECTS

**TALBAKOV SAIDAHTAM ISROILOVICH**
head of the department of analysis and forecasting of internal policy of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan

*Over three decades, Tajikistan and Georgia have established mutually beneficial cooperation on the basis of bilateral documents and international standards, observing the principles of respect and trust, and the results of cooperation are promising. However, despite significant achievements, so far the potential and capabilities of the two countries have not been properly used to expand mutually beneficial cooperation. Taking this into account, in this article the author analyzed the stages of development of bilateral cooperation and identified the main directions of cooperation from the point of view of development prospects.*

***Keywords:*** *Tajikistan, Georgia, diplomatic relations, stages of development, situation and prospects, investments, commodity circulation, roads and transport, technologies, opportunities and features.*

The promising impression of the 30th anniversary of diplomatic relations between Tajikistan and Georgia testifies to the fact that the parties have achieved valuable achievements. In this historical context, specific features and commonalities between the countries have served as a solid foundation for diplomatic relations in the direction of finding mutually beneficial interests.

Geographically, Tajikistan and Georgia are located in two regions separated by the Caspian Sea, i.e. Central Asia and the South Caucasus. However, both countries are mountainous and have similar ridges and valleys, which is one of the opportunities for cooperation in the field of experience exchange.

Culturally, both Tajikistan and Georgia have a rich and diverse cultural history, and both countries are home to various ethnic groups, each with their own unique traditions and customs. In this context, Tajikistan and Georgia are famous for their hospitality and traditional dishes, such as “Oshi palov” in Tajikistan and “Khinkali” in Georgia. Furthermore, both countries has a common Zoroastrian heritage and still retain some pre-Islamic customs.

Historically, the territory of Tajikistan and Georgia was part of the trade route of the Great Silk Road in ancient times, and the influence of the Aryan civilization played an important role in the Georgian society, which led to cultural exchange and language similarity. In addition, both countries were part of the Soviet Union, which has left a significant legacy in the economy, education, infrastructure, and other areas.

## Building bridges of trust: the diplomatic foundations of Tajikistan-Georgia partnership

According to the chronological sources, Georgia is 32th country of the world, which recognized independence of Tajikistan, and the 71st country that established

diplomatic relation with Tajikistan. After to achive independence, Tajikistan and Georgia established diplomatic relations on August 4, 1994 by signing the Protocol "On establishing diplomatic relations and exchange of diplomatic missions at the embassy level" [7].

Although relations between Tajikistan and Georgia were developing on the basis of post-Soviet cooperation since the signing of the aforementioned document, but the political processes of recent years show that the parties have already entered a new level of cooperation. The analysis of the first stage of cooperation revealed that relations are usually characterized by the presence of a spirit of mutual respect and closeness of their positions on daily international and regional issues. Fortunately, today both sides have found specific areas of cooperation and established relations based on mutually beneficial interests.

It should be noted that the meeting of the top leaders of the two countries made a valuable contribution to the development of bilateral cooperation. In particular, within the framework of international and regional summits, the President of the Republic of Tajikistan held a number of meetings with the leaders of Georgia, during which various aspects of raising bilateral relations to a qualitatively new level were discussed. In particular, on October 28 - 30, 1997, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahman, paid a working visit to the city of Ankara, Turkey, in order to participate in the celebrations dedicated to the 75th anniversary of the establishment of the Republic of Turkey. During the visit, Emomali Rahman met with the President of Georgia, Eduard Shevardnadze. On August 18-19, 2000, the President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon, visited the city of Yalta, Ukraine, on a working visit, where he participated in the meeting of the heads of states of the CIS. During this visit, Emomali Rahman met with the President of Georgia, Eduard Shevardnadze. As well on May 2003, a meeting between the leader of Tajikistan Emomali Rahmon and the second president of Georgia Eduard Shevardnadze took place in the capital of Uzbekistan, Tashkent. During the meeting, the heads of state expressed a desire to develop cooperation in various areas[11].

The legal basis of the relations between Tajikistan and Georgia is based on three bilateral documents, the Protocol on the establishment of diplomatic relations and two interdepartmental agreements on interstate settlement and cooperation in the construction industry. Currently, the parties are considering more than 15 projects of bilateral documents [4].

It follows that political cooperation between Tajikistan and Georgia encompasses a wide range of areas, including maintaining regular political consultations at the highest and high levels, promoting the development of democratic institutions and civil society, strengthening the rule of law and the supremacy of law, cooperating in the fight against terrorism, extremism, and organized crime, and supporting regional security and stability.

The essence of political cooperation between Tajikistan and Georgia lies in strengthening friendly relations and mutual understanding between the two countries, as well as in jointly addressing regional and global challenges. Both countries are

committed to the principles of sovereignty, territorial integrity, and non-interference in each other's internal affairs. Political cooperation between Tajikistan and Georgia is of great importance to both countries, that contributes to strengthening regional security and stability, promoting economic development and trade, developing cultural and humanitarian ties, and enhancing the international authority of both countries.

В настоящее время по инициативе и усилиями Президента Республики Таджикистан в новом качестве стал возрождаться Великий Шелковый путь, в древности связывающий многие страны центральноазиатского региона. Национальный фонд «Шелковый путь консолидации» совместно с Аппаратом Президента и Обществом дружбы и культурной связи с зарубежными странами провели три Каравана под названием «Корвони Вахдат дар Шохрохи Вахдат» [4, 35].

Строительство транспортной магистрали Куляб - Калайхумб - Хорог - Кульма напрямую свяжет Таджикистан с Китаем, Пакистаном и другими восточными государствами, обеспечит возможность выхода к крупнейшим мировым портам и океанам.

Открытие международной автомобильной дороги между нашими странами, которая имеет исключительно важное значение для дальнейшего развития и углубления взаимовыгодного сотрудничества, отвечает национальным интересам двух государств и является важным фактором повышения благосостояния наших

народов. Трасса Мургаб - Кульма является основным участком автомагистрали Куляб - Дарваз- Хорог- Мургаб, общая протяженность которой составляет 33 км. Участок автодороги от Мургаба до перевала Кульма, который находится на высоте более 4000 м над уровнем моря, отвечает всем международным стандартам и позволит обеспечить круглосуточное движение всех видов автомобильного транспорта. Трасса проходит по очень сложной горной местности Сарыкольского хребта, тем не менее объект был сдан в эксплуатацию в намеченные сроки. Выгода от функционирования этой дороги автоматически будет способствовать росту товарооборота между двумя соседними государствами Таджикистаном и КНР [3, 121].

Данная трасса обеспечит не только перевозки внутри страны, но и будет способствовать, транзитной транспортировке грузов и пассажиров других стран через территорию Таджикистана. Эта дорога способствует расширению приграничной торговли между странами, обеспечивает выход центрально азиатских стран через Карокорумское шоссе к морю. Автомагистраль Мургаб – Кульма– Карокорум в ближайшем будущем станет дорогой дружбы сотрудничества, отвечающей мировым стандартам.

Китайские строительные фирмы ведут строительство также очень важной для Таджикистана дороги Душанбе - Гарм - Джиргаталь с последующим выходом в Кыргызстан и КНР. Спектр взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой самый широкий и имеет обнадеживающую перспективу. Верится, что новая дорога ещё больше сблизит нас, создаст благоприятные условия для бесперебойных взаимоотношений народов двух стран [8, 58]. Другим важным достижением в экономическом секторе Республики Таджикистан стало подписание крупного контракта на сумму 296 млн. долл. США на реабилитацию стратегически важной автодороги Душанбе - Айни - Истаравшан - Худжанд-Бустон-Чанак (граница с Узбекистаном), включая тоннель Шахристан. Общая протяженность автомагистрали-410 км. Из Вышеуказанных 296 млн. долл. США 281,2 млн. долл. являются долгосрочным кредитом Правительства КНР, срок реализации проекта-2 года. Проект предусматривает полную реконструкцию автодороги «Душанбе - Худжанд - Бустон -Чанак», строительство тоннеля «Шахристан» (протяженностью свыше 5 км), сооружение 37 больших и малых мостов и 6300 м противолавинных объектов. Осуществлять проект будет китайская компания China Road, а также ЛЭП «Юг-Север» [9, 234]. Китайская инженерная компания «Китайские железные дороги» выиграла тендер на строительство тоннеля Шар-Шар, расположенного в 80 км юго-восточнее Душанбе. В соответствии с совместно разработанным проектом, протяженность тоннеля составит 2,3 км, сама автомагистраль Душанбе-Куляб сократится на 7 км, что позволит сократить время нахождения в пути на 38 минут. Общая сумма инвестиций достигает 40 миллион долларов США. Строительство названного объекта займет три года и два месяца. В конце 2006 г., в соответствии с подписанным двухсторонним соглашением, за счет грантов Правительства КНР были начаты строительство тоннеля под перевалом Шар-Шар и реконструкция

автодороги в районе перевала Кульма. Также таджикская сторона инициировала вопрос о строительстве газопровода Туркменистан – Афганистан – Таджикистан - Ташкурган (СУАР, КНР), который мог бы стать важным проектом регионального сотрудничества [8, 75]. Нужно особо отметить, что китайские дорожно-строительные компании отличаются исполнением работ на качественно высоком уровне. Строящиеся дороги уже показывают, что они сооружаются с учетом самых высоких требований, отражающих жесткие международные стандарты. Такое отношение вытекает из стратегической позиции китайской международной политики, придерживающейся по отношению к переходным и развивающимся обществам линии на оказание помощи, положительно воздействующей на процессы их социально-экономического и торгового развития в течение продолжительного периода времени. Наравне с другими торгово-экономическими секторами транспортные коммуникации также стал и для РТ и КНР одним из ключевых направлений в сотрудничестве двух соседних стран. Таким образом, интересы резкого сокращения бедности в Республике Таджикистан требуют систематических поставок из соседней страны агрегатов для малых и микро-ГЭС, для геотермальных ЭС, для ветроэнергетических и биоэнергетических экосистем, а также широкого набора оборудования для использования солнечной энергии (солнечные водонагреватели, солнечные дома, солнечные электростанции и т.д.). В рациональном использовании нетрадиционных источников энергии КНР сейчас занимает одно из лидирующих мест в мире, и Таджикистану нужно эффективно использовать возможности, появившиеся в результате взаимных договоренностей, для широкомасштабного применения соответствующих достижений соседних государств.

В силу сказанного, в национальной экономике Республики Таджикистан ключевое место отводится гидроэнергетике, было бы рациональным участие китайских компаний, обладающих огромным опытом в развитии энергетического рынка Таджикистана. Следует отметить, что на данный момент уже многие государства, в том числе Россия и Иран, успешно реализуют свои энергопроекты в республике [1, 127].

Таджикистан привлекает к себе внимание крупнейших гидростроительных компаний. Он обладает колоссальным гидроэнергетическим потенциалом как в абсолютных значениях, так и в расчете на квадратный километр площади. Годовой сток здесь составляет 65,1 км3 воды; гидроэнергетический потенциала - 4,1 млрд. кВт на км стока.

Энергетическая безопасность КНР зависит, прежде всего, от ее дипломатических и торговых отношений с другими странами, широкого сотрудничества с различными регионами, реализации проектов транспортных маршрутов поставки энергоресурсов.

Сегодня перед мировым сообществом предстал иной Китай, стремящийся к развитию и расширению всесторонних связей с другими государствами и, в первую очередь, с соседними государствами. Особенно возросла доля китайского бизнеса в развитии экономики Республика Таджикистан. Китайские фирмы

оказывают достойную конкуренцию компаниям других стран и являются балансирующей силой заметно усилившимся капиталам Российской Федерации и исламских стран. Более того, дальнейшее укрепление экономических контактов полностью отвечает национальным интересам Республики Таджикистан, ибо это позволит обрести в лице КНР постоянного, надежного стабильного партнера [5, 85].

Нынешний этап сотрудничества в развитии таджикско-китайских экономических отношений между КНР и РТ отличается качественно новым содержанием. Последнее связано не только с дальнейшим ускорением темпов роста всех форм экономических связей, но и с такими структурными изменениями, которые ориентированы на быстрые сдвиги в развитии производительных сил Республики Таджикистана.

Как выше было подчеркнуто, во время официального визита Премьера Госсовета КНР господина Вэнь Цзябао, состоялась церемония открытия начала строительства могучего инфраструктурного объекта на территории республики-ЛЭП «Юг - Север», протяженностью 350 км. Мощность этой линии электропередач составляет 500 МВт. Ее ввод в действие позволяет перебрасывать с юга страны в Согдийскую область ежегодно не менее 8 млрд. кВт/ч электроэнергии. Тем самым с дефицитом в северных районах страны будет покончено, экономика и домохозяйства северного региона в полной мере будут обеспечены электроэнергией. Отпадает необходимость дополнительной покупке электроэнергии в Узбекистане и Кыргызстане.

Данная ЛЭП будет действовать эффективно. Чистая прибыль, которую предполагается получить в результате эксплуатации этой электролинии, составит не менее 50 млн. сомони ежегодно. ЛЭП 500 будет построена в течение трех лет, а срок окупаемости составит семь лет. Последнее представляется очень коротким и оптимальным сроком, если сравнить со сроками строительства аналогичных объектов в других частях постсоветского пространства [12, 233].

В 2006 г. китайские строители приступили также к сооружению другого, не менее важного инфраструктурного объекта в южной части Таджикистана. Речь идет о ЛЭП «Лолазор - Хатлон» мощностью 220 МВт, которая, в соответствии с уже подписанными документами, будет построена в течение трех лет. Эта ЛЭП будет сооружена китайской строительной компанией ТВЕА. Ее сдача в эксплуатацию позволит существенно расширить экспортные возможности республики. По ней электроэнергия будет передаваться в Афганистан и далее в ИРИ. Финансирование строительства названных выше ЛЭП в Республике Таджикистан осуществлено в основном EXIM Банком КНР. Этим банком будут выделены 300 млн. долларов США под строительство ЛЭП по 2,2% годовых процентной ставки сроком на 25 лет. Первые семь лет кредит данного банка будет предоставлен на льготных условиях. При этом доля Республики Таджикистана в финансировании строительства названных ЛЭП составит всего 40 млн. долларов США.

Таким образом, инфраструктурные объекты, которые сооружаются при финансовом и техническом содействии Китая в Республике Таджикистан, по мнению ученых и специалистов страны, станут основой для существенного ускорения динамики экономического и торгового развития, рационального и эффективного решения самых серьезных социальных проблем, в том числе резкого снижения уровня бедности [11, 35]. Также Китайская Народная Республика внесла существенную лепту в реконструкцию и полную модернизацию государственных телекоммуникационных систем Таджикистана. Обе стороны в последнее время приступили к реализации проектов по повышению эффективности функционирования международных транспортных коридоров, проходящих через их территории. В сентябре 2006 г. между обеими сторонами были подписаны межправительственные соглашения по созданию благоприятных условий для международных автомобильных перевозок, а также Соглашение по упрощению и облегчению административных процедур в отношении международного транспорта. Фундаментальной гарантией для планомерной реализации вышеназванных проектов является налаживание широкого банковского сотрудничества между двумя странами. Недавно было заключено Соглашение о сотрудничестве между Национальным банком Таджикистана и China Exim Bank. В соответствии с этим соглашением, как уже было отмечено, КНР предоставляет Таджикистану льготный кредит в размере 600 млн. доллар США. Из этого кредита 10 млн. долларов будут направлены на развитие сельского хозяйства сроком на 40 лет на беспроцентной основе [4, 35].

В соответствии с вышеупомянутым соглашением, China Exim Bank берет на себя обязательство оказать помощь НБТ в выборе наиболее подходящих банков для сотрудничества с таджикской стороной, в предоставлении услуг по расчетам, обмене информацией в области экономики, финансовой сфере, в развитии законодательства и отдельных рынков, а также окажет таджикской банковской системе техническую помощь по подготовке кадров. КНР в настоящее время принадлежит к группе стран, которые отличаются наличием высокоразвитой банковской системы. Широкое распространение получили в ней прогрессивные банковские технологии. Они интегрированы с международной банковской системой и успешно защищают национальные интересы КНР на международных финансовых рынках. Поэтому самым насущным интересам Таджикистана соответствует беспрепятственный допуск китайских банков на финансовый рынок Таджикистана. Нужно иметь в виду, что в настоящее время в КНР ставка банковского процента составляет 2,7 %, а депозитная ставка 1,98%. [14, 321]. Широкое присутствие китайских банков на финансовом рынке Таджикистана, безусловно, будет способствовать снижению процентной ставки и станет серьезным стимулом для обновления ускоренного развития частного и корпоративного секторов в экономике страны. Не менее важным представляется и то, что такое присутствие создает возможность для обострения банковской конкуренции в стране и формирования эффективно действующего вторичного рынка ценных бумаг. Наибольший интерес к гидроэнергетическим системам

проявляют китайская гидроэнергетическая группа «Gezhouba Co», корпорация «Sino Hydro» и Национальный Банк Развития Китая, представители которых неоднократно посетили Республику Таджикистан, ознакомились с проектами, выезжали в отдельные регионы республики для рекогносцировки и изучения местности предстоящего строительства [5, 95]. В целях развития двустороннего сотрудничества с КНР в области ГЭС и ТЭЦ, проводится значительная работа на межведомственном уровне. 21 апреля 2006 г. между ОАКХ «Барки Точик» и китайской корпорацией ООО «Синохайдро» был подписан Меморандум о взаимопонимании по развитию гидроэнергетики рек Зеравшан, Сурхоб и Оби Хингоу в Республике Таджикистан. Приоритетными направлениями двустороннего сотрудничества в области энергетики являются строительство новых ГЭС и высоковольтных линий электропередачи, а также реконструкция и модернизация существующих ГЭС в Республике Таджикистан, в частности вопросы инвестирования со стороны китайских компаний и участие в реконструкции ГЭС «Перепадная», «Головная», Кайрокумская и строительство каскада гидроэлектростанций на реке Зеравшан [14, 35]. С 14 по 16 июня 2006 г. Президент Республики Таджикистан для участия в очередном заседании Совета глав государств- членов Шанхайской Организации Сотрудничества (ШОС) находился в г. Шанхай Китайской Народной Республики, где встретился с Председателем КНР Ху Цзиньтао. На встрече был обсужден широкий комплекс текущих вопросов и перспектив сотрудничества между Таджикистаном и Китаем в двустороннем формате и в рамках ШОС, других региональных и международных организаций. Была достигнута договоренность о подготовке и подписании Соглашения о дружбе, сотрудничестве и добрососедстве с КНР. Председатель КНР также заявил, что Китайское государство предоставит Таджикистану дополнительную безвозмездную помощь в объеме 70 миллионов юаней.

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон 16 сентября 2006 г. принял Премьера Государственного Совета Китайской Народной Республики Ван Цзябао, который прибыл в Душанбе с официальным визитом для участия в пятом заседании глав правительств стран-участниц Шанхайской Организации Сотрудничества. На этой встрече были обсуждены вопросы разнопланового таджикско-китайского сотрудничества. Во-первых, стороны обменялись мнениями о широких возможностях сотрудничества в использовании гидроэнергетических ресурсов и запасов полезных ископаемых Республики Таджикистан; во-вторых, в налаживании отечественной переработки хлопка, шерсти, коконов, кожевенного сырья, фруктов и овощей, производимых в стране, и выразили обоюдную заинтересованность в осуществлении совместных мер в этом направлении. В этот же день Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон и Премьер Госсовета Китайской Народной Республики Ван Цзябао в местечке «Чорбог» Варзобского района приняли участие в церемонии начала строительства высоковольтной линии электропередачи «Юг-Север»,

протяженность которой составит 350 километров, а ее ежегодная пропускная способность достигнет 8 миллиардов киловатт-часов электроэнергии [14, 15].

Следует отметить, что после успешного завершения проектов по строительству линий электропередачи «Юг-Север» и «Лолазор -Хатлон», сооружения гидроэлектростанций «Сангтуда-1» и «Сангтуда-2», Республика Таджикистан подключится к обширной региональной энергетической сети и станет крупной страной-экспортером электроэнергии. После этого республика за счет транзита электроэнергии сможет получать ежегодно до 50 миллионов сомони чистого дохода.

16 января 2007 г. в Пекине с участием официальной делегации Республики Таджикистан и большого круга предпринимателей двух соседних стран состоялся торгово-экономический форум. На форуме китайские предприниматели проявили большой интерес к таким важным отраслям, как гидроэнергетика, международный туризм, горнорудная промышленность и т.д. Особенно их привлекли перспективные проекты в сфере гидроэнергетики и туризма, направленные на возрождение Великого Шелкового пути [9, 350].

В целях укрепления и развития транспорта и связи, топливно -энергетического комплекса между Республикой Таджикистан и КНР были согласованы наиболее перспективные направления сотрудничества. В области топливно -э нергэтического комплекса: создание рабочей группы по комплексному геологическому исследованию перспективных нефтегазовых площадей Республики Таджикистан; создание совместного предприятия по освоению угольных месторождений Республики Таджикистан; реконструкция каскада Варзобской ГЭС, Головной ГЭС, Кайракумской ГЭС; строительство малых ГЭС в Республике Таджикистан; осуществление сотрудничества в области использования солнечной энергии и т.д. 27 июня 2008 г Президент РТ в честь Дня национального единства принял участие в открытии высоковольтной ЛЭП «Лолазор-Хатлон». Этот объект является одним из трех крупных совместных таджикско-китайских проектов общей стоимостью около 600 млн. долларов США. Возведение этого объекта было завершено на 2 года раньше намеченного. ЛЭП высокого качества запущена таджикскими специалистами и китайской компанией с мировой известностью ТВЕА. На объекте работали свыше 1,3 тысяч рабочих и специалистов из РТ и КНР. Общая стоимость объекта составила свыше 58 млн. долл., из которых около 3 млн. долл. вклад Таджикистана. Льготный кредит КНР рассчитан на 20 лет и выдан под 2% годовых [11, 325].

Для оживления работы и реализации десяти документов-соглашений, заключенных заинтересованными сторонами - РТ и КНР, необходимо: ликвидировать задолженности субъектов внешнеэкономической деятельности перед китайскими партнерами; стимулировать китайскую сторону к проведению более активной внешнеэкономической деятельности по отношению Республике Таджикистан. В торгпредстве Республики Таджикистан в КНР нужно видеть государственную, а не коммерческую структуру или посредника; завершить строительство автодороги Республика Таджикистан КНР; открыть

железнодорожные линии между Республикой Таджикистан, соседними центрально азиатскими странами и КНР.

**АДАБИЁТ:**

1. Умаров Х.У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и РТ на современном этапе //Вестник ЦСИ при Президенте РТ. -2006.- №3.

2.Умаров Х.У., Махмадшоев Дж. Трансформационные процессы в экономике Таджикистана //Центральная Азия и Кавказ.-2001.-№ 2 (14).

3. Хуньбин У. Десятилетие развития таджикско-китайских отношении //Народная газета. - 2002.-29 дек.

4. Мирзоев Н Экономическоеи культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами. - Душанбе, 1998.

5. Назаров Т. Сатторзода А. Дипломатияи муосири точик. - Душанбе: 2006.

6. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. - Душанбе, 2001.

7. Рахмонов Э. Точикистон: Дах соли истиклолият, вахдати Милли ва бунёдкори. - Душанбе 2001.

8. Сандов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации.- Душанбе: 2004.

9. Саидов З.Ш. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан.- Душанбе: - 2001.

10. Саидов З.Ш. Таджикистан - надежный партнер в международных отношениях. - Изд.-Душанбе,- 2003.

11. Сандов А. Ишорахое ба тарих ва оинхои точикони Хитой.- Душанбе,2006.

12. Шарипов А. Эмомали Рахмон - наш Президент.-Душанбе: Деваштич, 2006.

13. Шарипов А., Сирочов 3. Эмомали Рахмон: Начало нового этапа. Душанбе, 2008.

14. Шаринов А., Сирочов 3. Эмомали Рахмонов: Огози мархилаи созандаги. Душанбе, 2006.

## ИШТИРОКИ ҶМЧ ДАР СОХТМОНИ РОҲҲО, НАҚБҲО ВА ХАТҲОИ БАЛАНДШИДДАТИ БАРҚИ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур, роҷеъ бо иштироки Ҷумҳурии мардумии Чин дар бунёди сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва хатҳои баландшиддати барқи дар Тоҷикистон баҳс мекунад. ҶМЧ яке аз шарикҳои боэътимоди стратегии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бунёди сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва хатҳои баландшиддати барқӣ дар Тоҷикистонро бе ширкати ҶМЧ тасаввур намудан гайри имкон аст. Чин дар сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва хатҳои баландшиддати барқӣ дар Тоҷикистон саҳми фаъол дошта, бо маблағгузориҳояш чандин нақбу роҳҳо ва хатҳои баланшиддати барқӣ бунёд ва фаъол гардиданд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Чин, робита, сарчашма, сохтмони роҳҳо, нақбҳо, хатҳои баландшиддати барқӣ.

## PARTICIPATION OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA IN THE CONSTRUCTION OF ROADS, TUNNELS AND HIGH-VOLTAGE POWER LINES IN TAJIKISTAN

This article examines the participation of the People's Republic of China in the construction of roads, tunnels and high-voltage power lines in Tajikistan. The People's Republic of China is one of Tajikistan's most reliable strategic partners. The People's Republic of China is one of the first countries to recognize the independence of Tajikistan after the collapse of the Soviet Union and establish diplomatic relations. It is impossible to imagine the basis for the construction of roads, tunnels and high-voltage power lines in Tajikistan without the participation of the People's Republic of China. Today, the People's Republic of Tajikistan actively participates in the economic, social, cultural, scientific and technical life of Tajikistan. The author, relying on literature and a number of sources, examined the history of the development of relations between Tajikistan and China.

**Keywords:** Tajikistan, China, literature, communications, source, people, ancestors, history, construction of roads, tunnels, high voltage power lines.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарипов Шомаҳмад Шарифович-** Донишгохи миллии Точикистон, номзади илмхои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халки точик.  Сурога: 734025, Чумхурии Точикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17. Телефон 931903009.

**Сведения об авторе: Шарипов Шомахмад Шарифович** – Национальный университет Таджикистана, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон 931903009.

**About the author:  Sharipov Shomakhmad Sharifovich** – National University of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People. Address: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone 931903009.

# ХУСУСИЯТҲОИ МУҚОВИМАТ БО ТУНДГАРОИИ ДИНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**ХОҶАЕВ Ҳ.Ҳ.**
Муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Дар мақолаи мазкур таҳдиду хатари тундгароии динӣ ва роҳҳои мубориза ба он баррасӣ шудааст. Муаллиф паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо таҳлил намуда, онро ҳамчун мушкилоти глобалии замони муосир муаррифӣ мекунад. Муаллиф диққати худро ба омилҳои афзоиши ғояҳои тундгароии динӣ дар байни ҷавонон равона намуда, истифодаи технологияи гуногуни назарфиребӣ аз ҷониби гурӯҳҳои тахрибиро нишон медиҳад. Инчунин дар мақола ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ифротгароии динӣ низ нишон дода шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *тундгароии динӣ, терроризм, муқовимат бо терроризм, идеологияи тундгароӣ, таҳдидҳои замони муосир.*

Дар асри XXI тундгароии динӣ ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби замони муосир табдил ёфта, баррасӣ ва ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳои паст намудани шиддати иртиҷоии он дар сиёсати байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷӣ мавқеи намоёнро ишғол кардааст. Тундгароии динӣ яке аз ҷиддитарин таҳдидҳо ба тамаддуни муосир буда, бештар аз ҳама ба субот ва рушди ҷомеаи башарӣ хатар дорад. Тундгароии динӣ маъмулан дар шакли амали ифротии гурӯҳҳои иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва рушди босуботи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Тундгароии динӣ бо тахриби бевоситаи  арзишҳои иҷтимоӣ, бо қатлу куштор ва террор, ки барои тундгароён шакли асосии амалисозии барномаи идеологӣ гаштааст, алоқаманд мебошад.

Таъсири идеологияи тундгароии динӣ боиси таҳрифи ҷаҳонбинии шахс ва нуқси ҷиддии равонии ӯ мегардад. Маъмулан, ифротиёни динӣ ба афкор, ҷаҳонбинӣ ва шуури доираи муайяни одамон таъсир расонида, онҳоро ба доми худ меавтонанд ва ба гурӯҳҳои хушунатомез ва ифротӣ табдил медиҳанд. Қолаби динӣ фақат чун як рӯйпӯши муносибе барои тундгароёни динӣ ва терроризми байналмилалӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ғаразнокашон хидмат мекунад.

Алҳол тундгароии динӣ ва муқовимат бо он ҳам барои давлатҳои алоҳида ва ҳам барои ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз мушкилоти муҳимтарин мебошад. Миқёс ва ҷанбаи амалҳои террористии солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки тундгароён ва террористон моҳият ва тарзи амали худро тағйир дода, ба як падидаи глобалӣ табдил ёфтаанд. Бояд моҳияти шаклҳои муосири зуҳури тундгароии динӣ ба таври возеҳ мушаххас шавад, то ин ки усулҳои муносиби муқобилият бо он ва механизмҳои пешгирӣ ва решакан кардани он тарҳрезӣ шаванд. Дар иртибот бо ин, бояд ба омилҳои зерин таваҷҷуҳ карда шавад:

Якум, миқёси густариши тундгароии динӣ, ки бевосита бо хушунати иҷтимоӣ алоқаманд аст, муайян карда шавад. Зеро минтақаҳои алоҳида таҳти таъсири тундгароии динӣ қарор мегиранд ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба он фаро гирифта мешаванд. Тамоюли афзоиши тундгароии динӣ дар ҷаҳони муосир онро ба яке аз проблемаҳои глобалӣ  табдил додааст.

Дуюм, афзоиши ин падида чунон босуръат аст, ки дар афкори ҷамъиятӣ бо ифротгароии динӣ ва бо баъзе намудҳои он айният пайдо намудааст. Шумораи ҳарчи бештари одамон, сарфи назар аз табақаи иҷтимоӣ, ҷонибдори ифротгароии динӣ шудаанд. Ин ҳолат, махсусан, барои ҷавонон хос аст.

Сеюм, мураккабӣ ва гуногуннавъии тундгароӣ ва ифротгароии динӣ бо ҷанбаи пинҳонии он алоқаманд аст. Чунин хусусияти он дар шароити кунунӣ дарки нави ин падидаро бар асоси равиши системавӣ талаб мекунад, ки таҳқиқоти амиқ ва усулҳои ташкилӣ – ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ – мантиқии мубориза бо падидаҳои манфии диниро пешбинӣ намоянд.

Тундгароии динӣ тадриҷан ҷанбаҳои глобалиро ба худ гирифта, имрӯз барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилии ҷиддӣ табдил ёфтааст ва ҷиҳати созмондиҳии муборизаи муассир бо он саъю талоши муштараки давлатҳои гуногун, хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи онҳо ва аҳли ҷомеаи байналмилалӣ зарур аст. Дар айни замон интихоб намудани стратегияи дуруст ва санҷидашудаи муқобила бо таҳдидҳои террористӣ хеле муҳим дониста мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масъала хеле бамаврид қайд намуда буданд: "Ғайр аз муборизаи мусаллаҳона бо терроризм ба ҳалли масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо сабаби асосии тундгароӣ шуда метавонад, таваҷҷуҳи хос бояд зоҳир кард. Бо таваҷҷуҳ ба минтақаи мо бояд қайд кард, ки амалҳои гурӯҳҳои ифротиву тундгаро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ хатари ҷиддӣ доранд" [8].

Воқеан, барои муқобилияти муассир бо тундгароии динӣ омӯзиши амиқи заминаҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ – фарҳангии зуҳур ва густариши он, ҳамчунин тадбирҳои пешгирикунанда, монанди огоҳ намудан, бартараф кардан ва қатъи ин падидаи манфӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Муҳиммияти омӯзиши масъала низ бо чунин вазъият асоснок карда мешавад.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки сиёсишавии дин ва зуҳури ифротгароии динӣ руҳияи тундгароии ҷавононро ба миён оварда, дар самти таҳкими давлатдории миллӣ таҳдиду хатарҳои нав ба навро эҷод намуда истодааст. Махсусан, як қисми ноогоҳи ҷавонони Тоҷикистон, ки қишри осебпазири ҷомеа шинохта мешаванд, аз ҳама бештар зери таъсири ғояҳои ифротгароӣ ва тундгароии динӣ қарор гирифта, неруи онҳо ба муқобили манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии кишвар равона карда мешавад.

Аз ин рӯ, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни зуҳури тундгароии динӣ, муайян кардани сабабҳои пайдоиш ва ҷустуҷӯ намудани роҳу воситаҳои муқовимат бо ин падидаи манфӣ омӯзиш ва таҳқиқи ин масъаларо аз ҳарвақта дида муҳимтару зарууртар менамояд.

Баъди фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон тағйироти куллӣ ба вуқуъ омада, давлатҳои узви ин иттиҳод соҳиби истиқлолияти миллӣ гардиданд. Боиси таассуф аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани мустақилият бо дахолати субъектҳои хориҷӣ дар соли 1992 ба майдони ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ бенизомӣ дар мақомоти давлатӣ ва буҳронҳои иҷтимоию сиёсӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон авҷ гирифт.

Аз ин бенизомӣ истифода карда, гурӯҳҳои алоҳидаи тахрибкор, ҷинояткорон ва баъзе намояндагони ифротгарову тундгарои динӣ ба ҷинояткориву ғоратгарӣ, ташвиқоту тарғиботи ғояҳои динии хусусиятҳои тундгароидошта даст мезаданд. Баъзе аз сарварони гурӯҳҳои алоҳида ба оммаи мардум худро намояндаи дини Ислом муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб ва дасисабозӣ мардумро ба пайравӣ аз фарҳанги ба ҷомеаи мо бегона тарғиб менамуданд.

То солҳои 90-уми асри гузашта равияҳои номатлуби терроризм, экстремизм ва тундгароӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни ҷавонон ба мушоҳида намерасид. Пайдоиши тундгароии динии ҷавонон танҳо пас аз истиқлолияти миллӣ, ҳамчун ақида ва равияи хатарнок ба пешрафти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва бо мақсади амалӣ кардани ҳадафҳои нопоки худ, ҷавонони ноогоҳу камтаҷрибаро, ки саводи кофӣ надоштанд, ба тарафи худ ҷалб менамуданд.

Ҷавонони ба равияҳои ба тундгароӣ майлдошта оид ба баррасии ин ё он масъалаи баҳсталаб яктарафа ва аз нигоҳи тундгароии динӣ баҳо дода, хусусиятҳои тадқиқоти илмӣ ва назариявии олимону донишмандони замони муосирро ба назар намегирифтанд [9].

Дар мавриди зиёд гардидани таъсири манфии ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ба инобат гирифтани вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар низ хеле зарур буд. Иқтисодиёти миллии Тоҷикистон дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба буҳрони ҷиддӣ мувоҷеҳ гардид ва натиҷаи ногувори онро мо то имрӯз дида истодаем. Ба ҳамаи кӯшишу талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, то имрӯз масъалаҳои бунёдии таҳкими пояҳои иқтисодии кишвар то андозае ҳалношуда боқӣ мондаанд. Аммо дар ин самт стратегияҳо ва барномаҳои дарозмуддату кутоҳмуддат қабул шудаанд, ки барои беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии сокинони мамлакат нигаронида шудаанд ва бояд дар солҳои наздик рушди иқтисодии Тоҷикистонро тибқи интизориҳои стратегии давлат таъмин намоянд. Паст намудани сатҳи камбизоатӣ, баровардани мамлакат аз бунбасти коммуникатсионӣ, расидан ба амнияти озуқаворӣ, таъмини истиқлоли энергетикӣ

ва саноатикунонӣ ҳадафҳои стратегие мебошанд, ки бо мақсади таъмини рушди иқтисодии мамлакат қабул гардидаанд. Инчунин, “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” низ бо ин мақсад қабул гардидааст. Аммо бояд барои ташкили ҷойҳои корӣ, кам кардани муҳоҷират, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум чораҳои ҷиддитар андешид. Аллакай кам нестанд ҳолатҳое, ки муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ на танҳо мағзшӯйӣ мешаванд, балки аз ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ пайравӣ намуда, ба сафи онҳо мепайванданд. Ин тамоюлот низ ниёз ба таҷдиди назар дорад. Дар оянда барои коҳиш додани шумораи муҳоҷирон ва барои онҳо дар дохили мамлакат ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ бояд талош варзем, то ки осебпазирии мамлакат аз ин лиҳоз аз байн бурда шавад [4].

Дини ислом дар таърихи фарҳангу тамаддуни миллати мо ҷойгоҳи махсус дорад ва яке аз унсурҳои муҳимми фарҳанги миллии моро низ ташкил медиҳад. Лекин дар шароити муосир исломи сиёсӣ, ки аз таълимоти исломгароёни иртиҷоӣ сарчашма мегирад, ҳамчун силоҳи идеологӣ барои тасхир намудани шуури ҷамъиятӣ дар муборизаҳои сиёсӣ истифода мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна неруҳо исломро на барои беҳтар кардани вазъи маънавию ахлоқии ҷомеа, балки барои ба даст овардани ҳокимият ва тағйир додани сохти конститутсионӣ истифода мебаранд [4].

Дар доираҳои илмии Тоҷикистон, махсусан илмҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва гуманитарӣ омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии мавҷудияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ мавзуи баҳсу мунозираи доманадор ба шумор меравад. Ба ақидаи Р.Г. Абдулатипов, «Зуҳуроти ифротгароии динӣ-сиёсӣ якчанд сабаб дорад: барҳам хӯрдани собиқ Итиҳоди Шуравӣ ва оғози демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ боиси беназорат мондани шуури динӣ гардид. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи қувват гирифтани эътирозҳои иҷтимоӣ мунтазам муттаҳидшавии ҳаракатҳои динӣ-ифротии самти исломидошта ва ифртгароии миллатгароёна ба амал омад. Озодиҳои демократӣ, парокандагии иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа, сатҳи хеле пасти дониши рӯҳониёни исломии ин кишварҳо, ба таҳкими мавқеи тундгароии динӣ мусоидат намуданд» [1]. Пас аз пошхӯрии Итиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати таҳти таъсири идеологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии ҷаҳони ислом мондани кишвар ба миён омад ва ин раванд метавонист боиси номуътадил инкишоф ёфтани ҷомеаи мо гардад [2].

Таъсиррасонии пинҳонӣ ба раванди исломикунонии фазои динии ҷомеа дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби қувваҳои муайяни як қатор кишварҳои хориҷӣ собит гардидааст. Як зумра кишварҳои хориҷӣ саъю талош доранд, ки манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикии худро бо ҳар роҳе, ки имкон дорад, ҳатто бо роҳи истифода ва ҷалби гурӯҳҳои динӣ - ифротгароӣ, дар ин минтақаи ҳаётан муҳим ҳифз кунанд [5; 6].

Пӯшида нест, ки дар арсаи байналмилалӣ (махсусан, дар кишварҳои араб ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳон) зуҳур ёфтани ҳаракатҳою равияҳои динӣ-ифротӣ, ба

монанди «Давлати исломӣ», «Салафия», «Ал-Қоида», пайдоиши ваҳҳобия, натиҷаи корҳои хадамоти кашшофии кишварҳои манфиатдор маҳсуб меёбанд. Аксар вақт омили исломӣ аз ҷониби ин гуна хадамоти махсус барои ҳалли масъалаҳои хусусияти байналмилалидошта хеле моҳирона истифода бурда мешаванд. Аммо оид ба масъалаи таъсир ва таъминоти моддии давлатҳои дигар, бахусус Шарқи Наздик, шубҳае нест, ки ин номгӯйро метавон бе охир идома дод [2].

Ба ҳамагон маълум аст, ки тайи солҳои охир доираи хатару таҳдидҳои аз терроризму ифротгароӣ бароянда мунтазам васеъ гардида, ин зуҳуроти харобиовар боиси оқибатҳои даҳшатбор мегарданд ва фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористиву тундгаро ва ифротгаро хусусияти афзояндаи фаромарзиву фаромиллӣ касб менамоянд.

Гузашта аз ин, паҳншавии босуръати бемории сироятии COVID-19 дар солҳои 2020-2021 ва пайомадҳои он ҷараёни муқовимат бо ин таҳдидҳоро боз ҳам мушкил гардонида, раванди татбиқи Рӯзномаи 2030 ва дастёбӣ ба ҳадафҳои рушди устувори онро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон халалдор сохт. Гурӯҳҳои террористӣ аз чунин вазъи баамаломада сӯиистифода карда, фаъолияти ифротгароӣ, ҷалби бештари ҷавонон ба он, ташвиқ ва анҷом додани ҳамлаҳои террористӣ, аз ҷумла бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро густариш мебахшанд [7]. Боиси таассуф аст, ки бидуни дарки ҳадафҳои аслии созмону гурӯҳҳои ифротиву террористӣ баъзе воситаҳои ахбори омма барои роҳбарони онҳо минбар ё дигар имконоти ибрози матлабро фароҳам меоранд. Ин гуна рӯйкардҳо, ба назари мо, ғайрисозанда буда, гурӯҳҳои носолимро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таблиғу ташвиқ менамоянд.

Ҳамчунин, имрӯз созмону гурӯҳҳои тундгаро ва ифротиву террористӣ зимни роҳандозии ҳадафҳои нопоки худ аз зарфиятҳои технологияи иттилоотии пешрафта фаровон истифода мебаранд, ки бояд ин мавзуъ мавриди таваҷҷуҳ ва тадбирандешии муассири масъулону коршиносон қарор гирад. Тибқи таҳлилу пешбиниҳо, чунин вазъият дар  кишварҳои алоҳидаи дунё дар оянда идома ёфта, ҳузур ва фаъолияти ДИИШ ва Ал-Қоида густариш меёбад. Бинобар ин зарурати таҳияи равишҳои нави инноватсионии муборизаи муштарак бар зидди терроризм, паҳншавии идеологияи ифротгароӣ ва тундгароии динӣ, аз ҷумла, бо истифода аз технологияҳои муосир, ба миён омадааст [8].

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар яке аз суханрониҳои худ пешниҳод намуд, ки дар қаламрави вилояти Хатлон Маркази вокуниши гуманитарии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) таъсис дода шавад. Тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ, ин пешниҳод аз ҷониби ӯ 21 июни соли 2024 дар ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии Созмон дар шаҳри Алмаато садо дод. Ба андешаи ӯ, фаъолияти Марказ ҷиҳати вокуниши фаврӣ ба таҳдиду чолишҳо ва буҳронҳои башардӯстона нигаронида хоҳад шуд. Ҳамчунин вазири корҳои хориҷӣ аҳамияти анҷоми ҷараёни чандинсолаи гуфтушунидҳо оид ба таҳияи

Барномаи ҳадафноки байнидавлатӣ оид ба таҳкими сарҳади байни Тоҷикистон ва Афғонистонро таъкид дошта, ташаббуси ба имзо расонидани Қарори Шурои амнияти дастҷамъии СААД-ро дар моҳи июли соли равон пешниҳод карда буд. Вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ба мушкилоти тундгароӣ (радикализм)-и динӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, иброз дошт, ки "Барои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиддитарин таҳдид пешбурди афкору идеологияи тундгароии динӣ маҳсуб меёбад" [3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин мақсад бо якчанд созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, Иттиҳоди Аврупо, ниҳодҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва кишварҳои мададрасон, аз қабили Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Чин ва Россия дар доираи лоиҳаҳои гуногуни марбут ба мудирияти сарҳад ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст. Бинобар рушди босуръати технологии соҳаи мудирияти сарҳад имрӯз зарурати таъмин намудани мақомоти назорати сарҳадӣ бо технологияҳои муосир барои саривақт ошкор ва пешгирӣ намудани кӯшишҳои гурӯҳҳои террористиву ифротӣ, ки нияти рахна кардани низоми сарҳади давлатиро доранд, ба миён омадааст.

Амалӣ намудани ин иқдом омӯзиши таҷрибаи кишварҳои тараққиёфта ва марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани стандартҳои пешқадами байналмилалиро дар мудирияти сарҳади давлатӣ тақозо мекунад. Аз ин рӯ, дастрас намудани василаҳои аз лиҳози фановарию техникӣ пешрафта ва боэътимод дар ин масир яке аз вазифаҳои асосии мубориза муштараки сатҳи байналмилалӣ бо терроризм househ дониста мешавад. Дар заминаи чунин иқдомот доираи ҳамкории Тоҷикистон вобаста ба ин самти муҳим дарояндаи наздик боз ҳам васеъ мегардад. Моро зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, дониш ва таҳкими иқтидори давлатҳо дар мубориза бо терроризм, тундгароӣ ва ифротгароии динӣ тавассути механизмҳои мавҷуда ва дар доираи қонунҳои амалкунандаи байналхалқӣ ва ҶТ бо кишварҳои дигар ҳамкории зичу судманд дошта бошем.

## АДАБИЁТ:


1. Абдулатипов, Р.Г. Судьбы ислама в истории России: история и перспективы [Текст] / Р.Г. Абдулатипов. – М.: Мысль, 2002. – 317 с.

2. Маҳмадизода Н.Д., Шодиев Р. Бархӯрдҳои геосиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ омили муҳимми зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ [Захираи электронӣ]. – URL: https://philosophical.tnu.tj/wp-content/uploads/2022/11/barhurd-oi-geosijosii-udrat-oi-a-on-omili-mu-immi-zo-irshavii-ifrotgaroii-din-sijos-.pdf (санаи муроҷиат: 25.03.2024)

3. Пешниҳоди Тоҷикистон оид ба таъсиси Маркази вокуниши гуманитарии СААД дар Хатлон [Захираи электронӣ]. – URL: https://asiaplustj.info/ru/node/337945 (санаи муроҷиат: 25.06.2024)

4. Сафарализода, Х.К. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ / Х.К. Сафарализода. – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 420 р. – EDN RGUOGV

5. Сафарализода, Х.К. Внешние угрозы как результат столкновения геополитических интересов / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 6. – С. 276-284. – EDN VVQADG

6. Сафарализода, Х.К. Транснациональные угрозы, столкновение геополитических интересов и перспективы обеспечения национальной безопасности / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 275-282. – EDN FRHGEH

7. Сафарализода, Х.К. Вызовы и угрозы научно-технического и технологического прогресса / Х.К. Сафарализода // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2021. – № 3. – С. 97-102. – EDN KYGKAL

8. Суханронӣ дар ҷаласаи ифтитоҳии Конфронси сатҳи баланд “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил”, 17.05.2019 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/20169 (санаи муроҷиат: 25.04.2024)

9. Хусусиятҳои зоҳиршавии тундгароии динии ҷавонон дар замони ҳозира [Захираи электронӣ]. –URL: https://ravshanfikr.tj/maqolaho/khususiyat-oi-zo-irshavii-tundgaroii-dinii-avonon-dar-zamoni-ozira.html?ysclid=lxu8x3edbj96140513 (санаи муроҷиат: 12.03.2024)

10. Ҳайдаров Р. Разрушительные действия ТЭО ПИВ осуществляемые с использованием интернет-сайтов, представляют открытую и прямую угрозу безопасности Таджикистан. С.64 - 68 Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистан) Душанбе: Муассисаи нашриявии “Дониш”-и АМИТ. С.2021

11. Ҳайдаров Р. Вклад Таджикистана в борьбе с проявлениями религиозного экстремизма и международного терроризма. С.69-73 Душанбе: Муассисаи нашриявии “Дониш”-и АМИТ. С.2021

## ОСОБЕННОСТИ БОРЬБЫ С РЕЛИГИОЗНЫМ РАДИКАЛИЗМОМ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассматриваются угроза и опасность религиозного экстремизма и пути борьбы с ним. Автор адекватно анализирует данный вопрос и представляет его как одной из глобальных проблем современности. Автор акцентирует внимание на факторах роста экстремизма среди молодежи и показывает использование диверсионными группами различных приемов обмана. В статье также показаны инициативы Республики Таджикистан в борьбе с религиозным экстремизмом.

**Ключевые слова:** религиозный экстремизм, терроризм, противодействие терроризму, идеология экстремизма, угрозы современности.

# FEATURES OF THE FIGHT AGAINST RELIGIOUS RADICALISM IN MODERN CONDITIONS

This article examines the threat and danger of religious extremism and ways to combat it. The author adequately analyzes this issue and presents it as one of the global problems of our time. The author focuses on the factors of the growth of extremism among young people and shows the use of various methods of deception by sabotage groups. The article also shows the initiatives of the Republic of Tajikistan in the fight against religious extremism.

**Keywords:** religious extremism, terrorism, countering terrorism, ideology of extremism, modern threats.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Хоҷаев Ҳ.Ҳ.** - муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; Тел.: +992 501 022 404; E-mail: Khojahikmat@mail.ru

**Сведения об авторе: Ходжаев Х.Х.** - заместитель директора Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана. 734025, Таджикистан г.Душанбе, проспект Рудаки 33; Тел: +992 501 022 404 E-mail: **Khojahikmat@mail.ru**

**About the author: Khodzhaev Kh.Kh.** - Deputy Director of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33; Tel: +992 501 022 404 E-mail: Khojahikmat@mail.ru

***ШАРҚШИНОСӢ***

**УДК: 891,550.90-1+891.550.092**

# ПАНДНОМАИ «САД КАЛИМА»-И РАШИДУДДИН ВАТВОТ - МУАРРИФГАРИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ҶАҲОН

**ОДИНАЕВ АБУҲАЛИМ СИЁҲМАРДОВИЧ**
ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

*Сад пандномаи Рашидуддин Ватвот бо номи “Сад калима” ё “Сад ҳикмат” миёни забонҳои форсӣ, олмонӣ, туркӣ, арабӣ ва тоҷикӣ гардонида шудааст, ки дар баробари китоби “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Рашидуддин Ватвот ҳамчун асарест, ки шаклҳои шеърии онвақта, алалхусус образҳо ва санъатҳои шеъриро дар атрофи ҳикматҳо ва осори ниёгон дақиқона тадқиқ ва тавзеҳ намуда, фикру мулоҳизаҳои хеле муҳими таълимиро дар бар мегирад. Ҳамчунон нақши донишмандони барҷастаи адабиёти тоҷику форс ва арабро иброз мекунад.*

*Бо омӯхтани матни ҳикматҳои араб ва тарҷумаи он ба форсии тоҷикӣ, илова бо абёти Рашидуддин Ватвот, ки сад ҳикмати ҳазрати Алӣ (р)-ро бо назми шеър шарҳ медиҳад, ҳамзамон таҷдиди байтҳои қадимаро бо усули нав сайқал медиҳад, ки ҳифз намудани онҳо барои ҳамагон махсусан ҷавонон осонтар ва хело муҳим арзёбӣ мегардад.*

*Аз ин лиҳоз ин дастхати адабии осори ниёгон аз ҷониби Одинаев Абдуҳалим омӯхта шуда омодаи нашр гардидааст, ки то охири соли равон пешкаши хонандагон мегардад.*

***Калидвожаҳо**: Сад калима, Рашидуддин Ватвот, форсӣ - тоҷикӣ, арабӣ - тоҷикӣ, Институти Осиё ва Аврупои АМИТ, Ганҷинаи академик Мирзоев Абдулғанӣ, Маркази мероси хаттии АМИТ, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

Ҳикмати воло нишонаи камоли ақли шахс буда, шаъну эътибори ӯро баланд мебардорад, иззату манзалаташро дар назди дигарон боло бурда, муҳаббати мардумро нисбати ӯ афзоиш медиҳад ва ӯро маҳбуби қалбҳо месозад[3]. Аз ин лиҳоз ҳакимон инсонҳои хирадманд буда, бо таҷрибаҳои зиндагии худ ҳаёти дигаронро дуруст роҳнамоӣ мекунанд. Аз ин ҷост, ки файласуфи юнонӣ Арасту гуфтааст: «Ҳикмат сарвари дониш ва адабиёту ҳунар аст»[1].

Дар бораи мероси хаттии ниёгонамон устод Бобоҷон Ғафуров чунин гуфтаанд, ки дар баробари пешрафти назм дар адабиёти классикии форсу тоҷик беҳтарин намунаҳои асарҳои насрӣ низ ба вуҷуд меоянд. Ӯ дар миёни дигар китобҳо ба яке аз осори Рашидуддин Ватвот «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ишора намуда, онро аз ҳамин қабил беҳтарин асарҳои адабиёти форсу тоҷик мешуморад[12,2/142].

Дар радифи дастнависи “Сад калима”, ки ҳамчун пандномa унвон намудам, дар баробари китоби “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Рашидуддин Ватвот асарест[12,2/143], ки шаклҳои шеъри онвақта, алалхусус образҳо ва санъатҳои шеъриро дар атрофи ҳикматҳо ва осори ниёгон дақиқона тадқиқ ва тавзеҳ намуда, фикру мулоҳизаҳои хеле муҳими таълимиро дар бар мегирад, ҳамчунон нақши донишмандони барҷастаро дар адабиёти тоҷику форс ва араб иброз медорад. Ва Низор Қаббонӣ – шоири миллии Сурия мегӯяд, ки «адабиёт аз раҳму шикебоӣ ва заҳмату ранҷу ғам зода мешавад»[9,64]. Аммо дар мавриди шеър Низор Қаббонӣ низ мегӯяд, “Шеър чеҳра ва намудори миллат аст. Бо дурахшиши миллат шеър низ медурахшад ва аз рангпаридагиву нотавонии ӯ заиф мегардад»[9,64].

Бо омӯхтани матнҳои ҳикматҳои араб ва тарҷумаи он ба ба забони тоҷикӣ-форсӣ, илова бо абёти Рашидуддин Ватвот, ки сад ҳикмати ҳазрати Алӣ (р)-ро шарҳ медиҳад, наздиктар намуда, аз роҳи шеър таҷдиди байтҳои қадимаро бо усули нав сайқал медиҳад ва аз ёд кардани онҳо барои калонсолон ва ҷавонон осонтар мегардад.

Агар хондан нишонаи тамаддун ва ба зиндагӣ амиқтар ворид шудан бошад, пас хондани адабиёт ба мо муомилаи нармтару дӯстона ва тарзи зиндагии шоистаро таълим медиҳад[14]. Инчунин ба густариши муошират, ҳамбастагӣ ва гуфтугӯ дар байни ҳомилони ҳамаи забонҳо, нажодҳо ва фарҳангҳо мусоидат мекунад[15].

Таваҷҷуҳ ба мероси адабии бузурги форсу тоҷик бо мақсади наздиксозӣ ва ҳамкорӣ бо ин мардуми наҷиб тавассути ҳикмати араб диққати моро ба сӯйи таҳқиқи дастнависи ҳикматҳои “Сад калима”-и Ватвот ҷалб намуд.

**Шуҳрати Рашидуддин Ватвот:**

Номи Рашидуддин Ватвот бештар дар робита бо дарбори давлати Хорзмшоҳиён ёд карда мешавад. Ӯ яке аз ҳамасрони Султон Санҷари Салҷуқӣ (479-551ҳ./1086-1156м.) ва Султон Отсизи Хоразмшоҳӣ буда, дар он даврон мақому манзалати хосе дошт. Таваллуди Ватвот дар соли 480/1087 дар шаҳри Балх иттифоқ афтода[11,8/397], аммо бештари умри худро ӯ берун аз он, дар дарбори Хоразмшоҳиён сипарӣ намудааст.

Рашидуддини Ватавот яке аз шахсиятҳои аҷоибу нодири он асру ягонаи замони худ буд. Ӯ дар назму наср, нозукиҳои нутқ, асрори сарфу наҳви арабӣ ва адабиёти арабу форс маъруфу машҳур буд. Ва овозаи маҳорату дониши ӯ дар саросари ҷаҳони ислом вирди забонҳо гашта буд[4,5/430]. Ӯ дар як замон метавонист дар як баҳр байте ба арабӣ ва дар баҳри дигар ба форсӣ шеър эҷод кунад ва ҳамзамон ҳардуро ҳам имло намояд[4,5/430].

Рашидуддин Ватвот маҳз аз он зумра адибонест, ки осори назмию насрии худро бо ду забон -арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ба мерос гузоштааст, яъне ӯ адиби зуллисонайн мебошад. Саид Нафисӣ дар ин маврид мегӯяд: «Рашиди Ватвот аз удабои пуркори Эрон дар забони порсӣ ва тозӣ буда, китобҳо ва расоили бисёре дар назму насри ин ду забон пардохтааст»[2,28]. Рашидуддин Ватвот дар навишт бо ин ду забон маҳорати баланди беназир дошт, ки дар эҷоди шеър метавонист бо

ҳар як вазн ва бо истифода аз дилхоҳ санъатҳои лафзию маънавӣ истифода намояд.

Аз хусусиятҳои эҷодии Ватвот он аст, ки ӯ ҳам дар осори форсияш аз забони арабӣ истифода кардааст ва ҳам дар осори арабияш гоҳо калимоти форсиро кор фармудааст. Осори ӯ иборат аст аз девони шеъри форсӣ, ки иборат аз жанрҳои гуногуни назм аст, расоили форсӣ ва арабӣ ва осори омехтаи мансуру манзум, мисли рисолаи “Сад калима” ва тазкираи “Ҳадоиқ ус-сеҳр” мебошад. Адади он ҳама ба 22 номгӯи осори назмию насрӣ мерасад. Ҳамчуноне ки дар таҳқиқи Саид Нафисӣ омадааст, бархе аз осори Рашидуддин Ватвот ба забони арабӣ ва иддаи бештаре ба забони форсӣ нигориш ёфтаанд[2,28-39].

Шуҳрати Рашидуддин Ватвот то ҷойе расид, ки соҳиби девони рисолати Хоразмшоҳон таъйин гардид. Зеро дар он замон девони иншо ё рисолатро ба касоне месупориданд, ки доно ва дар назму насри ду забон - порсӣ ва тозӣ - забардаст бошанд[6,74].

**Шеваи омӯзиши дастхати «Сад калима»:**

1. Ҳангоми интихоби дастнависи «Сад калима», ки ба забони арабӣ «Миату калима» номида мешавад, ва он сад ҳикмате мансуб ба Алӣ ибни Абитолибро (р) Ҷоҳиз ҷамъ намуда, мақсад гузоштам, ки онро таҳқиқу баррасӣ намоям ва нақшу мавқеъи онро дар адабиёти классикии араб ва форсу тоҷик нишон диҳам. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ин асарро Рашидуддин Ватвот тарҷума ва ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба назм даровардааст. Банда дар тадқиқи ин дастхат ба хотири ин ки калимаҳои хубтару фаҳмотар садо диҳанд, аз дигар сарчашмаҳо иқтибос карда, шаклу ҳаракатҳои калимаҳои ба забони арабӣ навишташударо пурра гузоштам, гарчанде баъзе шаклҳо ба сабаби пешу пас омадани ҳарфҳо, ки бо ибора мувофақат намекунанд ба мисли калимаи "Яному يَنَامُ –хоб мекунад" дар ҳикмати рақами 3: (.النَّاسُ نِيَامٌ فَإِذَا مَاتُوا انْتَبَهُوا)- “Мардумон дар хобанд, пас чун бимиранд, бедор шаванд”), ки дар дигар дастхатҳо он "Ниём نِيَامٌ -хуфтагон" омадааст, бинобар ин калимаи дурусти мувофиқи ибора ислоҳ карда шуд.

2. Барои дуруст намудани матн ва пурра намудани маъно, аз дигар сарчашмаҳо истифода бурда, ҷумлаи дурусташро ихтиёр намуда, бо навиштани калимаи “Бо тасарруф” дар поварақ ишора кардам.

3. Дар ин дастхат ҳикматҳои шумораи 56 ва 65 зикр нашудааст, бинобар ин аз дигар нусхаҳои “Сад калима” онҳоро кучонда матнро пурра намудаам. Инчунин тарҷумаи ҳикмати 67 навишта нашудааст, бо такя ба дигар нусхаҳо онро навиштам. Ва барои фарқ намудани матни аслии дастхат ба ин шакл ([…]) аломат гузошта ва дар поварақ ишора намудам.

4. Тавассути пайгирӣ бар он огоҳ шудам, ки котиби нусха дар навиштани баъзе калимаҳо ба хато роҳ додааст, ки маънои ибораро дигаргун менамояд. Масалан, дар ҳикмати рақами 27: (لا شفيع الحجّ من التوبة). Котиб аломати шаддаро болои ҳарфи (ҷ -ج) гузоштааст, ки ин аз хатои боло ва маъно шаҳодат медиҳад. Аммо ибораи дуруст: (لا شفيع أنجح من التوبة) ба маънои “Нест шафиъе ҳоҷат барорандатар аз тавба” мебошад. Инчунин дар ҳикмати рақами 63: (الإحسان يقع اللسان)

омадааст, аммо ибораи дуруст (الإحسان يقطع اللسان) ба маънои “Некуӣ кардан бурад забони бадгӯро” мебошад, зеро котиб ҳангоми навиштан ҳарфи (т ط) -ро партофтааст ва калимаи “бадгӯ” оварда нашуда, балки дар назар дошта шудааст.

5. Баъзе байтҳои Рашидуддин Ватвот дар асnoи шарҳи ҳикматҳо зикр нашудаанд, аз ҷумла дар ҳикмати рақами 23: (قَلْبُ الْأَحْمَقِ فِي فِيهِ) ду байти Ватвот зикр нагардидааст, аммо онро аз китоби дигаре оварда, дар ҳошия ба он илова намудем, то китоб муфидтар гардад.

6. Ғайр аз ин котиб калимаҳоеро менависад, ки бо матн ва ибора мувофиқат намекунанд, ба монанди ҳикмати рақами 88: (لا معقل أحسن من الورع), калимаи (أحسن) ба ҳарфи син, аммо дар дигар нусхаҳо (أحصن) ба ҳарфи сод омадааст ба маънои “қалъа” ва “мустаҳкам”, зеро ин калима бо ҳарфи сод маънои ибора наздиктар аст.

7. Байни ҳикматҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ муқоиса шуд ва тарҷумаи онҳоро бодиққат омӯхтаву манбаъҳои дигарро аз назар гузаронида, фарқиятҳо дар ҳошия нишон дода шудаанд.

8. Барои тавзеҳи бештар дар зери ҳикматҳо шарҳи мухтасаре илова карда шуд, то ки ҳадаф аз он возеҳтар гардад, мақсаду маънои ҳикматҳо равшантар баровара шавад. Ва барои ин тавзеҳот дар поварақ унвони "Шарҳи ҳикмат"-ҳоро гузоштам, то онҳо аз матни аслӣ фарқ кунанд. Гумон мерафт, ки агар ин ҳикмат танҳо бо зикри абёти Рашидуддин Ватвот маҳдуд шавад, он гоҳ, дар назари аввал бетаъсир ва норавшан менамуд, алахусус дар хондани ғайримутахассисон. Аз ин рӯ, ин тавзеҳоту шарҳ мувофиқи ҳикматҳо дар ҳаҷм баробар намеомад ва ин бандаро водор кард, ки дар баробари абёти Рашидуддин Ватвот баъзан шарҳро тулонтар намудам то ки ҳадафи ҳикматро равшантар намоям.

9. Яке аз равишҳое, ки дар пажуҳиши ин калимаҳо низ истифода шудааст, ин аст, ки ҳангоми таҳқиқи китоби "Сад калима" шарҳи муфассали баъзе вожаҳоро барои равшан шудани мавзуъ илова кардам. Пас он вожаҳоро барои хонандагон дар феҳристи ҷудогона дар охири китоб ҷой додам.

10. Дар тарҷумаҳои форсӣ-тоҷикии ҳикматҳо баъзе калимаҳои дар ҷумла навишташуда, барои хонанда маънои дуруст ва фаҳмишро баён намекунад. Аз ин рӯ онро дуруст навишта ва дар поёни он бо ибораи “бо тасарруф” ишора намудам. Ба монанди тарҷумаи ҳикмати рақами 45.

11. Инчунин дар ин дастхат се байти ҳикматҳои 47, 56 ва 65 оварда нашудааст.

**Тавсифи адабӣ ва забонии «Сад калима»**

“Сад калима”-и Рашидуддин Ватвот миёни донишмандону донишҷӯён шуҳрати зиёд дорад. Муаллиф дар ин асар ҳикматҳои ҳазрати Алӣ ибни Абитолибро ба риштаи назм кашидааст, ки имрӯз таваҷҷӯҳиноширон ва адибонро гирди худ ҷамъ овардааст. Рашидуддин Ватвот дар он 100 калимаеро,

ки ал-Ҷоҳиз[3] ба забони арабӣ ба наср ҷамъоварӣ карда буд, ба форсӣ ҳам ба наср ва ҳам ба назм тарҷума ва шарҳ додааст. Инчунин гуфта мешавад, ки Ватвот онро дар соли 553ҳ/1158м ба хотири Султон Маҳмуд ибни Хоразмшоҳ навишта, ба ӯ ҳадя кардааст. Дар хутбаи ин китоб изҳор доштааст, ки ӯ "Сад калимае"-ро, ки адиби машҳури араб ал-Ҷоҳиз аз ҷумлаи гуфторҳои халифаи чорум Алӣ ибни Аби Толиб (р) интихоб карда, шарҳ додааст. Ҳар як калима аз ҷиҳати арзиши маънавӣ ба ҳазор калима баробар аст[7,3-4]. Як нусхаи дигари ҳаммонанд вуҷуд дорад, ки ба унвони «Матлубу кулли толиб мин каломи Алӣ ибни Абитолиб» мебошад ва муҳаққиқи он доктор Маҳмуд Обидӣ мегӯяд: «Нахустин рисолаи "Сад калима"-е, ки Рашид Ватвот ба хоҳишу завқи дили худ шарҳ кард ва лозим дид, ки он "Сад калима"-ро, ки Ҷоҳиз баргузида буд, ба ду забон -туркӣ ва порсӣ- тафсир кунад ва дар охири тафсири ҳар калима ду байти шеър аз муншаъоти хеш муносиб бошад, биёварад, ки он "Матлубу кулли толиб мин каломи Алӣ ибни Абитолиб" аст»[8,4]. Аммо ин дастхат, ки бо шарҳи арабӣ ва форсӣ ва дар дунболи он ду байти Рашидуддин Ватвот навишта шудааст, аз "Сад калима"-и Маркази мероси хаттии АМИТ фарқ мекунад. Бо ҳар роҳ ин дастхат дар китобхонаҳои мероси хаттии кишварҳои ҷаҳон бо забонҳои форсӣ, арабӣ, олмонӣ ва туркӣ паҳн шудааст.

Ҳамчунон муҳаққиқи олмонӣ Карл Броккельман ба он ишора намудааст, ки ҳамон "Сад калима" бо (100 ҳикмат ва масалҳо) ба забони арабӣ ва форсӣ бо тафсир ва шарҳи Рашидуддин Ватвот мебошад. Ин «100 ҳикмат» бо ду ҳошияи масал ва ҳикматҳои арабӣ мебошад, ки онро шарқшиноси олмонӣ Флешер ба забони олмонӣ тарҷума намуда, бо ҳошияҳо ва таълиқоташ дар шаҳри Лейпциг соли 1837 нашр намуда гуфтааст, ки ин дастхатро дигарон низ шарҳ додаанд. Масалан, дастхати шарҳи Ҳусайн ибни Муинуддин ал-Майбудӣ, ки дар осорхонаи Британия маҳфуз аст, дар аввали соли 1665 навишта шудааст. Ва шарҳи Муҳаммад ал-Умарӣ вуҷуд дорад, ки дастхати он дар Парис маҳфуз аст. Инчунин маҷмуаи Рашидуддин Ватвот низ дар китобхонаи Айя София ва Сулаймония бо шарҳи Ҷамол Хилватӣ ба унвони «Сад калима» нигаҳдорӣ мешавад. Инчунин дастхатти «Сад калима»-"Миату калима" бо шарҳу тафсири туркӣ ва форсӣ (мансуб ба Абдурраҳмони Ҷомӣ) дар китобхонаи шаҳри Истанбул маҳфуз мебошад[10,1/179-180]. Аммо дар муқаддимаи дастхати Маркази мероси хаттии АМИТ навишта шудааст, ки "Хоҷа Рашиди Ватвот (раҳ) тарҷумаи онро дар силки назм кашидааст".

**Дастхатҳои «Сад калима» дар китобхонаҳои ҷаҳон ва Тоҷикистон**

Бо вуҷуди шумораҳои зиёди дастнависи «Сад калима»-и Рашидуддин Ватвот дар марказҳои дастнависҳои ҷаҳон, нусхаи нодири дигаре дар ганҷинаи

[3] ал-Ҷоҳиз, Абу Усмон, Амр ибни Баҳр ибни Маҳбуб ибни Фазораҳ ал-Лайти ал-Канони ал-Басрӣ (159-255 ҳиҷрӣ), як нависандаи машҳури араб буд, ки яке аз бузургтарин имомони адабиёт дар даврони Аббосиён буд ва дар Басра таваллуд шуда, вафот кардааст. Ӯ тақрибан навад сол умр ба сар бурда ва китобҳои зиёдеро боқӣ гузошт, ки шумораашон душвор аст, гарчанде ки машҳуртарини ин китобҳо "ал-Баён ва ат-табйин", китоби "ҳайвонот", "Бахилон" ва ғайра мебошад. Ӯ дар илми калом, адабиёт, сиёсат, таърих, ахлоқ, наботот, ҳайвонот, саноат ва ғайра низ таълиф намудааст. Аз он ҷумла "Сад калима"-ро ба ӯ нисбат ҳам медиҳанд.

Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад, ки он низ аҳамияти таърихии хоси худро дорост, зеро иборат аз изофоти шеърии донишманди зуллисонайн Рашидуддин Ватвот мебошад.

Нусхаи “Сад калима” миёни дастхатҳои машҳури ҷаҳон аз забони арабӣ ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст. Рашидуддин Ватвот ин асарро аз арабӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷума намуда, ҳар як гуфтори ҳазрати Алиро (р) дар як ё ду байти шеър ғунҷонидааст. Аммо дастхати Ганҷинаи Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дорои “қитъа”-ҳо мебошад, ки дар дигар дастхатҳо зикр шудааст, аммо баъди тарҷумаи ҳикматҳо як шеъри дигар изофа шудааст, ки ба ғайр аз дастхати Ганҷинаи Маркази мероси хаттии АМИТ дар дигар дастхатҳои он дида намешавад. Инчунин эҳтимоли мансубияти он ба Рашидуддин Ватвот бештар мебошад. Шояд шеъри “қитъа”-и офаридаи дувуми Рашидуддин Ватвот ба хотири такмили сурати ҳикмат як навъ зуҳуроти таваҷҷуҳ ба ҳикматҳои ҳазрати Алӣ (р) мебошад. Ҳикматҳои мансуб ба ҳазрати Алӣ (р) дар самти ташвиқу тарғиб ба фарҳанг, ахлоқ ва риояи одоби инсонию исломӣ мебошад. Дар асри IX ҷамъ овардани онҳо дар шакли сад калима, тарҷума ва тафсири он гуфторҳо дар асрҳои баъдӣ мақсади муайяне дошт, ки он ҳам бошад ҳам бо хонандагони араб ва ҳам форсу тоҷик расонидани арзишҳои волои инсонӣ дар қолаби мақолу масал буд. Бинобар ин Ватвот низ ба ин восита афкору ақоиди ахлоқии худро баён доштааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми баррасии китоби «Фарҳанги дастнависҳо дар бораи имом Алӣ ибни Аби Толиб (р)», ки аз ҷониби Маркази рӯйхати таҳқиқоти компютерии Исфаҳон маълум гардид, ки «Сад калима» дар боби ҳарфи «Сод» зикр шудааст. Дар он ҷо зикри дастхатҳои «Сад калима» хоҳ ба наср ва хоҳ ба назм дар 16 китобхона ва донишгоҳҳои Эрон, Лондон, Туркия ва Қоҳира, бидуни зикри Тоҷикистон омадааст[5,221-223], инҳоянд:

1: Сад калима аз калимоти мухтасари Ҳазрати Алӣ (а), дар китобхонаи Остони Қудси Разавии Машҳад, таҳти рақами: 3/877 маҳфуз аст.

2: Сад калимаи Амир-ул-муъминин (а), Гавҳарӣ, дар китобхонаи Ҷамъияти умумии Теҳрон таҳти рақами 12/6449 нигаҳдорӣ мешавад..

3: Сад калимаи Амир-ул-мӯъминин (а), номаълум, “Сад ҷавҳария” номида шудааст.

4: Сад калимаи Амир-ул-муъминин (а), (ба забони туркӣ) дар Китобхонаи Миллии Теҳрон, таҳти рақами 2849 маҳфуз аст.

5: Сад калимаи Амир-ул-муъминин Алӣ ибни Абитолиб (алайҳиссалом), номаълум, дар китобхонаи мактаби Ҳиндустон дар Лондон-Англия (Indian office), таҳти рақами 139 нигоҳдорӣ мешавад.

6: Сад калимаи ҳазрати Алӣ (а), Сайид Мустафо Иззат Афандӣ, дар китобхонаи тарҷумонҳо дар Исломбул, таҳти рақами 158 маҳфуз аст.

7: Сад калимаи ҳазрати Алӣ Амир-ул-муъминин (а), номаълум, Дорул-кутуби Мисрӣ дар Қоҳира, зери номи ТСЭ нигоҳдорӣ мешавад.

8: Сад калимаи ҳазрати Алӣ Амир-ул-муъминин (а), номаълум, Китобхонаи давлатии Боязид дар Исломбул, таҳти рақами 1235 маҳфуз аст.

9: Сад калимаи ҳазрати Алӣ Амир-ул-муъминин (а), номаълум, китобхонаи донишгоҳи Исломбул, таҳти рақами 5.849 маҳфуз аст.

10: Сад калимаи ҳазрати Алӣ Амир-ул-муъминин (а), номаълум, китобхонаи Коллеҷи донишгоҳи диншиносии Теҳрон. Таҳти рақами 9/551 маҳфуз аст.

11: Сад калимаи Алӣ ибни Абитолиб (а), номаълум, китобхонаи Маҷлиси Аъёни (собиқ) дар Теҳрон, таҳти рақами 66/6 нигоҳдорӣ мешавад.

12: Сад калимаи манзум, номаълум. Китобхонаи Маҷлиси Шурои Исломӣ дар Теҳрон, таҳти рақами 773.

13: Сад калимаи манзум аз Ҳофиз Одил ибни Алӣ ал-Хуросонӣ зери унвони: Назм-ул-лаолӣ дар тарҷумаи наср-ул-лаолӣ.

14: Сад калимаи манзуми ҳазрати Амир-ул-муъминин (а), номаълум. Дор-ул-кутуби ватанӣ дар Теҳрон, таҳти рақами 2580.

15: Сад калимаи манзуми ҳазрати Муртазо Алӣ (а), номаълум, дар Лондон-Англия (eciffoaidnI). Китобхонаи мактаби Ҳиндустонӣ, таҳти рақами: 2.140.

16: Сад гуфтори ҳазрати Амир-ул-муъминин (а), номаълум, китобхонаи Оятуллоҳ ал-Узмо ал-Маръашӣ дар Қум, таҳти рақами 2/2239 нигоҳдорӣ мешавад.

17: Назми “Сад калима”-и амир-ул-муъминин Алӣ каррама-л-Лоҳу ваҷҳаҳу. Таълифи: Рашид Ватвот. Тарҷума ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва ба маслаки назм кашидаи Хоҷа Рашид Ватвот мебошад[12,151]. Таърихи истинсох: дар қарни 19; адади варақҳо: аз 181a то 188b буда ва рақами нигоҳдошти дастхат: 1788, дар Ганҷинаи дастхатҳои ба номи академик Мирзоев Абдуғанӣ дар Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зери ҳамин рақам 1788 маҳфуз мебошад.

Инчунин порае аз “Сад калима” дар асари арабишиноси тоҷик, профессор Тоҷиддин Мардонӣ, ки ба тадқиқи рӯзгор ва осори арабии Рашидуддин Ватвот бахшида шудааст, оварда шудаанд.

Дар охир бояд қайд намуд, ки ҳоло нусхаи дастхати “Сад калима”-и Рашидуддин Ватвот омода гардида, аз тарафи Институти Омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ ва Маркази мероси хаттии АМИТ то охири ҳамин сол ба нашр хоҳад расид.

## АДАБИЁТ:

1. Аҷоибтарин гуфтаҳо дар бораи ҳикмат! Сомонаи Урдун – Аммон «Хаббирнӣ». 27.09.2008. (www.khaberni.com) أروع ما قيل عن الحكمة؟

2. Девони Рашидуддин Ватвот. Таҳқиқи Саид Нафисӣ. Чопи Теҳрон, Шоҳобод, соли 1339. Як муҷаллад бо китоби Ҳадоиқуссеҳр, 738 С-.

3. Донед, ки хирад чӣ фоида дорад. 13.09.2020. сомонаи “Дарвозаи ал-вафд”. (https://alwafd.news) تعرف على ما هي فوائد الحكمة

4. Луғатномаи адибон ё ҳидояткунандаи ариб ба шинохти адиб. Абуабдуллоҳ Ёқут ибни Абдуллоҳ ар-Румии ал-Ҳамавӣ. Чопи Дор-ул-кутуб ал-илмия, Бейрут, 1411ҳ/1991м, 5 ҷилд. Ҷ 5, 654 С-.

5. Луғатномаи дастнависҳои бостонӣ дар бораи Имом Алӣ ибни Абитолиб (а), Ҳусейни Муттақӣ, нашрияи дафтари ҷамъиятии Оятуллоҳ Маръашӣ, Маркази таҳқиқоти компютерии “ал-Қоима”, (www.Ghaemiyeh.com), як ҷилд, 339 С-. معجم الآثار المخطوطة حول الامام علی بن أبی طالب علیه السلام، حسین متقی

6. Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик. Рисолаи илмии номзади илми филология. Собиров Ҳамза Юсуфович. Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Душанбе 2018. Як ҷилд дар 202 С-.

7. Матлубу кулли толиб аз суханони Алӣ ибни Абитолиб. Рашидуддин ал-Ватвот. Ислоҳ ва таваҷҷӯҳ: Мир Ҷалолуддин ал-Ҳусайнӣ ал-Урмавӣ ал-Муҳаддис. 1382 шамсӣ. Маншуроти гурӯҳи муаллимони Қум. Як муҷаллад, 49 С-. مطلوب کل طالب من كلام علي بن أبي طالب- رشيد الدين الوطواط.

8. Матлубу кулли толиб мин каломи Алӣ ибни Абитолиб (а). Шарҳи Рашидуддин Ватвот (573х-к). Тасҳеҳ ва таълиқоти доктор Маҳмуд Обидӣ. Китобхони Диҷитал (www.noorfotemah.org). Як чилд, 151 С-. مطلوب كل طالب من كلام علي بن ابي طالب-الجديد

9. Тасхири ҷаҳон бо калимот. Ҷаҳони андешаи Низор Қаббонӣ. Маҷаллаи “Адаб”. Маҷаллаи илмӣ, адабӣ ва таълимию маърифатӣ. №3 (67), 2023, 80 С-.

10. Таърихи адабиёти араб. Карл Броккельмон. Ҷилди 1. 1/179-180.

11. Таърихи иҷтимоии Эрон. Муртазо Ровандӣ. Чопи муассисаи интишороти Нигоҳ, Теҳрон -1374, 12 ҷилд. Ҷилди 8, бахши аввал - Ҳаёти адабии мардуми Эрон - 649 С-.

12. Тоҷикон, таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёнаи Бобоҷон Ғафуров. Ҷ/2, 418 С-.

13. Феҳристи тавсифоти дастхатҳои арабӣ аз рӯйи ибтидои матнашон. Таълифи Саиднуриддин Шаҳобуддинов. Таҳияи Одинаев Абдуҳалим. Нашрияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази мероси хаттӣ. –Душанбе: МН «Дониш» 2020, 220 С-.

14. Хондани адабиёт. Абдуллатиф аз-Закрӣ. 21.03.2017. Рӯзномаи «ал-Қудс ал-Арабӣ». (www.alquds.co.uk) قراءة الأدب

15. Чӣ гуна мо одати хондан ва завқи чашидани адабиётро меомӯзонем? Доктор Маҳмуд Абу Фана. 24.06.2020. Сомонаи "Омӯзиши ҷадид". (www.new-educ.com) كيف نغرس عادة الإقبال على قراءة الأدب وتذوّقه؟

## «СТО НАЗИДАНИЙ» ЛИТЕРАТУРНЫЙ ТРУД РАШИДУДДИНА ВАТВАТА, СВЯЗУЮЩАЙ ТАДЖИКИСТАН С МИРАМ

Сто назиданий Рашидуддина Ватвата под названием «Стословник» широко распространён в исламском мире. Он представляет собой сборник изречений четвертого праведного халифа Али ибн Абуталиба, собранных известным

средневековым арабским энциклопедистом Абуусманом ал-Джахизом. На язык фарси-таджикский сборник перевел видный писатель и поэт Рашидуддина Ватват, снабдивший каждое изречение поэтическим переводом и пояснением. Рукопись этого произведения хранится в Центре письменного наследия НАНТ.

Данное уникальное литературное произведение всесторонне изучено Одинаевым Абдухалимом и до конца года будет представлено к изданию.

**Ключевые слова**: стословник, Рашидуддин Ватват, рукопись, перевод, Институт Азии и Европы НАНТ, Фонд рукописей имени академика Абдулгани Мирзоева, Центр письменного наследия НАНТ, Национальная академия наук Таджикистана.

## "HUNDRED WISDOMS" OF RASHIDUDDIN VATVOT - THE REPRESENTATIVE OF TAJIK LITERATURE IN THE WORLD

One hundred wisdoms of Rashiduddin Watwat called "One Hundred Words" or "One Hundred Wisdoms" were translated into Persian, German, Turkish, Arabic and Tajik languages, which, along with the book "Hadoiq-us-sehr" by Rashiduddin Watwat, is a work that contains poetic forms. At that time, in particular, he carefully researched and explained the images and poetic arts around the wisdom and works of the ancestors, and includes very important educational ideas. It also shows the role of outstanding scholars of Tajik, Persian and Arabic literature.

By studying the text of the Arabic wisdom and translating it into Tajik Persian, in addition to the verses of Rashiduddin Watwat, who explains the hundred wisdom of Hazrat Ali (r) in verse. At the same time, he refines the reproduction of the ancient verses with a new method, which preserves them for everyone, especially youths are considered more important accordingly.

In this regard, this literary manuscript of the ancestors' works has been studied by Odinaev Abduhalim and is ready for publication, which will be presented to readers by the end of this year.

**Keywords:** Hundred wisdoms, Rashiduddin Watvot, Tajik Persian, Tajik Arabic, NAST, Institute of Asia and Europe Studies, Academician Mirzoev Abdughani's personal library, NAST, Center for Written Heritage and National Academy of Sciences of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Одинаев Абуҳалим Сиёҳмардович -** ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; тел: +992 917-44-53-70; e-mail: odinaev45@gmail.com

**Сведения об авторе: Одинаев Абдухалим Сияхмардович** - научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес:734025, Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки № 33, тел: +992 917-44-53-70. Email: odinaev45@gmail.com

**About the author: Odinaev Abdukhalim Siyahmardovich** – Leading Research Fellow, The Institute of study of problems in Asia and Europe of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe sity, Rudaki prospect №33, tel: +992 917-44-53-70; E-mail: odinaev45@gmail.com

## ДОСТОНҲОИ КУТОҲИ ҚАТАРӢ ИНЪИКОСГАРИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИИ МАРДУМИ ҚАТАР

**ОЛИМОВ ФАЗЛИДДИН САДРИДДИНОВИЧ**
Унвонҷӯйи шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики ИОМДОА АМИТ

*Пажуҳиши қиссаҳои кӯтоҳи қатарӣ барои шинохту омӯзиши вазъи адабӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ маводи муътамад маҳсуб меёбад. Бештари адабиётшиносон ба ин назаранд, ки пайдоиши достонҳои кӯтоҳ ба ҳаракати адабию фарҳангӣ тааллуқ дошта, баъди кашфи нафт ба тадриҷ густариш ёфтааст. Дар солҳои шастум нахустин достонҳои кӯтоҳи қатарӣ дар рузномаҳои хусусӣ таълиф гардидаанд. Аз ҷумла, соли 1960 дар шумораи аввали маҷаллаи хабарии ширкати нафт (Oil Company News Magazine) достони "Ятим"-и нависанда Исо Мансур нашр шудааст.*

*Персонажҳои достонҳо баёнгари мушкилоти ҷомеа ҳастанд. Ҳамзамон, қиссаҳои қатарӣ паҳлуҳои густурдаи адабӣ ва фалсафӣ дошта, ба ҷаҳонбинии хонанда таъсири муфид мерасонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *достонҳои кутоҳи қатарӣ, вазъи адабӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ, пайдоиши достонҳо, адабиёти қатарӣ, маҷаллаи хабарии ширкати нафт.*

Яке аз хусусиятҳои кори илмӣ ва адабӣ ин аст, ки дар он масъалаҳои муҳими ҷомеа баррасӣ ёфта, дар рӯҳияи худшиносӣ офарида шаванд, ҳамзамон, аз назарияпардозии шахсӣ, орӣ бошанд. Аз ин рӯ, пажуҳиши достонҳои қатарӣ барои шинохту омӯзиши вазъи адабӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ маводи муътамад маҳсуб меёбад. Бемуболиға метавон гуфт, ки баҳри дарёфти вижагиҳои адабиёт, бояд адабиёти ватаниро омӯхт, то адабиёти халқҳои дигарро омӯхта тавонем. Аз ин сабаб, дар ин мақола мекӯшам, ки нақши достонҳои қатариро дар ҳаёти иҷтимоии мардум баррасӣ намоям.

Бештари адабиётшиносон ба ин назаранд, ки пайдоиши достонҳои кӯтоҳ ба ҳаракати адабию фарҳангӣ тааллуқ дошта, баъди кашф шудани нафт ба тадриҷ густариш ёфтааст. Муҳаммад Абдурраҳим Кофуд пажуҳишгари адабиёти қатарӣ чунин мегӯяд: “Дар ҷомеаи қатарӣ аз ибтидои солҳои ҳафтодум дигаргуниҳои бузурге иттифоқ афтод, ки аз ҷиҳати фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ муфиду саривақтӣ буда, заминаи муносибе барои ҳикояву достонҳо офарид” [4, 10].

Муҳаммад Абдулҳакам Абдулбоқӣ пажуҳишгари адабиёти қатарӣ пайдоиши нахустин достони кутоҳро ба солҳои шастум рабт дода, чунин мегӯяд: “Дар марҳилаи аввал қиссаҳои кутоҳро аз рӯйи нашри аввали маҷаллаи хабарии

ширкати нафт *(Oil Company News Magazine),* ки достони "Ятим"-и нависанда Исо Мансурро соли 1960 нашр намудааст, муайян намуд. Ҳамин тавр, соли 1965 муаллиф асари дигарашро бо номи "Лиссун фи-з-залом" ( Дузде дар торикӣ) дар маҷаллаи мазкур нашр намудааст" [1, 14].

Қиссаи “Ятим”-и Исо Мансур ва асари “Ятим”-и устод Садриддин Айнӣ (1878-1954) ҳамном бошанд ҳам, аммо мавзуъҳояшон ҳамсон нестанд. Дар “Ятим”-и С. Айнӣ азобу машаққатҳои ятимӣ, мушкилоти рӯзгор ва вазъи ҷавонони Бухоро дар асри 20 бозгӯ шудааст. Ҳамзамон, қиссаи “Ятим”- и Исо Мансур барои адибони кунунии қатарӣ амали шогирдона буда, аз ҳикояҳои хурдакак иборат аст ва мавзуъҳои гуногунро дарбар мегирад.

Доктор Муҳаммад Кофуд дар китоби «Адабиёти муосири Қатар» чунин гуфтааст: «Пайдоиши достонҳои кутоҳи қатарӣ аз замони фаъолшавии маҷаллаю рӯзномаҳо оғоз меёбад». Доктор М. Кофуд зуҳури қиссаи қатариро ба охири солҳои шастум, яъне аз достони "Бинту-л-Халиҷ” (Духтари халиҷ)-и сармуҳаррири рӯзномаи ал-Уруба Юсуф Неъма рабт медиҳад. Ду маҷмуаи дигари Ю. Неъма "Лиқоун фи Байрут" (Дидоре дар Бейрут), соли 1970 ва "Ал-Валад" (Фарзанд), соли 1971 нашр гардидаанд, ки назар ба достони "Бинту-л-Халиҷ" беҳтаранд.

Ҷои тазаккур аст, ки асари “Бинту-л-Халиҷ” (Духтари Халиҷ)-и Юсуф Неъма назар ба романи “Духтари Оташ”-и Ҷалол Икромӣ куллан аз ҳамдигар фарқ мекунанд, зеро ҳар кадоми он занони даврони худро ба тасвир даровардаанд. “Духтари Оташ” воқеаҳои ибтидои асри 20-ум то инқилоби Бухороро фаро гирифта, тақдири таърихии занони тоҷикро дар ин давра меомӯзад. Ҳамзамон, дар мавриди қиссаи “Бинту-л-Халиҷ”-и Юсуф Неъма сатҳӣ буда, зиндагии бонувони халиҷиро дар бар мегирад. Ба назари М. Кофуд, қиссаи аввалини Юсуф Неъма достони бадеӣ набуда, баръакс, дар баробари ҳикояи қатарӣ будан, як навъ кӯшиши шогирдона маҳсуб меёбад. Инчунин достони "Ал-Ҳанин" (Пазмон) Иброҳим Сақр ал-Марихӣ дар шумораи 55-уми маҷаллаи "Ал-Ууруба" ба табъ расидааст, ки мушкилоти замонашро миёни ду қишри ҷомеа, озодандешон ва солмандоне, ки ба урфу одатҳои миллӣ пойбанд буданд, бозгӯ намудааст. Профессор М. Кофуд соли нашри қиссаи "Бинту-л-Халиҷ"-ро зикр накардааст, дар ҳоле ки Муҳаммад Абдулбоқӣ онро ба соли 1962 рабт медиҳад, ки бо се достони дигар дар якҷоягӣ дар маҷаллаи "Ал-Уруба" нашр гардидаанд [5, 118-120].

Аз рӯйи сифату ҳаҷм, муҳтаво ва маъно достонҳои солҳои 60-ум аз солҳои 70-ум фарқ карда, яке аз дигаре муассиртар гардидаанд. Ҳикояҳои қатарӣ сарфи назар аз манзараи бадеӣ ва хусусияти адабӣ, инчунин рӯзгори воқеии ҷомеаро инъикос менамоянд. Муносибати як фард бо дигар афроди ҷомеа вижагиҳои гуногунро касб кардааст. Чунин дигаргуниҳои иҷтимоиро ба гунаҳои мухталиф метавон ҷудо намуд, аз ҷумла, ҳузури ошиқ, ки пас аз таҳқир дидан муддате аз мардум узлат гирифта, чун қаҳрамон корҳои бузургро ба сомон мерасонад ва дар

ниҳоят хонаводаи маъшуқа аз кирдори ношоистаашон ангушти надомат мегазанд. Агар ба гунаи дигар нигарем, дар меҳвари қиссаҳои кутоҳ образҳои бузург нуҳуфтаанд, ки фаҳми он ба ҳушу завқи хонанда такя мекунад. Узлат, ғурбат, ишқи носолим, урфу одоти қабилавӣ, табақабандии одамон аз рӯйи дороӣ ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ дар достонҳои кутоҳи қатарӣ оварда шудаанд.

Хонандаи ҳушманд пайгирӣ аз достонҳое мекунад, ки дар раванди ҳодисаҳо қаҳрамони онҳо ба ҳама гуна инсонҳо бархурд намуда, худро ба вазъияти зиндагӣ мутобиқ менамояд ва дар порчаҳои охири достонҳо масъалаҳои персонажҳо ҳалли худро меёбанд. Дигар хусусияти хоси достонҳои кутоҳро ғаму андуҳ ифода мекунад, ки дар натиҷа фард аз ҷомеа дур гардида муддате бори ғам бар дӯш гирифта, ҳаёти инфиродӣ мегузаронад. Инсони ғамгин дар иҳотаи инсонҳо бошад ҳам, худро танҳо ҳис мекунад. Аз ин рӯ, профессор М. Кофуд ба хусусияти муҳими достонҳо таваҷҷуҳ намуда, чаҳор ҷанба, аз ҷумла, нигаронии фард аз муҳити атроф, ба ботини худ фуру рафтани қаҳрамон, ишқ ва ба асли худ баргаштани персонажҳоро муаяйн намудааст. Ба андешаи М. Кофуд, нигаронии фард ҳолати ба худ фурӯ рафтанро ба вуҷуд меорад, ки шахс ба одамон муомилаю муросо карда наметавонад. Чунин эҳсоси инзивоӣ ва бегонагӣ инсонро ба бемории равонӣ оварда мерасонад [6, 29-56].

Ҳангоми дучор шудан ба хостаҳои ҷавонӣ ва эҳсоси ишқ намудан инсонро ба монеаҳо ва чолишҳо мебарад, ки аз умеду орзуҳояш даст мекашад ва ё ба он ҳама мубориза мебарад.

Дар натиҷа, инсон барои рафъи монеаҳо роҳеро меҷӯяд, ки аз ранҷу озорҳои равонӣ раҳоӣ ёфта, ба орзуҳояш даст ёбад. Дар бештари ҳикояҳои адибони қатарӣ руҳияи навмедӣ, афсурдагию ноустуворӣ ҳукмфармо буда, онҳо ба масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ бахшида шудаанд.

Сабаби ҳисси ноумедию нобоварии адибони қатарӣ ба шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва низоми сиёсии солҳои шастум бармегардад, ки тавони моддӣ ва вазъи хубе надоштанд.

Аслан, пояи адабиёту санъат дар ҷое пурзӯр аст, ки он ҷо ниёзу эҳтиёҷ хуфта бошад. Дар муҳите, ки ҳама серу пур аст, он ҷо арзишҳои адабӣ карахту шахшудаанд. Аз ин рӯ, қаҳрамонони ҳикояҳо дар ҳолати аҷзу афсурдаҳолӣ мекушанд, ки анъанаҳои гузаштаро бишкананд.

Ҷанбаи бадеӣ омилест, ки ба густариши раванди адабӣ мусоидат мекунад, зеро насли адибони ҷавон назар ба куҳансолон ба чолишҳо ва душвориҳо ба диди нав менигаранд. Бештари ҳикояҳои насли миёнасол, бахусус, достонҳои бонувони қаламкаш аҷзу нотавонӣ ва зани мазлумро дар асарҳояшон тасвир намудаанд. Ин гуна бадеият дар аксари ҳикояҳои қатарӣ мушоҳида мешавад. Нисбат ба достонҳои куҳан ихтилофи назарҳо миёни марду зан вуҷуд дошта, қиссаҳои кунунӣ мазмуну муҳтавои дигаргуна доранд. Сарфи назар аз костагию ноадолатиҳо байни персонажҳои достонҳои қатарӣ рақобатҳо вуҷуд дорад.

Арзишҳои моддӣ ба ҳама ҷанбаи ҳаёти инсон бартарӣ ёфта, боиси фурупошии арзишҳои маънавӣ гардидаанд.

Дар достонҳои қатарӣ як навъ кашиши шахспарастӣ низ буда, коҳиши руҳияи фурутанӣ ва зуҳури худхоҳӣ мушоҳида мешавад. Яъне бартарии "ман" бар "мо", ки боиси туғёни ғуруру ҳишмати номуносиби фард ба ҷомеа мегардад. Воқеати ҳол ин аст, ки ҳар фарде бо пос доштани урфу одат ва арзишҳои инсонӣ ба ҷомеа муросои ҳамзистӣ намуда, дар натиҷа ба ваҳдати осоишу субот мерасад. Дар акси ҳол тасвири ин ҳама густохию худҷушиҳои шахс ба пойдории оила ва ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҳикояи "Ад-Дарроҷа” (Дучарха)-и Муҳсин ал-Ҳоҷирӣ нақши ҷавонписар ва марди миёнасол бамаврид буда, қобили муҳокимаи хосу ом гардидааст. Ин ҳамон ғурури бепояи шахс аст, ки аз худ кучактарро ба чашми таҳқир нигариста, руҳияи ҷавононро дарк карда наметавонад. Дар қиссаи "Дучарха" саҳнаи хуби бадеӣ аст, ки ҷое омада, ҷавонписар вақте вазъияти ҳолро мебинад, зуд назди марди миёнасол меояд, то дар таъмири дучархааш кумак расонад, аммо марди носипос ӯро ба рабудани ҳамёнаш айбдор мекунад.

Дар порчаи боло ба хонанда маълум мешавад, ки воқеа дар сари роҳе рух додааст ва одамоне, ки ҳамдигарро намешиносанд, ба ашхоси ношинос ёрӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, ин ҷо сухан аз инсондӯстии ҷавон меравад, ки аз рӯйи меҳрубонӣ ба тарафи муқобил дасти мадад дароз намудааст. Ва ин ки аз ҷавонмард иттиҳом ва сухани носазо шунид, аз кори кардаи хеш ноумеду дилсард шуд. Фаротар аз ин, ба хона замоне меояд, ки андаке дер шуда буд ва падараш барои таъхир ҷазояш медиҳад. Ин ҳама нофаҳмиҳо, ки ба ҷавонписар ҳам, аз кӯча сар зад ва ҳам аз дохили хонавода, боиси нестшавии шавқу рағбати ҷавон мегардад.

Ба назари донишмандон, достонҳое, ки муддати тӯлонӣ дар ҳаёти адабии иҷтимоии мардуми Қатар нақши босазо доштанд, қиссаҳои тақлидӣ буда, дар меҳварашон панду андарзномаҳо, раҳнамоӣ ва мавъизаҳои динӣ вуҷуд доштааст. Ба андешаи пажуҳишагарон, адибони қатарӣ дар марҳилаи аввал бештар ба қиссаҳое даст задаанд, ки ҷанбаҳои ахлоқӣ, панду ҳикмат доштаанд. Ҳадаф аз эҷоди достонҳо рифоҳи хотиру фароғати инсон буда, баъзеи онҳо бо мақсади таълиму тарбия китобат шудаанд. Бештари ҳикояҳое, ки дар ибтидои солҳои ҳафтодум эҷод шудаанд мавзуъҳои якхела доранд, аз ҷумла, муносибати инсон ба баҳр ва сайди он, кашфи марвориду луълуъ, шикори моҳӣ, қаиқронӣ ва амсоли он.

Чизи дигар ин аст, ки ихтилофи назар байни адибони гузашта ва ҳозира вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, бидуни фикру мулоҳиза панду андарз додан ва ошкорбаёнии бемаврид, сабки бадеии ҳикояҳоро гум кардааст [2, 121].

Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки ғояи бадеияти достонҳо норавшан буда, танҳо инъикосгари воқеияти зиндагии мардум шуда метавонист.

Ба андешаи донишманд Абдулбоқӣ Муҳаммад бисёри адибон дар марҳилаҳои аввали эҷодӣ аз мафҳуми асосии асари худ нигарон буданд, ки оё асар шуда метавонад ё не. Баъзеҳо гумон мекунанд, ки осори ин давра тасвири воқеияти зиндаро дорад. Адиб кушиш мекунад, ки осораш қабули ҷомеа ва дорои як навъ ислоҳу навгониҳо бошад, аммо баъзе аз осори адибони қатарӣ то охири солҳои 90-уми асри гузашта идеологияи динӣ дошта, ба хонанда панду иршоди тарбиявӣ медоданд. Аз ҷумла, маҷмуаи ҳикояҳои "Бариқу-л-амал" (Пайки умед) ва "Насиму-л-фаҷр" (Насими бомдод)-и Оиша Қозӣ аз таҷрибаи зиндагии шахсӣ навишта шудаанд.

Ҳамчунин дар осори Муҳсин ал-Ҳоҷирӣ "ал-Балоғ, 1996” (Расондан), "Баноту Иблис 1997” (Духтарони шайтон) ва " Ҳаромун алайка, 1998" (Бар ту ҳаром бод) дар шакли достонҳои хурд масъалаҳои бузурги иҷтимоӣ бо дарку фаҳмишҳои динӣ, таҷассум ёфтаанд. [7, 21-22].

Аммо, дере нагузашта як гурӯҳ бонувони қаламкаш монанди Умму Аксам, Нура Оли Саъд, Зуҳра ал-Моликӣ, Ҳисса ал- Авзӣ, Видод Абдуллатиф ва Ҳудо ан-Наъимӣ қолабшиканӣ намуда, аз адабиёти суннатӣ, ки меҳвари онро панду андарз ва хутбаю мавъизаҳо фарогир буд, берун омаданд. Ва аз тақлиди гузаштагон раҳоӣ ёфта, бо афкори бикру тарҳҳои нав ва диди фарогир вориди адабиёт шуданд.

Адиби шинохтаи амрикоӣ Ҳенри Ҷеймс (1843 - 1916) дар хусуси достонҳои кутоҳ чунин гуфтааст: "Бояд дар қиссаи хурд сухан кам бошаду маъно бузург" [8, 8]. Аз ин ру, нависанда мекушад, ки дар достонҳои кутоҳ мафҳуми баланди фалсафиро дар баёни андаке ғунҷонад. Дар натиҷа, на ҳар адиб аз уҳдаи муҷазбаёнӣ баромада метавонад. Барои хонандаи имрӯз, хондани матнҳои кутоҳе, ки дорои маъонии олӣ ҳастанд, нисбат ба романҳои пучу бемазмун бартарии вижа дорад. Қиссаҳои кутоҳ аз лиҳози ахлоқӣ, фалсафӣ, адабию фарҳангӣ решаҳои амиқи таърихӣ доранд, зеро бештар дар асоси матнҳои куҳнаи фалсафӣ ва афсонаҳои халқӣ ба назар мерасанд.

Мусаллам аст, ки достонҳои хурди қатарӣ вижагиҳои бадеии муассир доранд ва хонандаро ба саҳни ҳикоя мекашонанд, то ҳунарнамоӣ кунад. Хусусан, осори Кулсум Ҷабр, Нура Оли Саъд, Ҳудо Наъимӣ, Ҷамол Файз, Бушра Носир, Нура Фараҷ ва Шамма ал-Куворӣ хонандаро ба тафаккуру андеша водор мекунанд. Адибони номбурда ба мавзуъҳое даст задаанд, ки саҳнаҳои воқеии зиндагиро дар шакли қисса бозгӯ менамоянд. Агар ба қиссаи "Бо падарам"-и хонум Шамма ал-Куворӣ нигарем, мебинем, ки падару дӯхтар дар зиндагӣ ранҷу азобҳое дидаанд ва барои якдигар гузаштҳову ҷонфидоиҳое намудаанд, ки ба хонанда таъсири амиқ мерасонад. Ҳикояи "Бо падарам"-и Шамма ал-Куварӣ барандаи ҷоизаи сеюми ширкати мобилии “*Vodafone”* дар соли 2015 мебошад. Дар ин достон муҳаббати дӯхтар ба падараш бо чунин суханони муассиру зебо оғоз мешавад:

بعد الإصابة بالسرطان..... قبل الحادث بأيام... الحبُ والفراق صديقان، نحنُ نحب فنفارق، وبعد أن نفارق نظل نحب. هذا هو قدرنا. الراحلون، لا يمكن اسرتجاعهم أبدا، لكن يمكن ألا ننساهم. الكلُ يتغنى باسم حبيبه، وأنا أشتاق إلى حبيبي. أتوجعً شوقا لأقبل يديه وقدميه، وأضم في صدري الحران وجهه.

("Баъди гирифторӣ ба бемории саратон ва чанд рӯз пеш аз садама... Муҳаббату фироқ бо ҳам дӯстанд. Мо дӯст медорем боз аз ҳам ҷудо мешавем ва баъд аз он, ки дарди фироқро чашем боз ҳам, дӯст доштанро давом медиҳем. Сарнавишти мо ҳамин будааст. Рафтагонро ҳеҷ имкони бозгашт нест, аммо метавонем фаромушашон накунем. Ҳар шахс номи дӯсташро замзама мекунад ва ман низ пазмони дӯстам ҳастам. Аз ин ки, дасту пойҳояшро бусаму ду рухсори гармашро бағал кунам, аз шавқ дард мекашам").

Ин ҳиссиёти бонуест, ки падари маҳбубашро аз даст додааст. Азбаски, қисса аз таҷрибаи рӯзгори худи нависанда гирифта ё кадом шахсияти машҳурро дар худ нуҳуфта нигоҳ доштааст, бидуни зикри номи қаҳрамонҳо омадааст. Пас аз оғози зебо адиба Шамма ал-Куворӣ ба достони “Бо падарам” равшанӣ меандозад. Мувофиқи матни ҳикоя, соли 1968 ҳангоми таҳсил дар яке аз донишгоҳҳои Британия ҷуфте бо ҳам шинос мешаванд. Натиҷаи шиносоии ҷавони қатарию душизаи лубнонӣ ба издивоҷ мерасад. Муддате зиндагӣ карда, духтарчаеро ба олами ҳастӣ меоранд. Рӯзе ҷавони қатарӣ тасмим мегирад, ки бояд ба ватанаш баргардад ва хизмати мардум кунад. Ҳамин тавр, бо завҷааш ба давлати Қатар мераванд, Пас аз муддате хонуми лубнонӣ ба қароре меояд, ки дар ин муҳити гармо зиндагӣ кардан нашояд. Аз ин рӯ, ба содагӣ аз ҳам ҷудо мешаванд ва падар сарпарастии духтарчаро ба душ мегирад. Гоҳ-гоҳ падар ба расмҳои куҳна нигариста, ёди айёми ширин мекард ва рӯзе хабар расид, ки модари духтарчааш ба шавҳар баромадааст. Мард тасмим гирифт, ки бойгонии ашёи қадимаро ба духтараш тақдим кунад, то ҷузвдони суратҳои модарашро бонӣ кунад. Бо мурури вақт духтарча ҳам калон мешаваду падарашро ба хонуме хонадор мекунонад. Аммо модарандар аз падари духтар талаб мекунад, ки модоме фарзандҳои маро дар хонаат роҳ намедиҳӣ, месазад, ки духтари ту низ аз ин хона равад. Ин боиси ҷудоӣ шуда, оилаи навбунёд пош мехурад ва духтар чунин манзарaро дида, ба ғам гирифтор мешавад.

Шамма ал-Куворӣ дар қисмати охирини достони "Бо падарам" чунин меорад, ки духтар дар синни 30 солагӣ ба шавҳар баромада, ду се кудак ба дунё меорад. Аммо зуд-зуд ба дидори падари бемораш меояд, зеро вақтҳои охир ӯ аз дарди сар сахт азият мекашид. Рӯзе вазъи саломатии падар бад мешавад ва духтар падарашро ба беморхонаи "Умед"-и Давҳа бурда, бистарӣ менамояд. Фарзандони духтар низ бавоя расида буданд. Рӯзе муаллимаи писаронаш занг зада, аз ҷанҷоли онҳо огоҳонидааст, то ба мактаб омада, аз ҳолу ахлоқи онҳо бохабар шавад. Ҳамон рӯз баъди нисфирӯзӣ масъалаи ахлоқи фарзандонашро ба падар матраҳ мекунад. Падари духтар аз рӯйи дилсӯзӣ дар набудани духтараш ва бидуни огоҳии пизишкон аз бемористон баромада, бо мошини кироя сӯйи маткаб раҳсипор мешавад ва дар роҳ ба садама дучор гардида, фавт мекунад. Аз ҳама банди

аламовари достони "Бо падарам" фавти падар маҳсуб меёбад, ки дар натиҷа духтар аз фироқи падар месӯзад.

Аз достони боло ба чунин хулоса кардан мумкин аст, ки қиссаҳои қатарӣ мубҳам буда, дар ҷустуҷӯйи персонаж ё шахсияти бадеӣ ҳастанд. Барои аксарияти адибон мақсад аз навиштан, ифодаи матлаб дар мадди аввал меистад, на сабки адабӣ ва на унсурҳои бадеӣ, ки ин ба табоҳии санъат ва адабиёт оварда мерасонад. Ҳамзамон, ҳикояҳои қатарӣ то ҳол раванди эҳтиёткоронаи худро нигоҳ доштаанд ва ба ҳадде маҳдуд ҳастанд, ки як самти мушаххас надоранд. Чунин ба назар мерасад, ки аксари қаҳрамонҳои ин ё он достон аз рӯйи нақшҳое, ки ба персонажҳо нигаронида шудаанд, амалӣ намешаванд. Қаҳрамонҳои достонҳо бо номи зан, ҳамсар, падару писар ва душизаю бевазан бидуни зикри номи персонаж истифода мешаванд. Дар баробари ин, баъзе достонҳои қатарӣ ҷанбаҳои васеъи адабию фалсафӣ дошта, ба ҷаҳонбинии хонанда таъсири муфид мерасонанд ва шеваи гуфтор ва тарзи баёни инсонро сайқал медиҳанд.

## АДАБИЁТ:


1. Абдулбоқӣ, ал-Қисса ал-қасира фи Қатар, Давҳа,1992. Маҷалла,- 14 с].
2. Абдулбоқӣ.М ал-қисса ал-қасира фи Қатар, 1994.-121 с].
3. Абдулбоқӣ.М ал-қисса ал-қасира,1995. -150 с]
4. М.Кофуд, ал-қисса ал-қасира фи Қатар, ан-нашъа ва-т- татаввур, Қатарӣ ибн ал-Фуҷоа, Давҳа,1996. саҳ: 10]
5. М.Кофуд, ал-Адаб ал-қатарӣ ал-ҳадис,саҳ:118-120, соли 1979. -250 с].
6. М.Кофуд, ал-қисса ал-қасира фи Қатар соли 1992, маркази омӯзишӣ ва гуманитарии донишгоҳи Қатар, 1983.-300 с].
7. Нура Муҳаммад Фараҷ Қосим, ас-Симот ас- сиюлуҷия ли қисса ал- қасира фи Қатар, Давҳа,2021.- 30с].
8. Рӯзномаи адабии вазорати фарҳанг ва варзиши давлатии Қатар, гулчини ҳикояҳо, саҳ:8, соли 2017].
9. Ромӣ Абушиҳоб, ал-Хитоб ал-қиямӣ фи-л-қиссату-л-қатария ал-муъосира, Донишгоҳи Қатар соли 2017, маҷаллаи Ансоқ, ҷилди аввал, саҳ: 110-111.
10. Рашид Ҳасан ва Мурод Мабрук,“Ҷадалияту-л-ъаҷз ва-л-феъл” дар қиссаҳои кӯтоҳи қатарӣ, Давҳа соли 1991, саҳ: 64-65.
11. Ҳудо Наъимӣ, ҳикояи “الظل يحترق”, маҷаллаи Шарқи Миёна, адади 8066. Лондон, 2000.


## QATARIAN SHORT STORIES REFLECT THE SOCIAL LIFE OF THE PEOPLE OF QATAR


The research of serial short stories is considered a reliable material for the recognition and study of the literary situation and social life, and enables the researcher to consider the role of stories in the social life of the people of Qatar. Regarding the short

stories of ordinary writers, most literary experts believe that the emergence of short stories belongs to the literary and cultural movement, and gradually expanded after the appearance of oil. In the sixties, the first serial short stories were written in private newspapers. The story "Orphan" by the writer Isa Mansur was published in the first issue of Oil Company News Magazine in 1960.

The publication of serial short stories began with periodicals, and the characters of the stories created roles that reflect the problems of society. At the same time, serial stories have broad literary and philosophical aspects and make a useful impression on the world view of the reader.

**Keywords**: Serial short stories, literary situation and social life, origin of stories, serial literature, Oil Company News Magazine, story "Orphan" by Isa Mansour.

## КАТАРСКИЕ РАССКАЗЫ, ОТРАЖАЮЩИЕ ОБЩЕСТВЕННУЮ ЖИЗНЬ КАТАРСКОГО НАРОДА

Исследование катарских рассказов является надежным материалом для познания и изучения литературной ситуации и общественной жизни. В шестидесятые годы периодических журналов были опубликованы первые короткие рассказы катарцев. Рассказ писателя Исо Мансур "Сирота" был опубликован в 1960 году в первом номере журнала нефтяной компании "Oil Company News Magazine". Катарские рассказы имеют широкий литературный и философский контекст и оказывают полезное влияние на мировоззрение читателя.

**Ключевые слова**: катарские рассказы, литературное состояние и общественная жизнь, происхождение рассказов, катарская литература, журнал новостей нефтяной компании.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Олимов Фазлиддин Садриддинович** - унвонҷӯйи шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел: +992931313859. E-mail: fazlonalamiyon@gmail.com

**Сведения об авторе: Олимов Фазлиддин Садриддинович** - соискатель степени в отделе Ближнего и Среднего Востока Института изучения проблем Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел: +992931313859, email: fazlonalamiyon@gmail.com

**About the author: Olimov Fazliddin Sadriddinovich** - the reseacher in the field of science of the Near and Middle East at the Institute for the Study of European and Asian Problems of NAST. Address: 33 Rudaki Avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Tel: +992931313859, email: fazlonalamiyon@gmail.com

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДИИ МУВАФФАҚИ ЧИН ВА ИМКОНОТИ ТАТБИҚИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

**НЕМАТОВА ПАРВИНА МУҲАМАДАЛИЕВНА**
мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ

*Дар мақола моделҳои муосири иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин вобаста ба рушди иқтисод, ҷорӣ намудани онҳо бо татбиқи инноватсия дар объектҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Муаллиф моделҳои муваффақи Чинро дар самти иқтисод мавриди омӯзиш қарор дода, истифода ва татбиқи онҳоро дар шароити Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Қайд гардидааст, ки бо назардошти имконоти иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон аксари моделҳои рушди иқтисодии Чинро дар кишвар амалӣ ва татбиқ намудан мумкин аст. Зеро Тоҷикистон наздиктарин ҳамсояи Чин буда, рушди босуръати иқтисодии ин кишвар, амалӣ гардидани ташаббусҳои байналмилалии он, хусусан, тарҳи «Як камарбанд – як роҳ» метавонанд ба динамикаи рушди иқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбат расонанд.*

***Калидвожаҳо****: модели рушди иқтисодӣ, идоракунӣ, иттилоот, инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, иқтисоди бозоргонӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои дар ҳоли тараққӣ буда, солҳои охир дар самти рушди иқтисоди миллии худ ба давстовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Модели муосири иқтисодии давлат, омили муҳимми мавҷудияту устуворӣ ва таъсиргузор ба рақобатпазирии иқтисодии кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Бо таъсири хатарҳо ва офатҳои ҷаҳонӣ низом ё модели иҷтимоию иқтисодии давлат метавонад рӯ ба таназзул орад. Вобаста ба ин масъала В.В. Хамалинская қайд мекунад: “Пандемияи соли 2020 як навъ озмоиши сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатҳо гардид ва суръати барқарорсозии низоми иқтисодиву иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии модели интихобкардаи давлат мебошад” [9,68]. Ҳамзамон, С.А. Луконин ва Е.О. Заклязминская, ба он назаранд, ки дар ҳоли ҳозир модели сиёсати иҷтимоию иқтисодии Чин худро беҳтарин нишон медиҳад, зеро бо вуҷуди он ки ин давлат аввалин шуда ба зарбаи пандемия дучор шуд, аз вазъи бӯҳронӣ зуд раҳо шуда, равандҳои иқтисодиву иҷтимоиро ба эътидол овард [2,199].

Муъҷизаи иқтисодии Чин яке аз масъалаҳое мебошад, ки на танҳо дар байни иқтисоддонҳо, балки аз ҷониби файласуфон, шарқшиносон ва намояндагони

илмҳои дигар низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳоло иқтисодиёти Чин ҳамчун иқтисоди дуюми ҷаҳон шинохта шудааст, ки ин дар даҳсолаҳои охири асри XX ва оғози асри XXI ба даст омадааст. Аз ин рӯ, омӯзиши моделҳои рушди иқтисодии Чин аз ҷониби олимон идома дошта, бисёр давлатҳои ҷаҳон аз он баҳраманд мегарданд. Масалан, А.В Конышева чунин мешуморад, ки модели чинӣ ба модели иқтисодии моликияти давлатӣ ҳамчун мақоми асосӣ, ҳамзистии шаклҳои гуногуни моликият, татбиқи тартиботи танзими дугона, яъне танзими давлатӣ ҳамчун асоси пешбаранда ва танзими бозорӣ ҳамчун асоси режими танзими дугона асос ёфтааст [4,95].

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи иқтисодӣ яке аз давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба шумор рафта, ҳамчун ҳамсояи наздиктарини Чин, метавонад аз таҷрибаи ин кишвар ба таври самаранок истифода намояд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон низ охири асри XX аз низоми иқтисоди сотсиалистӣ ба низмои иқтисоди бозоргонӣ гузашт. Ба ақидаи М.Ф. Ткаченко, ба Чин муяссар шуд, ки модели куллан нави «омехта»-и тараққиёти иқтисодиро дар асоси «сотсиализми дорои хусусиятҳои Хитой» ба вуҷуд оварад [8,68]. Аз ин рӯ, натиҷаҳои модели иҷтимоию иқтисодиро бо назардошти хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни такмили модели сиёсати иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии мо истифода бурдан мумкин аст.

Модели чинии тараққиёти иқтисод падидаи стихиявӣ ё тасодуфӣ набуда, балки зуҳуроти махсус андешидашуда ва ташкилшудаест, ки марҳилаҳои муайяни тараққиётро аз сар гузарондааст. Ин модел тақрибан 5 марҳиларо паси сар кардааст. Асосан ин марҳилаҳо ба ақидаи А.Б. Галаган, Ю.А.Савинов, ба давраи аз як роҳбари мамлакат ба дигараш гузаштани ҳокимият мувофиқ мебошанд. Дар бораи марҳилаҳои фаъолияти роҳбарони Партияи коммунистии Чин сухан рондан маъмул аст (ниг.ҷадвали 1). [2,43].

**Ҷадвали 1.**

| Роҳбарони ҶМЧ | **Мао Тсзэдун** | **Дэн Сяопин** | **Тсзян Тсзэмин** | **Ху Тсзинтао** | **Си Ҷинпин** |
|---|---|---|---|---|---|
| Марҳилаҳо | 1943-1976 | 1976-1992 | 1993-2003 | 2004-2012 | 2013 то имрӯз |

Ҳар як марҳила ба модели иқтисодии Чин тағйироти ҷиддӣ ворид намуда, онро ба ҷаҳони зудтағйирёбанда мувофиқ менамуд. Агар дар замони роҳбарии Мао Тсзедун дар кори барқарор намудани хоҷагии халқ ва ба вуҷуд овардани соҳаҳои асоии саноат натиҷаҳои калон ба даст оварда шуда бошад, дар давраи Дэн Сяопин дарҳои Чин барои воридоти сармояи хориҷӣ ба истеҳсолот боз шуданд. Аммо модели давраи Мао Тсзедун камбудиҳои ҷиддие дошта, боиси истеъмоли зиёд, исрофкорӣ, пастии сифат ва камсамаранокӣ мегардид, ки дар натиҷа норасоиҳо (дефитсит) ба вуҷуд омад, сатҳи зиндагии омма ба қадри зарурӣ беҳтар нагардида, як қатор ноорамиҳои сиёсӣ ва Инқилоби фарҳангӣ ба вуқуъ

омаданд. Маҳз дар ҳамин замина, баъди ба охир расидани Инқилоби фарҳангӣ дар соли 1978 ва ба куллӣ бартараф карда монеаҳои асосии сиёсӣ дар масири татбиқи сиёсати ислоҳот ва бозсозӣ Чин роҳи ба амал баровардани модели нави иқтисодиро пеш гирифт, ки ин ба давраи Дэн Сяопин рост омад. Аммо чуноне ки олимони чинӣ қайд мекунанд, гарчанде модели иқтисодии кӯҳнаи Чин мушкилот ва камбудиҳои зиёд дошт, бефоида набуд. Муваффақияти муҳим дар он буд, ки он низоми нисбатан мукаммали саноатӣ ва хоҷагии халқро ташкил дод, барои саноати вазнин заминаи беҳтар ба вуҷуд овард, ки пас аз ҷорӣ намудани ислоҳот ва бозсозӣ барои тараққиёти босуръати саноати сабук ва хоҷагии деҳот шароити мусоид фароҳам овард [4,96].

Дар давраи Тсзян Тсзэмин нақши соҳибкории хусусӣ дар тараққиёти саноат баланд гардида, иқтисоди кишвар ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ворид гардид (ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ва диг.). Дар давраи Ху Тсзинтао консепсияи рушди илмии кишвар мавқеи марказиро ишғол карда, бештар ба талаботи иҷтимоии аҳолӣ, сарфаи захираҳо ва ҳифзи муҳити зист равона кардани иқтисод ва ҷорӣ намудани инноватсия аҳамияти ҷиддӣ дода шуд. Дар давраи Си Ҷинпин ин пешниҳоди ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” мебошад. Чунон ки олими тоҷик Л. Саидмуродов қайд кардааст, Тоҷикистон ҳамчун ҳамсояи наздик ва шарики стратегӣ яке аз аввалин кишварҳоест, ки ин иқдоми Чинро дастгирӣ намуд [7,177].

Аз натиҷаҳои болозикр бармеояд, ки таснифоти дигари марҳилаҳои эволютсияи моделҳои рушди иқтисодии Чин низ вуҷуд доранд. Масалан, Ж.Ш. Рамазанов се марҳилаи асосии таҳаввулоти модели Чинро тақсимбандӣ мекунад.

*Дар марҳилаи якум* (солҳои 1978-1984) ба ислоҳоти деҳот диққати махсус дода мешавад. Дар минтақаҳои назди соҳил минтақаҳои махсуси иқтисодие ташкил карда мешаванд, ки он вақтҳо аз хоҷагии асосӣ ҷудо буданд.

*Дар марҳилаи дуюм* (солҳои 1984-1991) шиори «Иқтисоди моли нақшавӣ» истифода мешавад. Дар ин давра самти асосии ислоҳот ба шаҳр – ба корхонаҳои саноатии давлатӣ ва тадриҷан озод кардани нархи маҳсулоти саноатӣ равона гардид.

*Дар марҳилаи сеюм* (аз соли 1992 то имрӯз) ислоҳоти Чин таҳти шиори «Иқтисоди шабонаи сотсиалистӣ» мегузарад. Дар марҳилаи мазкур навсозии низоми микротанзим ва назорати давлатӣ аз болои ҳаёти иқтисодӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ сурат мегирад [6,13].

Аз ин рӯ, метавон зикр кард, ки модели иҷтимоиву иқтисодии рушди Чин заминаи хеле хуби ташкиливу маъмурӣ дорад. Он аз маҷмуи воситаҳо, объекту субъектҳо, иборат буда, байни онҳо ҳамоҳангсозии фаъолият дар асоси талаботи дақиқ ташкил карда шудааст. Субъектҳо, таҳиягарон ва ҳамзамон, иҷрокунандагони асосии модели рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар – Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин, ҳокимияти маҳаллӣ ва роҳбарони соҳаҳо мебошанд. Воситаҳои асосии татбиқи модели иҷтимоию иқтисодии Чин пешгӯиҳо ва нақшаҳо, инчунин мубодилаи иттилоот

байни субъектҳои низоми татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодро дар бар мегиранд. Ҷараёни таҳияи модели муосири иҷтимоиву иқтисодии Чин ба низоми мураккаби комплексии пешгӯи ва банақшагирӣ асос меёбад ва баҳодиҳии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат маҳз дар натиҷаи таҳлили натиҷаҳои иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагириву пешгӯӣ амалӣ гардонида мешавад. Ба сифати субъекти асосии низоми пешгӯӣ ва банақшагирӣ Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин баромад мекунад. Аз ҷониби ӯ корҳои зерин ба анҷом расонида мешаванд:

- таҳия ва татбиқи ҳуҷҷатҳои асосии нақшавӣ;
- таҳлили ҳолати низомҳои бузург ва омилҳои ба он таъсиркунанда; арзёбии иттилооти буҷетӣ ва молиявӣ;
- таъмини тараққиёти мутаносиби иқтисод ва низоми иҷтимоии давлат;
- ҳавасмандгардонии намояндагони низоми бузург барои гузаштан ба банақшагирии дарозмуҳлат;
- баҳогузорӣ ва такмил додани унсурҳои асосии низоми иҷтимоию иқтисодӣ;
- пешниҳод ва идоракунии инкишофи ҷараёнҳои иҷтимоиву иқтисодӣ;
- таҳия ва татабиқи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ вобаста ба банақшагирӣ;
- иҷрои вазифаҳое, ки аз ҷониби Шурои давлатии Ҷумҳурии мардумии Чин гузошта шудаанд.

Ҳуҷҷати бунёдии банақшагирии Чини муосир пешгӯии дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо номи «Чин-2050» мебошад [9,69]. Пешгӯии дарозмуддати «Чин-2050» бо нақшаҳои панҷсола муфассал мураттаб шудааст, ки нишондиҳандаҳои асосии зеринро муайян мекунанд:

- суръати рушди иқтисодӣ;
- муносибати баробарии унсурҳои низоми иҷтимоиву иҷтисодии давлат;
- характеристикаҳои асосии тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ;
- ҳолати экосистема [10,128].

Нақшаҳои панҷсола дар навбати худ бо нақшаҳои солона, ки барои як сол пешбинӣ шудаанд ва дар он ба таври муфассал масъалаҳои рушд ва тавозуни солонаи даромад ва хароҷот баён карда мешаванд, мукаммал гардонида мешаванд.

Яке аз воситаҳои асосии татбиқи босамари рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар Чин мубодилаи иттилоот байни субъектҳои низоми татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Татбиқи ҳуҷҷатҳои нақшавӣ бо низоми дуҷонибаи мубодилаи иттилоот байни сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Раванди мубодилаи иттилоот чунин мебошад:

1. Кумитаи давлатии рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти иҷтимоию иқтисодиро муайян намуда, онҳоро ба зинаи поён, ба дараҷаи соҳаҳо ва минтақаҳо равона мекунад.

2. Дар зинаи поёнӣ ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ тартиб дода шуда, дар доираи онҳо арзишҳои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳо дар навбати худ ба сатҳи баланд интиқол дода мешаванд.

3. Сатҳи боло ҳуҷҷати банақшагирии тараққиёти иҷтимоиву иҷтисодиро тартиб дода, ба сатҳи соҳаҳо ва минтақаҳо мефиристад.

Чунин ҷараёни мубодилаи иттилоот иштироки субъектҳои минтақаҳо ва соҳаҳоро на танҳо дар раванди татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирӣ, балки ҳангоми таҳияи онҳо таъмин менамояд, ки ин имкон медиҳад вазъи кунунӣ, иқтидор ва имкониятҳои ояндаи ин субъектҳоро ҳангоми дар амал татбиқ намудани ҳуҷҷати банақшагирӣ ба назар гиранд. Ин низоми иттилоотонӣ ҳамаи иштирокчиёнро дар марҳилаҳои татбиқ, мониторинг ва арзёбии татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ бо маълумоти зарурӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, ташкили низоми самараноки пешгӯӣ ва банақшагирии рушди соҳаи иҷтимой-иқтисодии давлат, ташкили самараноки таъминоти иттилоотии ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ ва калиди ташкили асосҳои рушди иҷтимоию иқтисодии давлат баҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сиёсати иҷтимоию иқтисодии худро тавассути татбиқи стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои дахлдори давлатӣ ба амал мебарорад. Аммо татбиқи ин барномаҳо бинобар номувофиқ будани онҳо ба имкониятҳои воқеии субъектҳои таъминкунандаи татбиқи ин барномаҳо на ҳамавақт амалӣ мегарданд. Бинобар ин, баъзе таҷрибаҳои Чинро дар бобати банақшагирӣ ва пешгӯӣ истифода намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ воқеан имкониятҳои ташкилӣ, кадрӣ, молиявию иқтисодии мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама мақомоти маҳаллӣ, инчунин муассисаҳо, ташкилотҳоро ба назар гирифтан зарур аст.

Иқтисоддонҳо яке аз моделҳои калидии рушди иқтисоди Чинро ҳаҷми бузурги содирот ва сармоягузорӣ, нигоҳ доштани қурби пули миллӣ барои ҳавасмандгардонии содирот ва назорати равобити бонкҳо ва корхонаҳои саноатӣ, фароҳам овардани имтиёзҳои назаррас барои корхонаҳои саноатӣ, арзёбӣ мекунанд [3,156-157].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки модели рушди иҷтимоиву иқтисодии Чин аз омилҳои дохилӣ ва байналмилалӣ иборатанд. Ба омилҳои дохилӣ миқдори хеле зиёди қувваи кории арзон, урбанизатсияи аҳолӣ (ҳаракати оммавии аҳолӣ ба шаҳрҳо), ки ба афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва ба вуҷуд омадани сармояи кофӣ мусоидат карданд, дохил намудан имконпазир аст. Дигар омиле, ки солҳои охир ба иқтисоди Чин такони нав бахшид, ин рушди инноватсионии он ва тараққии соҳаи технологияҳои иттилотиву коммуникатсионӣ мебошад. Дар соли 2018 Чин барои инноватсия 2,1 фоизи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-ро харҷ намудааст, ки дар даҳ соли охир хароҷоти он барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкторӣ ба ҳисоби миёна 20% зиёд шуда, аз он шохиси глобалии инноватсия шаҳодат медиҳад [11,108].

Калиди пешрафти иқтисоди Чин иштироки фаъолонаи давлат дар тамоми соҳаҳо ва сатҳҳои иқтисод мебошад. Параметрҳои асосии тараққиёти иқтисодро на бозор, балки давлат муайян мекунад. Дар рушди Чин нақши бартаридоштаи давлат ҷой дорад, ки танзими макроиқтисодиро муайян мекунад, аммо дар баробари ин имкон медиҳад, ки бахшҳои алоҳидаи иқтисод дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолият кунанд. Модели муосир зарурати ба пешрафти техникӣ такя кардан, идоракуниро пурзур намудан, кам кардани хароҷот ва зиёд намудани маҳсулот таъкид мекунад.

Ба моделҳои байналмилалӣ пеш аз ҳама кушодани дарҳо ва ворид шудани Чин ба иқтисоди ҷаҳонӣ шомиланд. Дар ин замина, бо таваҷҷуҳ ба таҳаввулоти модели иқтисодии Чин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки некуаҳволии мардум, асосан тавассути ҳамгироии тадриҷӣ ва амиқи он ба иқтисоди ҷаҳонӣ, истифодаи он аз дастовардҳои ҷаҳонишавӣ ва дастрасии байналмилалӣ ба сармоягузорӣ, мол ва меҳнат таъмин шудааст. Масалан, солҳои 80-уми асри XX Чин барои истеҳсолот ва сармояи хориҷӣ кушода шуд, ки аломатҳои он таъсиси чаҳор минтақаи махсуси иқтисодӣ, оғози узвияти ҶМЧ дар Хазинаи байналмилалии асъор ва рухсат ёфтан барои таъсиси корхонаҳои муштарак бо иштироки кишварҳои хориҷӣ буд. Ҷузъҳои сармоягузорӣ ва содирот муддати тулонӣ дар иқтисоди Чин ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодӣ ҷой гирифтаанд. Ҳамзамон, ҳадафи дарозмуддати Чин ин ҳавасмандгардонии афзоиши бозори маҳсулот буд, ки рақобатпазирии он аз ҳисоби мавҷудияти қувваи кории арзон тавассути муҳоҷирати аҳолии деҳот ба шаҳрҳо таъмин карда мешуд.

Марҳилаи нави тараққиёти иқтисодиёти Чин инкишофи иқтисоди инноватсионӣ ва ҳалли проблемаҳои иҷтимоию экологӣ дар заминаи маҳдудияти шадиди захираҳои табиӣ мебошад, ки асосан ба аввали даҳсолаи дуюми асри XXI рост меояд.

Сарфи назар аз он, ки иқтисоди Чин бо иқтисоди ҷаҳонӣ алоқамандии зич дорад, таъсири вазъияти сиёсии ҷаҳон ба он равшан аст. Зеро рушди иқтисодии Чин бо вуҷуди ҷорӣ намудани таҳримҳо ба миён омад. Аз ҷониби роҳбарияти Чин вазифа гузошта шуда буд, ки бо барпо намудани низоми идоракунии умумиҷаҳонии иқтисод он дар асоси рад кардани сиёсати протексионизм ва пешбинии муколамаи ошкоро ва фарогирии ҳамаи мамлакатҳо бояд асос ёбад. Худи иқтисоди Чин сарфи назар аз афзоиши мушкилоти дохилӣ ва ҷорӣ кардани таҳримҳо алайҳи кишвар бояд то ҳадди имкон кушода боқӣ монад.

Айни замон фаъолияти иқтисодии хориҷии Чин ба ташаббуси байналмилалии «Як камарбанд – як роҳ» асос ёфтааст. Вобаста ба ин масъала М.Ф. Ткаченко чунин қайд намудааст: “Як камарбанд – як роҳ» ҷузъҳои тавонои идеологӣ ва иқтисодӣ дорад. Аз нуқтаи назари идеологӣ ин «мегалоиҳа»-и чинӣ дар асоси яке аз афзалиятҳои асосии бунёди «ҷомеаи сарнавишти умумии башарият» («ҳама чиз якҷоя инкишоф меёбад ва ба ҳамдигар халал намерасонанд») амалӣ карда мешавад ва барои мамлакатҳои рӯ ба рушд оварда

ҳамчун алтернатива ба ҷаҳони Ғарб пешниҳод карда шудааст. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, ин иқдом бо сиёсати кунунии содиротии Чин алоқаманд аст, ки посух ба мушкилоти коҳиши рушди иқтисодӣ ва коҳиши даромади аҳолӣ пешниҳод шудааст” [8,74 ]. Аз ин рӯ, ба назари мо, лоиҳаи «Як камарбанд – як роҳ» он қадар васеъмиқёс мебошад, ки дар байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ оварда дар сафи пеш қарор доштани иқтисодии бечунучарои Чинро дар ҷаҳон ба миён овардааст ва хоҳиши он барои эҷоди як парадигмаи нави ғайриблокии муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳои баробарҳуқуқ ва шарикони масъул асос гузоштааст.

Ҷумҳурии Мардумии Чин айни замон консепсияи устувори тараққиётро татбиқ мекунад, дар комбинатсияи «тараққиёти истеҳсолот, ҳаёти ободи аҳолӣ ва муҳити солим» асос ёфтааст. Имконияти истифодаи баъзе консепсияҳои модели тараққиёти иқтисодиро, ки дар дигар мамлакатҳо инкишоф ёфтаанд, рад накарда, иқтисоди Чин ба комёбиҳои тамаддуни худ, ки дар консепсияи «сотсиализми дорои хусусиятҳои Чин» ифода ёфтааст, нигаронида шудааст. Чунин сохтори консептуалӣ аз мақсади Чин оид ба бунёди як давлати пурқувват дар асоси иқтисоди инноватсионӣ ва таҷрибаи наслҳои гузашта, таҳкими мақоми кишвар ҳамчун як қудрати ҷаҳонӣ, ки қодир ба муқобила бо чолишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти миллӣ мебошад, шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, «кишвари ба ҷаҳони беруна боз» ҳам паёми тавонои иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ-идеологӣ дорад, ки аз ногусастании муваффақият дар рушди иқтисоди инноватсионии бо нуфузи афзояндаи Чин дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад.

Ҳамзамон, тавсеаи иқтидори содиротӣ бояд ба рушди масирҳои логистикӣ, баланд бардоштани сатҳи минтақаҳои озоди савдои озмоишӣ ва тавсеаи шабакаи ҷаҳонӣ нигаронидашудаи минтақаҳои савдои озоди стандартӣ сурат гирад, ки оид ба он дар суханронии Си Ҷинпин дар иҷлосияи XX-уми Ҳизби коммунистии Чин таъкид шуда буд. Табиист, ки давом додани ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» идомаи мантиқии сиёсати иқтисодӣ дар хориҷа мебошад. Аз ин рӯ, яке аз чор ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ метавонад барои амалӣ гардидани сиёсати Чин дар ин замина шароит фароҳам оварад ва Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои транзитӣ ва пайвандгари Шарқу Ғарб табдил диҳад. Инчунин ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, аз ҷумла, аз Чин мусоидат намояд.

Ташаббуси Чин «Як камарбанд - як роҳ», ки соли 2013 аз тарафи Си Ҷинпин дар Остона ва Ҷакарта эълон гардид, аз ду қисм иборат буда, қисми аввали он «Камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи абрешим» ба кишварҳои хушки алоқаманд ва қисми дуюмаш «Шоҳроҳи абрешими баҳрии асри XXI» асосан кишварҳои баҳрӣ ё дорои бандарҳои бузурги ҷаҳониро дар бар мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлате, ки ба баҳрҳо баромад надорад, асосан ба қисми аввали он аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сеюмин кишвари пасошуравӣ мебошад, ки барномаи миллии худро, яъне Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро бо ин мегалоиҳа пайваст кард. Оид ба ин иқдом Пешвои миллат муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафар ба Чин (сентябри соли 2017) зимни иштирок дар саммити сарони кишварҳои БРИКС эълон намуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин кишварҳоест, ки бо Чин дар бораи пешбурди муштараки ташаббуси «Камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи абрешим» Ёддошти тафоҳум ба имзо расонд. Ёддошти тафоҳуми мазкур аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои рушд ва ислоҳоти Ҷумҳурии Мардумии Чин 13 сентябри соли 2014 ба имзо расонида шуд.

Саволе ба миён меояд, ки Тоҷикистон аз ин мегалоиҳаи чинӣ чӣ фоида ба даст оварда метавонад? Ба ақидаи муҳаққиқ А.М. Ашуров, Тоҷикистон ва Чин дар чаҳорчуби ташаббуси “Як камарбанд – Як роҳ” дар заминаи равандҳои геофарҳангӣ метавонанд фазои ҳамгироии минтақавиро ба эътидол оварда, барои рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ замина гузоранд [1,57].

Ҳамин тавр, модели рушди иқтисодии Чин аз маҷмуи омилҳои сиёсиву иқтисодӣ иборат буда, дар охири асри XX ба вуҷуд омада, дар асоси симбиози сотсиализми умумӣ ва элементҳои иқтисоди бозоргонӣ  рушд кардааст. Рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар оғози асри XXI ва гузаронидани самти асосии рушди модел ба ин самт имконият дод, ки иқтисоди Чин ба марҳилаи нави рушд қадам гузорад, ки ба бартарии иқтисодии он дар арсаи байналмилалӣ такони нав мебахшад.

Дар хотима бояд гуфт, ки муъҷизаи иқтисодии Чин барои Тоҷикистон ҳам хусусияти намунавӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ умедбахш мебошад. Татбиқи аксари моделҳои дохилӣ ва байналмилалии рушди иқтисодии Чин дар Тоҷикистон бо назардошти мавқеи иқтисодӣ ва ҷуғрофии он, имконпазир аст. Аз тарафи дигар, Тоҷикистон наздиктарин ҳамсояи Чин аст. Аз ин рӯ, рушди босуръати иқтисодии Чин, амалӣ шудани ташаббусҳои байналмилалии он, алалхусус ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» метавонад ба динамикаи рушди иқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбат расонад.

**АДАБИЁТ:**

1. Ашуров А. М. Место Республики Таджикистан в рамках инициативы «Пояс и Путь» // В центре экономики. – 2024. – № 2. – Т. 5. – С. 55-58.

2. Галаган А.Б., Савинов Ю.А. Эволюция модели экономического развития Китая // Российский внешнеэкономический вестник. – М., 2016. – № 6. – С. 40-52.

3. Гарипова В.В., Коба А.В., Муртазина Г.Ф., Харитонова Ю.М. Экономическая модель Китая: современные особенности // Экономика и социум. – 2014. – № 1 (10). – С. 156-159.

**4.** Конышева А.В., Гуань Цзяньцюань. Китайская модель экономических реформ и развития страны // Forum (Humanities and Social Sciences Edition) – 2020. – № 9. – P. 94-99 (in Chinese)

**5.** Луконин С.А., Заклязьминская Е.О. Трансформация социально-экономической модели Китая в условиях пандемии // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. – 2020. – Т. 13, № 6. – С. 198-216.

**6.** Рамазанов Ж.Ш. Социально-экономическая модель Китая и уроки для России // Известия Томского политехнического университета. – Томск, 2009. – Т. 314. – № 6 . – С. 13-15.

7. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики. – Душанбе: Дониш, 2022. – 414 с.

8. Ткаченко М.Ф. Китайская модель экономической глобализации // Вестник дипломатической академии МИД России. – М., 2023. – № 2 (36). – С. 66-81.

9. Хамалинская В.В. Особенности реализации меодели социально-экономической политики Китая // Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1. Экономика и управление. – М., 2023. – № 2 (45). – С. 67-73.

10. Цедилин Л.И. Современная модель социально-экономического развития Китая: идентификация и анализ // Вестник Института экономики Российской академии наук. – 2019. – № 3. – С. 126-136.

11. Шабалина Л.В., Мухина А.А. Современные аспекты инновационого развития Китая // Економічний вісник Донбасу. – 2019. – № 2(56). – С. 108-113.

## SUCCESSFUL ECONOMIC MODELS OF CHINA AND POSSIBILITIES OF THEIR APPLICATION IN TAJIKISTAN: SITUATION AND PERSPECTIVES

The article deals with the peculiarities of scientific research of modern economic models of developed countries related to the development of economy, its implementation in innovative and socio-economic objects and subjects. The author studied successful models of China in the sphere of economy and proposed their use and application in the conditions of Tajikistan. It is noted that given the economic and geographical location of Tajikistan, it is possible to introduce and implement many domestic and international models of China's economic development in the country. Since Tajikistan is China's closest neighbor, its economic development and its international initiatives, especially the ‘One Belt, One Road’ initiative, can have a positive impact on the dynamics of Tajikistan's economic development.

**Keywords**: model of economic development, management, information, innovation, information and communication technologies, market economy.

## УСПЕШНЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ МОДЕЛИ КИТАЯ И ВОЗМОЖНОСТИ ИХ ПРИМЕНЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА: СИТУАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье рассматриваются особенности научного исследования современных экономических моделей КНР, связанных с развитием экономики, ее

внедрением в инновационные и социально-экономические объекты, и субъекты. Автор изучил успешные модели Китая в сфере экономики и предложил их использование и применение в условиях Таджикистана. Отмечается, что, учитывая экономико-географическое положение Таджикистана, в стране возможно внедрение и реализация многих отечественных и международных моделей экономического развития Китая. Поскольку Таджикистан является ближайшим соседом Китая, его экономическое развитие и его международные инициативы, особенно инициатива «Один пояс, один путь», могут оказать положительное влияние на динамику экономического развития Таджикистана.

***Ключевые слова:*** модель экономического развития, управление, информация, инновации, информационно-коммуникационные технологии, рыночная экономика.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Нематова Парвина Муҳамадалиевна**, н.и.и. мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

**Сведения об авторе: Нематова Парвина Мухамадалиевна**, к.э.н. заведующий отделом Южной и Восточной Азии Института изучения проблем государств Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, телефон: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

**About the author: Nematova Parvina Muhamadalievna -** c.e.s. Head of the Department of South and East Asia, Institute for the Study of Problems of Asian and European States, National Academy of Sciences of Tajikistan, phone: +992 93-383-52-00; +992 918-83-52-00, E-mail: p.nematova@bk.ru

## ВКЛАД РОССИИ В ИНВЕСТЦИОННЫЕ ПРОЕКТЫ ТАДЖИКИСТАНА

**КУРБОНЗОДА ФАРИДА**
научный сотрудник Сектора исследования России Отдела СНГ
Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*С приобретением независимости Таджикистана открылась новая глава в таджикско- российских отношениях. Дружественные отношения двух стран базируются на межправительственных договорах о политике, экономике, науки и культуре.*

*Российская Федерация лидирует по количеству инвестиций в экономику Таджикистана. В период независимости российская сторона оказала поддержку Таджикистану не только в области политики, безопасности и торговли, но и развивает инвестиционные сотрудничество с Таджикистаном.*

*В статье автор показывает, в какие области в экономики Республики Таджикистан были привлечены российские инвестиции. Республика Таджикистан создала благоприятные условия и создала прекрасный инвестиционный климат для привлечения иностранных инвестиций*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Россия, сотрудничества, инвестиция, товарооборот, торговля, экономика, независимость, предприятия, капиталовложения.*

После приобретение независимости Республику Таджикистан признали более 192 стран мира как самостоятельную суверенную страну. В первые годы независимости страны столкнулась с рядом сложностей, как политического, так и экономического характера. Начался гражданский конфликт, который ухудшил экономическую ситуацию в таджикском обществе. После восстановления конституционного строя в Таджикистане, экономическое положение страны было ослаблено из-за последствий гражданской войны. Для строительства национальной экономики страны нужно было привлечь капитал и инвестиции, так как Таджикистан в одиночку не мог решить возникшие проблемы экономического характера.

История экономического развития стран мирового сообщества показывает, что в этом процессе большую роль играют инвестиции, так как в ситуации, когда та или иная страна не способна развивать национальную экономику, она должна привлечь международных инвесторов.

Таджикистан как развивающаяся страна также старается привлечь инвестиции в национальную экономику. В этом контексте в Таджикистане, за период независимости были приняты более 100 нормативно-правовых актов, регулирующих инвестиционную сферу, в том числе законы «О государственной поддержке предпринимательства», «Об инвестициях», «О внешнеэкономической деятельности», «О финансовой аренде (лизинге)», «Об инвестиционных соглашениях», «О концессиях», «О свободных экономических зонах», «О государственно-частном партнерстве» и другие нормативно-правовые акты. Данные законы направлены на правовую защиту инвестиций, предоставление инвесторам фискальных и не фискальных стимулов, обеспечение их участия в процессе приватизации и развития инфраструктуры [1,25-62].

В настоящее время в таджикскую экономику привлекаются инвестиции из стран дальнего и ближнего зарубежья. В этом контексте Россия остается главным торгово-экономическим партнером Таджикистана.

Для укрепления экономических отношений двух стран был подписан меморандум о долгосрочном экономическом партнерстве между Министерством экономического развития России и Министерство экономического развития и торговли Таджикистана.

В рамках подписанного документа министерства должны содействовать установлению сотрудничества России и Таджикистана в сфере инвестиционного климата, предпринимательства и сотрудничества между свободными экономическими зонами двух стран, а также стимулированию инвестиций и созданию совместных предприятий на территориях этих зон.

Торгово-экономическое взаимодействие двух стран подкрепляется инвестиционным сотрудничеством. Россия – один из лидеров по инвестициям в экономику Таджикистана. На данный момент на территории республики реализуется 31 проект с участием российских компаний на общую сумму порядка 650 млрд. рублей, в таких отраслях, как автомобилестроение, энергетика, промышленность и цифровизация [2]. По данным комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом республики по итогам первой половины 2024 года российские компании вложили инвестиций в экономику Таджикистана почти $714 млн., обогнав Китая и Италию[14].

Привлечения российских резидентов для участия в таджикистанских свободных экономических зонах осуществляется при поддержке Российско-Таджикского делового совета, который был организован 1 ноября 2022 года при Торгово-промышленной палате Российской Федерации. Совет призван стать эффективной площадкой взаимодействия российского и таджикского бизнеса, и планирует объединить предпринимателей, сделать все возможное, чтобы наполнить это сотрудничество практическим содержанием, которое отразится в реальных торговых и инвестиционных контрактах и росте взаимного товарооборота России и Таджикистана.

Первоочередными направлениями деятельности национальных деловых советов призваны стать организация бизнес-миссий таджикских и российских предпринимателей в регионы Российской Федерации и Республики Таджикистан, участие российских бизнес-кругов и представителей органов государственной власти в выставочно-ярмарочных мероприятиях в Республике Таджикистан, поиск потенциальных партнеров для субъектов предпринимательской деятельности обеих стран, а также проработка возможности организации ежегодного Промышленного форума в Таджикистане и форума в одном из субъектов Российской Федерации[3].

Объем взаимной торговли Таджикистана и России в январе - марте 2024 года вырос на 21% по сравнению с аналогичным периодом 2023 года и составил более 454,2 млн. долларов США. Основным партнером Таджикистана по импорту стала Россия - из этой страны в республику импортировано 28,9% всех товаров, на втором месте Китай с долей 23,2%, на третьем - Казахстан с долей 18,7 %. [4]




***Источник: Агентства по статистике при Президенте Таджикистана***

Уместно отметить, что Республика Таджикистан известна своими горно-металлургическими ресурсами. В настоящий момент, в г. Гулистон Согдийской области Таджикистана идет строительство совместной таджикско-российского предприятия по переработке производственных отходов для золотодобывающего предприятия «Апрелевка» [8]. Предприятие будет построено таджикской компанией «Технология переработки» совместно с научно-производственной компанией России «Спирит». Предприятие, рассчитанное на 150 рабочих мест, сможет перерабатывать до 100 тонн производственных отходов в час, а в дальнейшем этот показатель будет доведен до 150-200 тонн [2].

Нужно отметить, что торговое представительство Российской Федерации в Республике Таджикистане играет значительную роль для внешнеэкономического развития нашей страны. Например, российские предприниматели вложили финансовые средства в текстильную промышленность Таджикистана в свободной экономической зоне «Куляб». Одним из проектов производительного комплекса легкой промышленности России в Таджикистане является ООО «Пахтаи Куляб», для которого власти Таджикистана выделили 1,8 тыс. га участок земли сроком на 20 лет. В дальнейшем на этом участке будет возведен комплекс ткацко-прядильных предприятий. На территории г. Душанбе функционирует российское швейное производство ООО «Ситораи Точ» и в связи с расширением, данное предприятия планирует открытие нового швейного предприятия на 700 рабочих мест до конца 2024 года. Основным рынком сбыта продукции компании будет Российская Федерация [6].

Самой большой инвестицией России в таджикскую экономику является строительство и сдача в эксплуатацию Сангтудинской ГЭС-1, в котором доля России составляет 75% минус 1 акция, а доля Таджикистана 25% плюс 1 акция. Гидроэлектростанция функционирует с 2005 года, обеспечивая большая часть населения страны электричеством. На третью по мощности в Таджикистане Сангтудинскую ГЭС Россия выделила более 16 млрд. рублей [10].

Сегодня, предприниматели двух стран особое внимание уделяют развитию совместной транспортно-логистической инфраструктуры. Например, крупный мультимодальный российский перевозчик - компания «ПЭК», который специализируется на доставке сборных грузов авиа- и автотранспортом. Российскому

бизнесу, желающему прийти в Таджикистан, помогает и активизация проектной работы по линии Евразийского банка развития (ЕАБР). Банк уже представил свою страновую стратегию, что повышает шансы российских компаний, равно как и всех иных стран-участниц, реализовать свои инвестиционные идеи в Таджикистане [5].

Важным направлением деятельности России в Таджикистане является также выделение финансовых средств для развития сферы образования в нашей стране. Президент Российской Федерации уважаемый В.В.Путин в своих выступлениях не однократно твердит о том, что для укрепления и развития русского языка в Таджикистане каждый год выделяется 200 млн. рубль для русских школах Республики Таджикистан. А также при поддержке Всемирной продовольственной программы ООН предоставляются помощь для сельских школ республики, для которых Россия выделила более 86 млн. долларов США, начиная с 2013 года. Только в 2024 году для школ Согдийской области было передано 675 тонн витаминизированной пшеничной муки, 67,5 тонн гороха и 61 тонну растительного масла. Для нужд столовых 28 школ области было передано оборудование (холодильники, жарочные шкафы, вытяжки, бойлеры, мебель, посуда) на сумму около 500 тысяч долларов США [13].

Таким образом, Россия вносит большой вклад в деле укрепления экономического суверенитета нашей страны. Республика Таджикистан, в свою очередь, готов создать благоприятствующие условия для привлечения российских инвестиций.

«Мы надеемся на поддержку России в вопросах увеличения её экономического присутствия в странах Центральной Азии. Приход российского капитала в наш регион усилит антисанкционный иммунитет национальных экономик региона, позволит создавать новые рабочие места и тем самым подготовит условия для регулирования миграционных потоков» [12].

Таким образом, за период независимости Республика Таджикистан смог восстановить разрушенную после гражданской войны экономику. Россия, посредство инвестиций в таджикскую экономику внесла существенный вклад в этом процессе.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Инвестиционные возможности Таджикистана/ Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан / стр. 25 – 62

2. На севере Таджикистана началось строительство совместного с РФ предприятия/29 марта / Электронный ресурс: https://tass.ru/ekonomika/20391501 дата обращение 11.05.2024г.

3. По итогам расширенного заседания РТДС и ТРДС принята Резолюция//02.03.2023

4. Россия и Таджикистан впервые подписали меморандум об экономическом сотрудничестве /21.11.2023г./ Электронный ресурс https://ros-tadj.ru/news

5. Россия и Таджикистан в 2023 году приступят к реализации трех инвест – проектов /30 декабря 2022/Электронный ресурс: https://tass.ru/ekonomika/16719529

6. Россия построит в Кулябе текстильную фабрику//10.02.2024/ Электронный ресурс: https://tj.sputniknews.ru/20240210/russia-tajikistan-tekstil-fabrika-1061643122.html

7. Россия построит новое здание Русского драмтеатра имени Маяковского в Душанбе/ Апрель 17, 2024/ Электронный ресурс: https://rus.ozodi.org/a/32908914.html

8. Совместное таджикско-канадское предприятие "Апрелевка" было создано в 1995 году на базе Кайраккумского золотодобывающего рудника.

9. Товарооборот Таджикистана и РФ в I квартале вырос на 21% /25 апреля/ Электронный ресурс: https://tass.ru/ekonomika/20645025

10. Топ-3 крупнейших инвестпроекта России в Таджикистане/02.03.2023/Электронный ресурс: https://tj.sputniknews.ru/20230302/top-3-russia-tajikistan-1055273475.html (дата обращения 19.05.2024г.)

11. Торгово-экономическое сотрудничество/ Электронный ресурс: https://dushanbe.mid.ru/ru/russia-tajikistan/trade_economic_cooperation/ (дата обращение 16.05.2024 г.)

12. Хайдарзода Р.Дж. Центральная Азия и Россия на пути построения сообщества единой судьбы. Электронный ресурс //https: ru.valdaiclub.com/a/highlights/na-puti-postroeniya-soobshchestva-edinoy-sudby/ [дата обращения 20.05.2024г.]

13. Электронный ресурс: https://t.me/s/rustradetajikistan (дата обращение 11.05.2024г.)

14. В Душанбе заявили, что РФ лидирует по объему инвестиций в экономику Таджикистана /7 августа /Электронный ресурс: https://tass.ru/ekonomika/21553375 (Дата обращения: 13.08.2024г.)

## RUSSIA'S CONTRIBUTION TO TAJIKISTAN'S INVESTMENT PROJECTS

*With the acquisition of independence by Tajikistan, a new chapter has opened in Tajik-Russian relations. Friendly relations between the two countries are based on intergovernmental agreements on politics, economics, science and culture. The Russian Federation is the leader in the number of investments in the economy of Tajikistan. During the period of independence, the Russian side provided support to Tajikistan not only in the field of politics, security and trade, but also develops investment cooperation with Tajikistan.*

*In the article, the author shows in which areas of the economy of the Republic of Tajikistan Russian investments were attracted. The Republic of Tajikistan has created favorable conditions and an excellent investment climate to attract foreign investment*

***Keywords:*** *Tajikistan, Russia, cooperation, investment, trade turnover, trade, economy, independence, enterprises, capital investments.*

## САҲМИ РУСИЯ ДАР ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз оғози истиқлоли Тоҷикистон дар муносибатҳои Тоҷикистону Русия саҳифаи нав кушод. Муносибатҳои дустонаи байни ҳар ду мамлакат дар асоси созишномахои байнихукуматӣ оид ба сиёсат, иктисодиёт, илм ва фарҳанг.

Федератсияи Русия аз рӯи миқдори сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон пешсаф аст. Ҷониби Русия дар даврони истиқлол ба Тоҷикистон на танҳо дар арсаи сиёсат, амният ва тиҷорат, балки ҳамкориҳои сармоягузориро бо Тоҷикистон густариш дод.

Дар мақола муаллиф нишон медиҳад, ки ба кадом соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи Русия ҷалб шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид ва фазои хуби сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Русия, кооператсия, сармоягузорӣ, гардиши мол, тиҷорат, иқтисод, истиқлолият, корхонаҳо, сармоягузориҳои асосӣ.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Қурбонзода Фарида -** ходими илмии Бахши таҳқиқоти Русияи шуъбаи ИДМ-и Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.Суроға: Тоҷикистон, 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: (+992) 930-33-03-52. Почтаи электронӣ: kurbonova_22@mail.ru

**Сведения об авторе: Курбонзода Фарида**, научный сотрудник Сектора исследования России Отдела СНГ Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33.Тел: (+992) 930-33-03-52. E – mail: kurbonova_22@mail.ru

**About the author: Qurbonzoda Farida -** Researcher at the Institute of studying of the problems of Asian and European countries, tel. mob. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, tel.:(+992) 930330352; E-mail: kurbonova_22@mail.ru

# ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷои зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он мавод муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. –с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, с. 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, с. 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ҷ.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

*Ба матбаа супорида шуд 29.11.2024*
*Барои нашр имзо шуд 03.12.2024*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 22. Андоза $70x100^{1}/_{16}$.*
*Адади нашр 100 нусха. Супориши №147.*

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*